**Мақсуди ОРИФ**

# ҲИКОЁТ



Муаллифи китоби мазкур, Мақсуди Ориф, соли 1976 дар шаҳри Ҳуҷанд ба олами ҳастӣ чашм кушодааст. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 30, ноҳияи Б. Ғафуров ба бахши забонҳои хориҷии Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи Академик Б. Ғафуров дохил шуда, онро аъло хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 1994 бори нахуст ба ИМА сафар намуда, равияи рушди туризми байналмилалро ба итмом расонидааст. Соли 2001 мактаби махсуси муҳосибаро ва соли 2006 бошад, бахши Иқтисодиёт ва Молияи Донишгоҳи Муосири Русияро аъло хатм намудааст. Соли 2009 магистратураи бахши Сиёсатшиносии Донишгоҳи Ёркро (Британияи Кабир) хатм намудааст.

Донандаи панҷ забони хориҷӣ буда, дар манотиқи гуногуни Осиёи Наздик, Осиёи Миёна ва Аврупо дар мақоми мухталифи идоравӣ кор кардааст.

**Мақсуди ОРИФ**

# ҲИКОЁТ

**Хуҷанд-2015**

ББК

**Ба модари арҷмандам,**
**ки маро ба навиштани**
**ин китоб водор намуданд,**
**мебахшам.**
***Муаллиф***

**«Ҳикоёт» нахустин китоби Мақсуди Ориф аст, ки ба тариқи назму наср эҷод шуда, аҳамияти панду ахлоқӣ дорад.**

©Мақсуди Ориф, Хуҷанд 2015.

# Пешгуфтор

Дӯсти азизу гиромии мо - рӯзноманигори варзида ва шоири тавоно, узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон-Ҷӯра Юсуфӣ нусхаи электронии навиштаеро бо номи "Ҳикоёт", муаллиф Мақсуди Ориф, барои ман ирсол намуда таъкид карданд, ки аз қоида ва талаботи арӯзии он сарфи назар кунам ва танҳо мазмуни умдаи асарро дар шакли пешгуфтор фароҳам биоварам. Ҳарчанд ки муаллифи асарро бевосита намешинохтам, натавонистам сухани дӯсти арҷманд ва ҳамнафаси дилёбу беғарази солҳои ҷавониву имрӯзаам-Юсуфиро "бар замин гузорам". Ба қавли Саъдии бузургвор:

*Аз ҳарчи меравад, сухани дӯст хуштар аст,*
*Пайғоми ошно нафаси рӯҳпарвар аст.*

Чун "Ҳикоёт"-ро дар тӯли ду-се соат ду бору се бор хондам, яқин гардид, ки барои чӣ Ҷӯра Юсуфӣ хондан ва навиштани пешгуфтори онро ба ман ироа кардаанд. Азбаски "корафтода" будам ва ҳамчунин асареро бо номи "Маснавии навӣ" чанд сол муқаддам рӯи кор оварда. Гузашта аз ин ҳадафи муаллифро аз навиштани ин асар низ пай бурдам, ки мехоҳад, чигилҳоеро дар моварои ҳақоиқи Қуръонӣ бар ҷаҳл ва таассуб, ки миёни омма роиҷ аст, боз намояд. Охир, ин ҳамон ҳадаф ва орои инҷониб буд, ки чанд сол қабл ҳангоми навиштани "Маснавии навӣ" бар ман тасаллут мекард. Ҳангоми мутолиаи каррот бар маррот равшан гардид, ки нигоранда нафарест, ки бар маъниҳои ниҳонии китоби осмонӣ огоҳии бешоиба дорад.

Тибқи фармудаи абаркитоб : "Ло икроҳа фид-дин"- дар дин кароҳият нест. Вале агар кароҳият ҳаст, ҳамоно дар бардоштҳои зеҳнии мардуми омист, ки нафаҳмидаву насанҷида, оётро бар гунаи оро ва андешаҳои носараашон тавзеҳ мекунанд. Маҳз ҳамин ҳолати ногувор аст, ки таассуб ва хурофот эҷод менамояд. Як нуктаеро дар ҳамин бобат

дар "Маснавии навӣ" зикр карда будам, ки ҳамакнун мехоҳам ин ҷо биёрам.

Ман аслан омӯзгорам. Замоне дар маъракае миёни муллоҳои хомсавод ва муаллимони атеист баҳс шуд. Муаллиме мегуфт, ки дар ислом мегӯянд "Замин дар болои шохи гов меистад ва гов болои моҳӣ ва моҳӣ дар ломакон". Ва сипас ба таври худ шарҳ медод; "Кадом ақл бовар мекунад, ки Замин бо ин қадар бузургӣ дар болои шохи гов истад?" Баъзе нобоварон хандиданд. Ба муллое ин сухан сахт расид ва гуфт, ки "Дар ислом ин гуна ҳарф нест". Сипас ба ин ҷониб рӯй оварда ҳақиқатро фаҳмидан хостанд. Гуфтам, ки "Оре, дар ислом ҳамин сухан ҳаст". Муаллим ва тарафдорони ӯ хурсанд гардиданд. Аммо муллоён чин бар абрӯ кашиданд ва ғолибан аз сарашон чунин фикр гузашт, ки Ӯ, ки муаллим буд, тарафи ҳамкасбаш-муаллимро гирифт". Баъд ба муаллим нигариста идома додам; "Аммо шумо гумон накунед, он гов-ҳамон гови оғили шумост. Агар шумо ба киштии кайҳонӣ нишаста ба бурҷи Алфа-Сентавр равед ва ба қафо нигаред, мебинед, ки Замин дар болои шохи гов-яъне бурҷи Савр ва бурҷи Савр дар болои бурҷи Ҳут ва бурҷи Ҳут дар Ломакон-яъне вакуум қарор дорад."

Бузургони адабу фарҳанги мо пеш аз ҳама пешвоёни дини мардум ва диёри худ буданд. Низомии Ганҷавӣ мефармояд:

*Дар он соат, ки бошад нашви ҷонҳо,*
*Гули тасбеҳ рӯяд дар забонҳо.*
*Забони он, ки ӯ бошад барӯманд,*
*Шавад гӯё ба тасбеҳи Худованд.*

Мавлавии Румӣ фармуда:

*Каъба бутгоҳи Халили Озар аст...*
*Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст.*

Бигирем Ҳофизи бузургворро, ки гуфта:

*Ҳофизо, май хуру мастӣ куну хуш бош вале,*
*Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро.*

Гузаштагони арҷманди мо нуктаҳои назари озодихоҳонаашонро дар андешаву афкори динӣ пиёда мекарданд ва ба ҳамин васила мардумро аз офати ҷаҳл ва таассуб дур нигоҳ медоштанд. Ва ҳадафи асосии муаллифи асари мазкур низ ҳамин будааст.

Муаллифи асар дар заминаи омехтагии андеша ва қиёс оятҳои Қуръониро бо далелҳои ақлонӣ ва зарбулмасалҳои халқӣ қаробат медиҳад ва ҳикоёти воқеиро аз рӯзгори мардум чунон моҳирона баён месозад, ки дар натиҷа асаре хонданӣ ва ибрате омӯхтанӣ барои хонандагон фароҳам меорад. Дар бораи вазну қофия чизе намегӯям, аммо ба ростӣ, ки аз муҳтавои асар хеле хушам омад.

Ҳикоятҳои тамсиломези "Марди ҷоҳиле, ки дар ҷамоъат "Аллоҳу акбар!"- гӯён дод мезад, валекин аз андозаи аслии бузургии Худо каме тасаввурот надошт", "Шайхи як деҳа, ки шири табиатан сапедро назди мардум сиёҳ эълон намуд", "Ҳикояи саги думбурида", "Ҳикояи шахсе, ки "дар" мегуфт, вале ҳамсуҳбаташ - "девор", "Ҳикояи ду обиде, ки яке шабро қадр мекард, дигаре бобояшро", "Ҳикояи боғбоне, ки зарпечакро решакан мекард, то ки гулони боғаш осоянд", "Ҳикояи Маҷнун, ки шаби дароз зери борон дар остонаи дари Лайлӣ менишаст ва аз бераҳмии Лайлӣ фиғон мебардошт", "Ҳикояи зане, ки соҳиби фарзандҳои зиёде буд ва моҷарои вай бо устоди мадраса", "Ҳикояи ҷавоне, ки лаби оби дарё нишаста, нонпораҳоро мепартофт ва мегуфт, ки "Ҳар чи кунӣ, бо худ кунӣ", "Ҳикоя оиди оне, ки на ҳама вақт дӯст дӯстӣ ва душман душманӣ мекунад" беҳтарин навиштаҳои ин асар ба шумор меравanд.

Зарбулмасалҳои "Сухани бисёр-ба хар бор", "Шири сафедро сиёҳ гуфтан", "Хомӯшӣ тиллост", "Некӣ куну ба дарё андоз", "Ҳар чи кунӣ, бо худ мекунӣ" ва ғайра бар ҳусни маънавии ҳикоёт афзудаанд.

Ҷо-ҷо аносири танз ва ҳазлу шӯхӣ истифода шудааст, ки хеле хушҳолкунанда ва намакин аст. Асар аз дурдонаҳои маънии баланд, ки бозёфтҳои шоиронаи муаллифанд, низ

моломол аст, ки ҳамакнун чанд байт барои намуна меорем:

*Роҳҳоро на ба чашмон кофтем,*
*Балки бо овоз тарфе ёфтем.*
***
*Ай амири муқтадиён, вақт чист?*
*Кӣ муайян кард, кадомаш беҳтарист?*
***
*Ту кунун гӯй, ай Имом, дерӣ зи кист?*
*Дер ман ҳастам, ту дерӣ, ё ки чист?*
***
*Рӯзе дар саҳро яке шахс андаке*
*Рӯзи рӯшан хуфта буд дар роҳаке.*
***
*Оташе зад, сӯхт кандухонаро,*
*Даршикасту пой зад вайронаро.*

Аммо беҳтарин чизе, ки аз ин асар дарёфтам, ҳамоно панде буд, ки ҷаноби оқои муаллиф - Мақсуди Ориф аз фармудаҳои падарашон иқтибос овардаанд:

"Худоё! Аз дӯстонам нигаҳ дор маро, ки аксари онҳо дар асл душманони мананд!"

Бешубҳа, ин ҳикмат бозгӯйкунандаи ҳол ва аҳволи асри муосир аст.

Ба муаллиф барои навиштани осори нав ба нав тавфиқ таманно дорем!

***Маликнеъмат Неъматзод,***
***номзади илмҳои суханшиносӣ,***
***узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон.***

## Ҳикояи маъюбе, ки бо чашми нигарон ва умед аз раҳмати Худо мезист ва ё тобише аз Ояти "... ахазнаҳум бағтатан ва ҳум мублисун" (Сураи "Анъом", Ояти 44)

*Теғи тез зан дасту поеро, ки ниҳод,*
*Бефароғат кунҷи абгор фил лиғод.*
*Зан оташ нафсу танро, ки ниҳад,*
*Дар унуқаш ҳабли вазнин аз масад.*
*Кан пӯстро, к-аз ҷилойи вопасин,*
*Мефишорад ҷону танро, ай ҳазин.*
*Мехи ғафсе зан ба чашмон, ки ғодан,*
*Ӯ назар натвонад бурдан сӯйи тан.*
*Ғишвае аз мум бирез гӯши мариз,*
*Гар туро н-ояд мукофот аз Азиз.*
*Ин забон овез ба дор, к-аз ин бақӣ,*
*Ноумед кард аз умедат ин шақӣ.*

Ин он рӯзест, ки инкоркунандаи ҳақ медидааст, ки чиро "дастонаш" ба он рӯз пеш овардаанд (Сураи "Набо", Ояти 40), яъне, ташбеҳан, чӣ мояе барои фардои рӯзи охир инсон барояш тайёр намуда, бо он назди Ҳақ мерафтааст. Ва аз ин оят бармеояд, ки инсон ғами фардоро бояд имрӯз хӯрад, мисли оне, ки ҳезуми зимистонаро дар тобистони гарм тайёр кунад ва ё маводи ғизои зимистонаро дар тобистон омода намояд ва ҳоказо. Гар ин "дастон" аз уҳдаи ин кор баромада натавонанд ва ё нахоҳанд, пас ин "дасту пойҳоро" бояд бурид, ки фардо ("лиғод", Сураи "Ҳашр") инсонро дар кунҷи нобоб мемонанд ва аз қатори шармандагон ва уҳданобаромадагонаш мегардонанд.

Нафси аммора ва шаҳват, ки инсон аз идораи онҳо дидаву дониста дар ин дунё худдорӣ менамуд, метавонанд пагоҳ (Рӯзи Охир) бар унуқи (гардан) инсон занҷиреро (ҳабл) аз лифи хурмо (масад) овезанд (Сураи "Масад") ва сӯйи Дӯзах баранд ва ҳоказо…

Пас, ин ҳама асбобу аҷсоме, ки Худо ба инсон ҳамчу неъмат додааст, инсон бояд аз рӯйи мақсад ва ҳадафи ниҳойии офариниш, дар роҳи некӣ ва васл ва рушд истифода барад. Ин асбобу анҷом метавонанд пагоҳ нисбати соҳибашон шаҳодат диҳанд (Сураи "Ёсин") ва боиси рафтанаш ба Дӯзах гарданд.

*Аз пайи ҳикмат зи нақли он ҷавон,*
*Мебиёрем нақли дигар ин замон.*
*То равиву бозгирӣ маънӣ зи вай,*
*Бозназмонӣ холӣ аз нафх мисли най.*
*Мо нуҳуфтем ҳикматеро боби ақл,*
*З-ин аломат хидматеро ранги нақл.*
*Гар ину он мабдаъи эъҷоз нашуд,*
*Маънии амри "иқом"-аш аз чӣ буд?*
*Лек, ба шарте ақл инро фаҳм кунад,*
*Гар тавонад аз "салоташ" дарк кунад.*

Ақл, ки аз беҳтарин неъматҳост, ба инсон барои фаҳму идрок намудани ҳаводис ва воқеъот, барои дуруст интихоб намудани роҳ ва раҳойӣ аз муаммову мушкилот, яъне барои нақл аз як ҳолат ба ҳолати дуруст дода шудааст.

Дар яке аз ҳикояҳо оид ба муҷодалаи ҷавон нисбати муаммои дерина сухан ронда будем, ки агар Худо бениёз аст, пас чаро амри иқоми салотро (хондани намоз) намудааст ва ин ҳама иҷроиши аркон барои мусалмон баҳри кисту баҳри чист? Маҳз ингуна ихтилофҳоро инсони боақл бояд муфарриқ бошад. Ва барои ин ҳам, инсон бояд аз хусусият, моҳият ва намудҳои "салот" (намоз) ба василаи ақл огаҳӣ пайдо карда тавонад.

*Сабру некӣ, ҳам санову ҳам хато,*
*Аз намуди он салотанд, ай фато.*
*"Фазкурунӣ" ёди вай аст, ай ҷуҳул,*
*"Азкуркум", пас ба ту гаштаст нузул.*
*Пас, дар маънӣ қиёму з-ин суҷуд,*
*Шукри Ӯ аст, пас ситоиш бар Вуҷуд.*
*Маънии дигар муаззаф з-ин салот,*
*Таклифи беҳ гаштанат кунад барот.*
*Дар сифоту пас дар аъмол чора ҷӯй,*
*То нагардад он сироташ мисли мӯй.*

Яъне, чизе, ки аз амри Худо оиди барпо намудани салот аст, ин, пеш аз ҳама, барои ситоиш ва шукргузории Худои меҳрубон аст, яъне шукри неъматҳои додааш, шукри нафасҳои додааш, шукри амнияту хушбахтии додааш ва ҳоказо. Ва ин аст, мазмуни Ояти қуръонӣ, ки Худо мегуяд "Фазкурунӣ, азкуркум вашкурлӣ…", яъне, "Дар хотир дошта бошед маро, то ки дар хотир дошта бошам шуморо ва шукр аз ман кунед…". Мазмунан ин аст, ки Худо ба инсон лозим аст, на ин ки инсон ба Худо. Агар Ӯро ҳамеша дар хотир дошта бошему шукри Ӯро кунем, пас Худо ҳам ёди моро мекардааст.

Дигаре, ин албатта, беҳтар намудани ҳолати руҳонӣ ва ҷисмонӣ аст, яъне, беҳтар намудани хулқу атвор ва ҳатто фаҳмишу идрок ва хаёл аст.

*Дар радифи гуфтаҳои ин ҳама,*
*Нақли маъюб карданием бар ҳама.*
*Марди якдаст, якпову чашму гӯш,*
*Дармонда дар қафасҳо мисли муш.*
*Як даст бар хок мезад бо умед,*
*Як чашм аз карда медид бо сапед.*
*"Кун, Худоё, ин таямумро ҳалол,*
*Рафтани ман назди дарё сад малол!*

*То раҳи дур рафтанам вақти салот,*
*Чун қазо гардад, равад он сӯйи бод.*
*Метарсам вақти нозук рафт зи даст,*
*Пойи дигар ман надорам, ай параст".*
*Ин бигуфту дар давоми матлабаш,*
*Сухане омад зи қаър андар лабаш.*
*"Ман заъифам, нотавон з-ин шисту-хез,*
*Пас, макун шармандаам дар Растахез.*
*Лек дар дил аз ҳазорон матлабам,*
*Як чиз ояд, на ҳазорон, з-ин лабам.*
*Шукри он гӯям, ки имрӯз зиндаам,*
*Нимтан ҳастам, лек ба як дил мақбулам.*
*Ин нафас неъмат бидодӣ бар барам,*
*То ки матлаб з-ин дилам наздат барам.*
*Гар надорам ними тан аз ними он,*
*Шукр барояд ҷойи ин оҳу фигон…*
*Гар надодӣ дасту пою чашму гӯш,*
*Дода обам, ин туйӣ, гӯйӣ "Бинӯш!"*
*Ман чаро шукре наёрам ҷойи даст,*
*Дасти ту орад тановулҳо башаст?!*
*Ман чаро нолам, ки дурӣ аз ватан,*
*Нокарда мекунӣ наздик ба ман?!*
*Каъбаро овардаву дар дил ту ҷой*
*Карда, дар он мезиҳӣ ту, ай Худой?!*
*Пас, дили ман манзили ободу бард,*
*Ҳар касеро, ки дар онҷо хона кард.*

Бале, ин "ниматана", бо ин ҳама нуқсу айб аз "пуртанаҳо" пуртантар будааст. Ин маъюб бо умед аз раҳмати Худо мезист, шукри дода ва нододаҳоро мекард. Барояш бас буд, ки дил дорад, хоҳиш дорад, матлаб дорад ва аз ҳама авлотараш - Худое дорад, ки дар дилаш ҷой гирифта буд, ҳамсуҳбату ҳамдамӣ бо ӯ мекард, матлабу розашро танҳо

бо ӯ иброз медошт ва он Худое, ки он "дуриҳоро" барои ин бепой наздик мекард, "обҳоро" барои ин бедаст бо дасти худ медод.

*Пас, бубин, ки, ай бародар, нуқси тан,*
*Мебарорад дасту пойҳо аз бадан.*
*Ин ҳама асбоби сохта аз Худо,*
*Менатонад кард туро аз Ӯ ҷудо.*
*Даст надорад, пас дасти он Вуҷуд,*
*Кумаки маъюб кунад дар ин суҷуд.*
*Гар натонад бар рукуъ рафт ин заъиф,*
*Пойи дигар бар иваз орад шариф.*
*Гар натонад дид ба шарти чашми тан,*
*Чашми ақлро мегушояд дар ватан.*
*Гар натонад гуфт сухан бо ин забон,*
*Пас, гушояд дар дилаш дигар лисон.*

Яъне, Худои қодир метавонад сарфи ин ҳама нуқс инсони шукргузорро сад асбоби дигар бар ивази он чизе, ки надодааст, бидиҳад.

*Ӯ, ки аз ҳабли варидаш шуд қариб,*
*Мебарад хидмат ба садҳо, ай рақиб.*
*Даргушо, пас, боби дилро бар Шафиқ,*
*То ки ёбад дар дилат маскан Рафиқ!*
*Сабр кун ин додаву нододаро,*
*З-ибтило пур кардааст ин бодаро.*
*Оби шӯр ҳам об аст, з-ин шӯриҳо,*
*Мебарорад ғам ва дуд аз мӯриҳо.*
*Мисли мублисон машав бар худ аду,*
*Гар фараҳро баргирад аз байни ту.*
*Мублис аст Иблис, зи раҳмат ноумед,*
*Ноумед, пас, Иблис аст, ай ноумед.*
*То ту дорӣ дар танат ҷону нафас,*

*Тоири умедро сар деҳ з-ин қафас.*
*Мон, ки паррад то ба Қудсу Арши Ӯ,*
*Гар наёфтӣ маъние, мондӣ аду.*

Бале, инсон набояд ноумед аз раҳмати Худо бошад, ки дарҳои раҳматаш ҳамеша ва ба ҳар кас кушодааст.

Баргашта бар тобиши Ояте, ки дар сарлавҳаи ин ҳикоя буд "… ахазнаҳум бағтатан ва ҳум мублисун", дар Сураи "Анъом", Ояти 44 чунин мазмун дорад: вақте ки дарҳои ҳама чизро (хоҳ аз неъмат бошад) кушода буд барояшон Худо, шодмон буданд ва вақте, ки Худо ин дарҳоро барояшон пӯшид ва додаашро аз байн бардошт, ҳама ноумед шуданд, яъне мублис шуданд.

Аз ин ҳам, агар маънии аслии "Иблис"-ро дарк намуданиед, ки дар аксари оятҳои қуръонӣ омадааст, пас, ин "ноумедӣ" аст, яъне Иблис - махлуқе, ки ноумед аст.

Умеду орзуро, пас, ҳамчу роз байни худ ва Худо ороед, аз Худои Қодир талабед, умедро аз раҳматаш бармаканед, то ки аз қатори ноумедон магардед.

## Ҳикоя оиди оне, ки на ҳама вақт дӯст дӯстӣ ва душман душманӣ мекунад ва ё тобише аз тафсири Ояти "Раббано, ма атғайтаҳу..." (Сураи "Қоф", Ояти 27)

*Буд маро бобо зи ёдаш хайр кунам,*
*Даргаҳи даъворо бо дил сайр кунам.*
*Аз самиму аз замири қалби худ,*
*Зикри хайр ояд ба ёдаш з-ин вуҷуд.*
*Як замон аз ӯ баромад ин дуъо,*
*Ҳар замона ҳасту будаш муддаъо.*
*Ин дуъо аз некӣ аст, лек дар назар,*
*Менамояд каҷҷу пур он аз хатар.*
*Пунбаро баргиру деҳ з-ин гӯши дил,*
*Фаҳми маънӣ пас барорад аз хиҷил.*
*Гӯши сар не, гӯши дил қодири он,*
*Фарруқи росту хато аст, ай фулон.*

Боре шунидам, ки падарам (Худо раҳмат карда бошад) ба ман гуфтанд, ки аксари онон, ки имрӯз туро дӯстӣ мекунанд, дар асл душманонанд ва онон, ки ту фикр мекунӣ, ки ба ту душманӣ карда истодаанд, дар асл дӯстони туянд. Пас дуъо карданд. Аз шуниди аввал ба гӯшам ҳамчунон расид, ки мантиқаш гӯё вайрон менамуд, валекин дертар онро фаҳмидам. Акнун ман медонам, ки ин дар асл дуъои дуруст ва ҳақиқати ҳол аст.

*Бар дуъо дастони худ бардошта гуфт,*
*Ин дуъоро, ки дилаш солҳо нуҳуфт.*
*"Ай Худоё, аз дӯстонам нигаҳ*
*Дор марову ҳоли манро з-ин фараҳ.*

*Он, ки гўяд "дўст", лекин, ай дарег,*
*Дар таҳи остин дорад чўбу тег.*
*Лоф занад хандидаву тайёр ба он,*
*То занад тег, пас, барояд аз ту ҷон.*
*Пас нигаҳ дор аз чунин "дўстон"-и бад,*
*Ки баранд бо "дўстишон" сўйи лаҳад.*
*Аксари эшон на дўст, бал душмананд,*
*Он, ки ин рўзҳо зи "дўстӣ" гап зананд.*
*Дўсти ман, дар асл оне, ки ман варо,*
*Аз ҷаҳолат "душман" хондам, ай Худо."*

Яъне, падарам чунин дуъо карданд: "Худоё, аз дўстонам нигаҳ дор маро, ки аксари онҳо, дар асл, душманони мананд!" Пас, изофа намуданд, ки ҳар киро, ки ман аз нодонӣ душман меҳисобидам, дар асл некхоҳи ман будааст, валекин, ман инро нафаҳмидам.

*Дўсти ман ҷуз нест он, ки мебарад,*
*Суйи даргоҳаш ба некӣ мекашад.*
*Дода ранҷу дода зарбу ибтило,*
*Мекунад санҷиш зи дўстӣ бо бало.*
*Пас, ту фарқи "дўсту душман"-ҳо бидон,*
*То намонӣ дар қатори ҷоҳилон!*
*Пас, паноҳӣ ҷўй аз даргоҳи Ҳақ,*
*З-ин ҷаҳолат мисли Мусо дар шафақ.*

Ва ин ҳама танҳо барои донистани оне, ки кист "дўст" ва кист "душман" буд, то ки ман тавонам аз ин маъние бардорам ва дўсту душманони аслии худро шинохта тавонам. Пас, инсон бояд соҳиби ақлу хирад бошад, то тавонад каҷҷу ростро, дўсту душманро, ҳалолу ҳаромро, ҳаққу ноҳақро фарқ карда тавонад ва аз қатори ҷоҳилон набошад, мисли Мусо калимуллоҳ, ки вақти посух додан бар қавми худ, аз Худо қасам ёд кард ва дуъо карда аз Худо талаб намуд, ки ўро (Мусоро) аз ҷоҳилон (нодонон; яъне, аз нодон будан) нигаҳ дорад. (Сураи "Бақара", Ояти 67).

*Боз бидон, к-ин ганҷи дунё мори ҷуд,*
*Мезанад дандони заҳраш бар вуҷуд.*
*Он, ки ошно шуд бо ин мор, гариқ*
*Мешавад дар баҳри афсӯс ин ҳариқ.*
*Гашта муғриқ дар миёни баҳри ҷуд,*
*Бонги ёрӣ мезанад ӯ бар вуҷуд.*
*Сӯйи соҳил ҳар гаҳе, ки ӯ кашид,*
*Сӯйи хонаш носипосона давид.*
*Пас зи хотир ӯ баровард он киро,*
*Ки кашид зинда зи баҳраш мурдаро.*
*Ҷойи он, ки менишасту шукр бикард,*
*Носипосӣ мекунад ин марди "тард".*
*Ҳаст "лашатта" саъйи эшон, худ ба сар,*
*Мезананд сад навдаҳо аз чӯби тар.*
*Таппакеро зер кунад имрӯзу пас*
*Мезанад ӯ пой бар он бо сад ҳавас.*
*"Хосир" аст инсон, чӣ ҷойи ин аҷаб?!*
*Карда коре мегазад ангушт ба лаб.*
*Пас, нишони ҷоҳилист инкори ҳақ,*
*Мар нашояд захмро чошид намак.*
*Гар туро доданд ҳуқуқи интихоб,*
*Ҳеҷ макун дар интихобат ту шитоб.*
*Ақл ба кор бар, сабр куну сер биҷӯй,*
*То ки бошад байнашон аз қили мӯй.*
*Сарҳади рост сарҳади каҷҳо бувад,*
*Як қадам лағжад ба каҷҷӣ меравад.*
*"Африг"-у "саббит", пас мазмуни ҳад,*
*Аз машокил сӯйи осонӣ ҷаҳад.*

Бале, инсон зиёнкори худ аст (хосир; Сураи "Аср") ва саъю кӯшишҳояш ҳам гуногун (лашатта; Сураи "Лайл"). Дидаву дониста ба хатоӣ роҳ медиҳад ва аҷабаш ин, ки баъди чанде, ӯ ҳамин як хаторо боз такрор мекунад.

Аҷибтараш ин, ки ҳар гаҳе ӯ хатоӣ кард, тавбаву тазарро мекунад, аз Худо ёрӣ металабад ва Худо ба ёрии ӯ медавад. Вале вақте ки ҳамааш гузашт, инсон аз Худо фаромӯш мекунад ва ҳатто носипосӣ карда, сӯйи хонаи худ, яъне сӯйи "дӯстонаш", ки ӯро ба ин наҳри ҳаводису ҳавас тела додаанд, меравад, на сӯйи дӯсташ, яъне Худо, ки ӯро огаҳ ва аз тӯфони ғарқ озод карда буд.

Пас, Худо кунад, ки инсонро ақлу интихоби дуруст дода бошад ва сабрашро фароғат ва қудумашро собит гардонида ва кумак кунад, то ки инсон зафарёб гардад. (Дуъо аз Қуръон)

*Интихоби дӯст нашояд з-ин қавӣ,*
*Гургро ту дӯсту гӯсфанд - душманӣ.*
*Гар даме чӯпонро ар ғафлат гирад,*
*Гӯсфандро гурги тездандон газад.*
*"Таъхуз" аст инсонро ин "навм"-у "синат",*
*Аз заъифӣ ӯро хобҳо мегирад.*
*Шукри он Ҳофиз, ки чашмаш рӯзу шаб,*
*Ҳаст кушода баҳри инсон, ай аҷаб!*
*Вақти дарду вақти ранҷат, пас, бидон,*
*Ёди ӯ кун, ёди неъмат, на фиғон!*
*Он, ки "дӯстат" мегирад имрӯз, пагоҳ,*
*Чашми ҳайрат боз орад дар нигоҳ.*
*Пас қаринаш савганд орад, ки бидид,*
*Аввалин бор мар туро, пештар надид.*
*Гӯяд он дам: "Раббано, ма атғайтаҳу…"*
*Дӯсти ман нест, балки душман ин аду.*
*"Аз чунин дӯстон" - бигуфт бар ман падар,*
*"Гард дуру кун ту аз онҳо ҳазар!"*

Бале, суханони падари марҳумамро ба ёд оварда, мисли ӯ дуъо карданиям: "Худоё! Аз дӯстонам нигаҳ дор маро, ки аксари онҳо дар асл душманони мананд!"

# Ҳикояи зане, ки бар зани "кунсӯхта" "Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд!" гуфт ва тобише аз тафсири Ояти "Фаасбаҳта кас сорим" (Сураи "Нун" (ва ё "Қалам"), Ояти 20)

*Чун гишои лайли ҷаҳлаш рафт зи тан,*
*Мавҷи ақлаш баррасад бар ин бадан.*
*Ин таҷаллӣ з-ин наҳори нусраташ,*
*Ҷомае пӯшад бар ақлу ботинаш.*
*Ай мусаллӣ, "мин зулумот" то ба "нур",*
*Як қадам роҳ аст, вагарна гаштӣ кӯр.*
*Гар найӣ аъмо, валекин з-он "асо",*
*Даъвате изҳор кун ту, ай расо.*
*Чун ҳақиқат пеш бувад, ту дар пайӣ,*
*Аз паси асо бирав дар бераҳӣ.*
*Кӯр набуд Мусову бино, з-ин асо*
*Дар раҳи ҳақ байни кӯрон гашт басо.*
*З-ин сабаб, дар шаб кӯр бо фонусаш,*
*"Яставӣ" мегуфту мерафт дар раҳаш.*
*Шахси дида фикр мекард, к-ин бало,*
*Аз куҷо пайдову ин фонус киро?!*
*Ӯ, ки дар рӯз кӯр асту чӣ тавон,*
*Вақти шаб бинад кӯри нотавон?!*
*Лек, ягоне з-ин "кӯрон" раста буд,*
*Он ҳақиқатро, ки аъмо дида буд.*
*Пас, бубанд ин чашми кӯрро дар бадан,*
*Чашми хуфӣ баргушо дар қаъри тан.*

*Он, ки бинад ӯ набинад ҳеҷ яке,*
*Пас раҳест байни уюнаш андаке.*
*Кун насӯзад, онкиро "кунсӯхта" ном,*
*Гар баранд аз баҳри бухлаш назди ом.*
*Гӯш бидеҳ, пас, ин баёни омиро,*
*Зарб диҳем мо ин мисоли номиро.*

Аз зулумот бар нур рафтан, яъне аз торикӣ ба рӯшанӣ, дар Қуръон, мисоли рахши ақлонист, ки инсон бояд аз Худояш талабад. Ҳар он шабе, ки ҳаст, рӯшанӣ ҳам дорад, пас бояд инсон баҳри он рӯзи рӯшан зиҳад. Гар ин танро ақле наояд, инсон дар торикист. Барои ин ҳам, инсон бояд кӯшиш кунад ва аз Худо "асо"-ро талаб намояд, то он инсонро ба роҳи дуруст ва некӣ ҳидоят намуда, барад.

Ақлу илми муфиди гирифта, мисли он "фонус дар дасти кӯр" на танҳо кӯрро, балки шахси бинороро ҳам роҳ мебахшад. Гарчанде дар Қуръон нест баробарӣ миёни аъмо (кӯр) ва басир (бинанда) (Сураи "Ғофир") дар онҷо кӯру бино гуфта, шахси бад ва некро, роҳи дуруст ва каҷро ташреҳ намудаанд, валекин кӯри мо бошад " яставӣ" гуён, яъне "баробар аст", бар даст фонусе бардошт ба хотири оне, ки дар ин дунё ва гумроҳӣ ҳама баробаранд ва фонус ҳар якеро лозим аст, то ки аз зулумот ба нур рафта тавонад, сапедиро аз сиёҳӣ фарқ карда тавонад, ҳалолро аз ҳаром.

Масали осонтарини он, ин "кунсӯхта", ки дар асл оид ба зарар аз бахиливу ҳасад баргирифтаи инсон аст, ки ӯро дар охират месӯзонад.

*Шуд саҳар, вақти намозаш гашт вуҷуб,*
*Зан бихесту нияте кард бар суҷуд.*
*Муттаасиф гашта, тира хотираш,*
*Ӯ бияфшонд наму ях аз болинаш.*
*Мурда буд он лахчаи охир, ки гарм,*
*Сохта буд дар зери бистар ҳоли нарм.*

*Бо умеди кашфи оташ шуд бурун,*
*То дарорад ёфтаашро андарун.*
*Лек, наёфт ӯ лахчаро дар дони таш,*
*Ранг сапеду сард мегашт ҳолаташ.*
*Дар хаёли гармии фарзанди худ,*
*Маҷбуре гашт бар гадойӣ ин ануд.*
*Рафту ӯ фарёд кард ҳамсояро,*
*То бипурсад лахчаи сармояро.*

Яъне, зан саҳарӣ бархост, то ки намозро ба ҷой оварад, валекин фаҳмид, ки дар сандалӣ гармӣ намондааст. Ва ин боиси он шуд, ки кӯрпаву бистараш хунук гашта, намӣ фаромадааст. Фарзандҳояш зери он бистарҳо хобида буданд. Дар хаёли барафрӯхтани гармӣ дар хонааш, зан маҷбур гашт, ки назди ҳамсояаш равад ва каме аз оташи ӯ қарз гирад.

*Ин замон ҳамсоя меканд аз танӯр*
*Нони гармро баҳри олаш дар футур.*
*Лек шунида ӯ садои пойи зан,*
*Сад гумону ваҳмаш омад бо ҳазан.*
*Хавфи он бурд, ки зи нонаш ӯ гирад,*
*Монда бе ризқ рӯзиҳоро мебарад.*
*"Ризқи ман не, ризқи фарзандҳои ман!"*
*Гуфта мезад мушти сахтро ӯ ба тан.*
*З-ин сабаб ӯ аз гумону тарсу бим,*
*Роҳ надод ақлро, ки ёбад аз ҳазим.*
*Дар шитоби хулласи ҷаҳлу бимаш,*
*Ӯ нишаст болойи нону сӯхт кунаш.*
*Зан, ки омад, дод салом, з-ин ҳоли худ,*
*Арзаву ҳасрат мекард бар ануд.*
*Аз куҷо донад ҳавол "кунсӯхтаро",*
*Он, ки дар шаб гум кардаст "лахчаро"?!*

*Хулласи гап, зан дар охири кор,*
*Гуфт ба зан, ки "Андаке лахчам барор!".*

Оҳ, ин ҳама кор баҳри лахчае будааст ку?! На баҳри нон… Гар он зани бечора медонист, ки ҳамсоязан барои чӣ омадааст, пас, аз тарси рабудани нони гармаш болои сабади нонҳои гарм менишаст магар?

*Ай, аҷаб, ту коре кардӣ бар манӣ,*
*Ибтило кардиву дидӣ диданӣ!*
*Ҷаҳл инсонро ба сӯйи бад барад,*
*Пас, гумон болойи "нони гарм" ниҳад.*
*Кун бисӯзад, аҷзову кулли тан,*
*Ҷомаву афзол бирезад з-ин бадан.*
*Ҷоҳилӣ зояд гумону тарсу ваҳм,*
*Оқилӣ орад камолу фаҳму раҳм!*
*Ҷоҳиле з-ин дарси хуб ҳеҷ гоҳ надид,*
*Суйи қаъри ҷаҳлаш, баръакс, медавид.*

Бале, ҷоҳил (нодон) гар нодон намебуд, аввал бояд мепурсид, ки кору аҳвол чист, баҳри чӣ омадаасту чиро мехоҳад. Валекин чашми ҷаҳл кӯр аст, дилу хаёл вайрону сияҳ дорад. Бар замми он, ба ҷойи он, ки аз шуда дарсе гирад, аз аламу ҳасрату дард ҷоҳил, баръакси кор, ба дигар корҳои нодуруст роҳ медиҳад.

*Ин буд, ки бар ҷавобаш "сӯхтакун",*
*Аз алам дод зад, ки ҳол шуд сарнагун.*
*Ки надорад ӯ лахча то диҳад,*
*Ки шавад гарму аз ин сардӣ раҳад.*
*"Гар пур аст аз лахчаҳо тандӯри ман,*
*Валлоҳ, хомӯшу сарду мурдаанд."*
*Дар пайи исбот бар он, ки гуфт ба ӯ,*
*Бар хокистар бимонд дастро аду.*

*Пас, инод маҳсули бухли в-он ҳасад,*
*"Сӯзад" ҳар аҷзо, ки онро мерасад.*
*Лек, афсӯс, зери хоки мурдаҳо,*
*Як ҷаҳон аст, аз ҷаҳони зиндаҳо.*
*Пас, газид ӯ лаб аз дарду алам,*
*Ҳолате дид, ло мактуб бо қалам.*
*Лек, ҷуҳулро одате ҳаст нораво,*
*Дидаро нодида гӯяд ҳар киро.*
*Бой надҳад сирри дилро гар хато,*
*Карда бошад рост гӯяд, ай фато.*

Оре, нодонзани "кунсӯхта", гарчанде сӯхта бошад ҳам, сирро бой надод ва ҳатто намехост, ки аз лахчаи бозмондаи танӯраш ба он зан чизе диҳад. "Лахчаҳо хомӯшанд" гуфта барои исбот, гарчанд медонист, ки оташ зери хокистар зинда аст, дасти худро бар хокистар гузошт. Даст ҳам сӯхт. Пас, ҷоҳилӣ ба якравии кӯрона ҳам рафта мерасонад.

Бале, як мушкилӣ аз нодонӣ ба сад хатову мушкилиҳои дигар бурда мерасонад. Аз ин беҳтар набуд, ки аҳволи ҳақиқиро мегуфту ба Худо тавба мекарду каме аз лахчаҳояш он занро медод?!

*Он зани оқил бифаҳмид сир чӣ аст,*
*Ақл нишон дод дар азобу дард кӣ аст!*
*Ӯ ба худ гуфт: "Ҳолати ман беҳ аз он,*
*Ки бисӯзад дасту кунро дар гумон!"*
*"Ин рӯзҳо мегузаранд!" гуфту бирафт,*
*Аз куну аз даст баромад бӯйи тафт.*
*Бӯйи тафт ҳеҷ аст равад чанд лаҳзае,*
*Дарди он монад ба он "кунсӯхтае".*
*"Нактубу ма қаддаму осораҳум..."*
*Таъкид бар инсон, ки ақлро кард гум.*
*Фикр макун, ки суҳбати дувон ду аст,*

*Шоҳиди саввум миёнтон Қодир аст.*
*Бо эшон "... айна мо кону" вай аст,*
*Ҳар сухан байни дувонро шоҳид аст.*
*"Соҳибони бӯстон" аз ақл яқин,*
*Дур буданду бухли эшон шуд мубин.*
*Фикр накарданд ғайри истисно пагоҳ,*
*Сӯзаду пас, хок шавад, бӯстон - адо!.*
*Пас, бидон, ки нақшаву бухли залил,*
*Сӯзад бӯстону дувалро, ай халил!*
*Пас, зироъат бураду хокаш кунад,*
*Қиссаро бар муъминон аз панд кунад!*

## Ҳикояи пире, ки мегуфт: "Баъзан кулӯх аз санг беҳтар аст!" ва ё тобише аз тафсири Ояти "... фаҳия кал ҳиҷароти ав ашадду қосваҳ..." (Сураи "Бақара", Ояти 74)

*Аз ҳакиме пурсиданд, ки сир чӣ аст?*
*Хокиву хоксор будан баҳри кӣ аст?*
*Пас, чаро гӯянд ба "мискин матроба",*
*То таъомаш бардиҳӣ дар масғоба?*
*Ин чи буд, ки аз муқарраб мублисе,*
*Мухталифи "тин" бигуфт "нор" андаке?*
*Аз чи буд, ки баҳри инсон ин замин,*
*Шод набуду хок намедод, ай амин?*
*Ин чи хок аст, қолаби бинову руҳ,*
*Чанд ҳазор сол тӯл кашид дар арши ӯ?*
*Ин чи хокист, нармии дил мисли санг,*
*"... ав ашадду қосва" гардад ин қашанг?*

Оре, инсон хокӣ аст ва аз хок офарида ва бар он мубаддал мегардад ва рӯзи ҷазо, аз он дубора сохта (ангехта, хезонида) мешавад, то мукофоти сазовори худовандиро насиб гардад. (Сураи "Тоҳо").

Маводи бинойи инсон, ки хок аст, хело ҷолиб мебошад ва афроду махлуқинро ҳам ба ваҷду ҳам ба ҳайрат ва ҳам нафрат бар он баъзеҳоро овардааст.

Мисоли ин он аст, ки додани таъом бар бечора (мискин) дар вақти зарурӣ (масғоба) дар он вақт ҷоиз аст, ки мискин хоксор (матроб) бошад. Шарти аҷаб аст, ки дар Сураи "Балад" аз ҷониби Худои раззоқ (ризқдиҳанда) эрод

гирифта шудааст, бал на ҳар касеро, ки мискин бошаду фахуру ҳасуду бахил. Валекин таъкиди асосие, ки дар ин Ояти аҷиб карда шудааст, ин ба хокӣ будани инсон ва хокӣ, ки бошад, яъне хоксор будани инсон далолат мекунад.

Аҷаб офаринише, ки пур аз сирру асрори худовандист ин инсони хокӣ, ки Иблисро (мублис; аз раҳмати Худо ноумед) боиси фаромӯш намудани суҷуду ситоиши ҳазорсолаҳо баҳри фахру кибру (назарбаландӣ), ки ӯ (Иблис) аз нор (оташ) офарида шуда буду инсон бошад - аз тин (хок, лойқа) расонид, ки дертар аз гуфтаву кардааш пушаймон шуд, вале аз даргоҳи Худо ронда шуд (раҷим; ронда, сангборон шуда).

Аҷаб махлуқе, ки хокро барои сохтанаш аз замин, ки намехост аз хоки худ барои офариниши инсон диҳад, бо ҳазор "фиребу найранг" канда рафтанд. Ин замин аз нақшаи офариниши Худо хабаре дошт ва медонист, ки Худо махлуқеро меофарад, ки дертар дар замин маскан мегирад ва чи тавре ки фariштагон изҳор намуда буданд "фосидкориву хунрезӣ" дар замин мекунад ("… юфсиду ва ясфикуд дима…" Сураи "Бақара"). Замин намехост, ки инчунин фосидкору хунрез аз ӯ ва дар ӯ бошад.

Аҷаб махлуқест инсон, ки баҳри вай Худои тавоно, ки дар як дам ҳамаро ва ҳар чизеро, ки хоҳад аз байн мебарад (несту нобуд мекунад), қолабу руҳро бар ӯ тӯли ҳазорсолаҳо сохту нафх кард. Чи қадар мақсадҳову орзуҳоро дар махлуқаш барандохт ва интизори исботи орзу аст!

Аҷаб инсони хокӣ, ки дилу андоми нарми хокӣ дорад, валекин дар ҷаҳолату ғафлат, дили нарми ӯ ба мисли санг (ҳиҷор) мегардад ва баъзан, аз он ҳам бадтар сахт мешавад (ашадду қосва).

*Шахс надонад аз куҷо ояд даранг,*
*Лек, баъзан, ин кулӯх беҳтар зи санг!*
*Гар намебуд нақшаи ибдову ҷуд,*
*Амр намекард ҳамаро Ӯ бар суҷуд.*

*Гарчи донист охири кор он ҳама,*
*Сар фурӯ оварду мегуфт "Марҳаба!"*
*Илми дода маҳдуду пас, дар сано,*
*Тавба гӯянд, боз бигӯянд иштибоҳ.*
*Гар зи илму гар кифоя дар фунун,*
*Фаҳм мекарданд ба "ло"-ву "таъламун".*
*Пас, чиз аст, он як чизе, ки баҳри вай,*
*Нафхи руҳ кард аз руҳаш вай мисли най?*
*Офарин бар ту, ки дидӣ дар ҷавоб,*
*Он чиро, ки бурдӣ дар фаҳмаш азоб!*
*Илм аст ин, ай бародар, фарқи мо,*
*Бо тамоми махлуқони ин Худо.*
*"Аҳсани тақвим", "каромот" в-ин "наъим"*
*Илм асту илм асту илму дин!*
*Дод илму кард талаб ӯ аз амал,*
*То бигӯяд номи хоку ин Зуҳал.*
*Одаме, ки аз Худо як дарс гирифт,*
*Ҳеҷ намонад лолу аҳвал дар шигифт.*
*Як-ба-як номбар бикард ӯ ҷисми ҳақ,*
*Аз зуҳову лайлу фаҷру ин шафақ.*
*Ин бигӯянд "Аз кулӯх оташ парид!"*
*Торикиро рӯшанӣ дод, пас, давид.*
*Дар зулумот, гар надод з-илмаш ба ӯ,*
*Норавон мемонд бар ҷой фитнаҷӯ.*
*З-ин сабаб ӯ ҳамаро мусхар бубаст,*
*То лаҷом дод аз инъомаш ба даст.*
*Гар намедод, имрӯз ӯ дар хатар,*
*Мекашонд ин бори сангин мисли хар.*

Нақшаи офариниши инсонро ва аз тақдири минбаъдаи вай, Худо ба тамоми малоикаҳо хабар дод. Ҳама дар ҳайрату ваҳм, ки ин инсони "кулӯхин" (яъне, аз хок офарида

шуда) бо чи корҳое дар замин машғул мешавад, бар ҷавоби Худо гуфтанд, ки "Оё мо беҳтар нестем (аз ин инсони бадкор), ки туро санову ситоиш мекунем?" (Сураи "Бақара"). Худо ҷавоб дод: "Инни аъламу мо ло таъламун", яъне "Ман, он чизеро, ки шумо намедонед, медонам".

Бале, агар ин фариштаҳо оиди инсон ва тақдири вай (инсон) он чизеро, ки Худо медонист, медонистанд, онҳо инро ба Худо намегуфтанд. Яъне, нокифоягии илму хабар аз сирри офариниш онҳоро дар ин ҳолати ногувор нисбати ин муаммо бимонд.

Пас аз он, Худо фариштаҳоро даъват намуд, ки асмои (исмҳои) ҷисмҳоро номбар кунанд, то ки исбот намоянд ба Худо, ки онҳо (фариштаҳо) дар қиёс бо инсон афзалтаранд. Аз сабаби он, ки фариштагон илми нокифоя доштанд, онҳо ин корро карда натавонистанд. Худо ин неъматро, яъне илму фаҳмро танҳо ба Одам дода буд ва дар назди фариштагон аз Одам талаб кард, ки номҳоро гӯяд. Инсон як ба як ҳамаи онро номбар кард. Яъне, маҳз илму идрок ва дин (яъне, амал намудан) - ягона асбоби фарқу қиёс байни инсону махлуқони дигари Худо аст.

Дар Сураи "Луқмон" омадааст, ки Худованд ҳама чизеро, ки хоҳ дар замину ва хоҳ дар осмонҳо офаридааст, танҳо ба инсон мусхар, яъне фармонбардор ва хидматгузор кардааст. Ва инсонро аз неъматҳои ҳам зоҳириву ҳам ботинӣ, ки илму ақлу идроку амал аст, ғанӣ гардонидааст, то ки инсон неъматҳои зоҳириро бар нафъи худ дуруст истифода барад, суйиистеъмол накунад. Вагарна ин неъматҳои ботиниро Худо бар дигар махлуқонаш медод, пас, имрӯз инсон, мисли "хар" бори онҳоро мекашонд.

*Лек, бигуфт он пир, ки дар қаъри тан,*
*Хислатест бар ақлу идрок зарбазан.*
*Нафси инсон ҷой бикарду дар саво,*
*Ӯ нишон дод роҳи росту каҷҷиҳо.*
*Дода асбоб аз виқову з-ин фуҷур,*
*Пеш монад интихобро сӯйи нур.*

*Он, ки пайдо кард майле сӯйи ҷар,*
*Фоҷир аст ӯ монда нафсро дар хатар.*
*В-он, ки шуд соҳиб бар илму ақлу тан,*
*Муқтадиру меҷаҳад аз банди тан.*
*Пас, раҳе гир, к-орадат охир ба ӯ,*
*На бар он, ки монадат бар тан аду.*
*Боиси беилмиву дурнобинӣ,*
*Ай, чиро ту дидайӣ ғайр аз бинӣ?*
*Боз гӯянд "Хуб шуд, ки мисли кӯҳ,*
*Байни ду чашмон сабзид ин футӯҳ".*
*Гар намебуд байнашон буми девор,*
*Мегазиданд якдигарро мисли мор.*

Бале, сарфи назар аз ин ҳама мақоми олӣ, баъди офариниши инсон, вақте ки ҷонро бар қолаб андохт ва саво гардонид (рост намуд инсонро; ҳаракате бахшид ӯро), Худо аз некиву бадӣ инсонро хабар дод ва қудрати шинохтану фарқ намудани "фуҷур" (гуноҳ) ва "тақво" (парҳезгорӣ ва худотарсӣ) (Сураи "Шамс", Ояти 7-8) ва ҳуқуқи интихобро (сӯйи зулумот ва ё сӯйи нур) ба худи инсон дод. Ва он, ки сӯйи нур майл гирифт, ҳеҷ намонад дар шигифту дармондагӣ, валекин он, ки майл ба сӯйи зулумот намуд, ба худ душманӣ кард ва бо худ абадан душман бимонд, яъне бар тани худ адоват менамудааст.

Беилмиву бемаърифатӣ инсонро кутаҳназару аз дидани охири кор бозмедорад. Ингуна инсонҳо, дар сур ва фатҳи ҳасад ва бухл ва кибри худ, дуртар аз бинии худ чизеро намебинанд ва барои онҳо аслан шиори "Як рӯз бошу хурӯс бош!" кор мегирад. Афсӯс, ки охири ин "хурӯсиву" "хурӯс" буданиҳо сарзаданӣ аст дар охири рӯз ва пӯсту патканӣ ва хӯрданӣ…

Инсон чигуна ба худ душман аст ва ба худ зиёноваранда (Сураи "Аср"), ки ҷисм бар ҷисми худ тайёр аст, ки адоват намояд то беҳтарии худро, авлотар буданашро исбот кунад.

Дар урфият хуб гуфтаанд, ки "Хайр аст, ки байни ду чашмон як бинӣ ҳаст. Вагарна, ин чашм чашми дигарро кофта мегирифт"

*Пас, хокӣ будани мо беҳтар аст,*
*Хоксорӣ з-ин ҳама авлотар аст.*
*Гар бирезад резаҳои санги сахт,*
*Ҳеҷ наояд чораи ҷамъбасти тахт.*
*Пора гардад гар ба пора хокае,*
*Об бисозад ҷамъу ёбад чорае.*
*Гар бисозӣ хонае аз санги луч,*
*Хона сарду ин баданҳо гашта пуч.*
*Гар бипӯшонӣ ту қалбро з-ин зар,*
*Кор наояд ин диле зери хатар.*
*Мисли хок бош хоксору хокбин,*
*Дур бош аз кибру паст ор ин чин.*
*Ӯ фахурон дӯст мадорад, бераҳа,*
*Мисли он аст, ки равад бо "мараҳа".*
*Мисли хок бош камсавту гир аз он,*
*Ибрату дур бош аз савти харон.*
*Мисли хок бош, ки нарӯяд тухми танг,*
*Дар сахтӣ мемирад болойи санг.*
*Мисли хок бош, ки фурӯ набрад ғализ,*
*Санги сахтат, ки бувад табъан мариз.*
*Мисли хок бош, ки намонанд хишти хом,*
*Аз сахтӣ сахтиҳо ғалтанд мудом.*

Пас, биёед мисли хок хоксор бошем, созандаву нарм. Ва ҳеҷ гоҳ аз хотир набарорем, ки аз чӣ бино шудаему ба чӣ мубаддал мегардему ва аз чӣ бори дуввум барангехтаву сохта мешавем (аз Сураи "Тоҳо").

## Ҳикояи шахсе, ки ҳезум баҳри оилааш дуздид, валекин падараш аз ин бохабар шуда, Ӯро огаҳ карда гуфт "Аз оташе битарс, ки..." (Сураи "Бақара", Ояти 24) ва ё тобише аз тафсири Ояти "... қу анфусакум норан ваҳудуҳан нос ..." (Сураи "Таҳрим", Ояти 6)

*Баҳри авлод мо ҳаёт бахшидаем,*
*Лек, зи зистан маъние нодидаем.*
*Танг ояд илму идрок андар он.*
*Фарқ дорад зистан аз зистан, бидон!*
*Ин ҳама авлоду амвол зинатанд,*
*На дӯсту балки моро душманананд.*
*Кай, гӯйӣ, душманам шуд ошно,*
*Ӯ, ки бо ман мекунад дар даҳр шино?*
*Ай, наход, ки аз ман омад ин аду,*
*То бигардад душману гӯяд ӯ "Қу!"?!*
*Ай, наход, ки рӯзи маҳшар ӯ ситез,*
*Мекунад бо ман, ҷӯяд ӯ гурез?!*
*Ай, наход, ӯ дар тавалло мисли ноз,*
*Рӯй гардонад ба туршӣ ин абос?!*
*Ай, наход, ӯро наояд хотире,*
*Он киро, ки дод аз пистон шире?!*
*Ай, наход, ӯ даст нагирад дар фигон,*
*Он киро, ки дар даҳон оварда нон?!*
*Ай, наход, ки дар шафоъат баҳри ман,*

*Сухане ногуфта монд дар анҷуман?!*
*Ай, наход ки вақти пирӣ чун асо,*
*Хидмате нокарда монад ин расо?!*
*Ай, наход, ки "Об!" гӯям ӯ накофт,*
*Аз ману дархости ман ӯ рӯй тофт?!*
*Ай, наход, ки "Гир!" гӯям нагирад,*
*Ногирифта дасти манро медавад?!*
*Ар зиёданд ин "наход"-ҳо, пас, бидон,*
*Душманӣ дар дӯстӣ гаштаст ниҳон.*
*Ҳар яке дӯст несту душман аст яқин,*
*Дар китоб дарҷ гаштааст як-як аз ин.*
*Пас, бигир бар даст Қуръону бихон,*
*То раҳад ҷонат фориғ аз фиғон.*
*Ин китоб аст, нест шакке, роҳнамо,*
*Нозиле кардаст онро баҳри мо.*
*То бидонем "дӯст"-у "душман" кианд?*
*Он, ки хор пошанду хорҳо мехаланд.*
*То бидонем аз "ҳаром" фарқи "ҳалол",*
*Он, ки рӯшан кард бар мо Зулҷалол.*
*То бидонем аз нишони роҳи каҷ,*
*Рост равему худ нигаҳ дорем зи фаҷ.*

Бо орзуву уммед инсон фарзандашро ба воя мерасонаду баҳри фардои пирии худ, хишти саҳмӣ мегузорад. Ин намуд зистан аксариятро фаро гирифтаасту тарзи зистане, ки тағйир додани он имконпазир аст, аз худ акс мемонад. Валекин зистан аз зистан фарқҳо дорад, саҳм аз саҳм. Бар девори каҷ дар идомаи кор мондани хишт ноҷоиз аст, ки танҳо ғалтидани он деворро метезонаду халос…

Дар оятҳои қуръонӣ омадааст, ки ин ҳама фарзанду мол зинати дунявист ва ягоне аз инҳо рӯзи охир натавонад инсонро нафъу кумак расонад.

Бале, ин ҳақ аст, вале фарзанду мол ҳам аз фарзанду амвол фарқ дорад. Ба шарти он ки инсон фарзанди накуву хушахлоқро тарбия карда бошад, ки бар нафъи ҷомеъаву оила бошад, агар инсон амволеро ба даст оварда бошад, ки ба нафъи ҳама бошаду сармояи садақаи ҷория шавад, пас, ингуна неъмат - неъмати нафърасонандаву бебаҳост ва дар парваридани он шахс бояд бикӯшад. Ва кӯшиши он дар асоси расидан ва расонидани ҳалол ва тарк намудани ҳаром аст. Фарзандро бо мояи ҳалол гар бипарварад, аз вай кори неку таъсирбахш ба вуҷуд меояд, вагарна баръакс мешавад.

*Парварӣ ту душманеро баҳри худ,*
*Гар накандӣ з-ин хатар хор аз вуҷуд.*
*Фаҳмишу дидан зи каҷ гар як аз он,*
*Ёфтанӣ омад зи ин кор шуд гумон.*
*Ар бигӯяд "... лан яҳур" зоннӣ мудом,*
*Пас, барорад доду з-ин аҳвол фиғон.*
*Ончиро имрӯз кунӣ, пас, фикр макун,*
*Гаштаву баргашта ояд дар "якун".*
*Гар бихоҳад, мебарад моро зи байн,*
*Гашта орад аз ҷадид махлуқ зи айн.*
*Кардани он мушкиле н(а)орад ба Ӯ,*
*Кай ту фаҳмӣ маънии онро, аду!?*

Дар хатари гуноҳу ҳаёти минбаъдина, инсон набояд фидои парваридани душмани "шаккарини" худ гардад. Гар душман нагаштани фарзанди худро хоҳад, инсон бояд бо асбобу анҷоми дуруст дар парвариши фарзандаш машғул бошад, ки ин роҳу роҳҳоро ҳам Худо ҳидоят намудааст. Пас, интихоби дуруст бояд кунад ва дар ин кор ақлу ҳушу фаҳмиши дурустро ба кор орад, то ки дертар, дар гумону исёну гуноҳ ғарқ машавад.

Инсон набояд аз хотир барорад ва ё гумоне барад, ки ба

назди Худояш барнамегардад ("... лан яҳур", Сураи "Иншиқоқ", Ояти 14), ки ӯро на заволу на масъулияте ва на ҳисобе дар пеш аст. Он чиро, ки Худо ирода кардааст, пас, бас аст, ки гӯяд "кун" (бишав) ва он ҳатман шуданист ("фаякун", Сураи "Ёсин", Ояти 83) ва ин ҳама баргаштанист ба худи инсон.

*Гарм макун дар кӯкрат аз кирми пок,*
*Ки барад дандон ба ҷисм, к-оранд ба хок.*
*Душман аст ин мор, хуфта дар бағал,*
*Шуд бедор, мегазад андар шуғал.*
*На найи ҳиндӣ ту дорӣ, на ки шаст,*
*Беҳтараш з-он мор дар дурӣ нишаст!*
*Ё бисоз най, най навозу шаст бидор,*
*То нагардӣ душману хӯриш ба мор!*

Бале, кореро дар роҳи тарбия пеш бояд бурд, ки охир аз пушаймонӣ нигаҳ дорад. Ҳатто, он кирми лойхӯраке, ки бар фоидаи замин ва нармии он кор мекунад, соҳиби дандон нест, вале дар "хӯрдани" ҷасад ва пок намудани хок, иштирок мекунад.

Ва ё море, агар асбоби боздоштани ӯ аз газидан набошад, беҳтар мешуд, ки инсон аз у дурӣ ҷӯяд, ки мақом ва ҳадафи мор газидан аст.

*Парварад душман, ҳарки з-ин шакар,*
*Аз қиём ком пур кунад ҷойи ҳазар.*
*Андаке, гӯянд, шаккар кор диҳад,*
*Ҳад, ки вайрон шуд, охир мор газад.*
*Ин шуд, ки рӯзе ҷоҳил дар шито,*
*Аз ҳақиқат рӯ битофту рафт хато.*
*Нуқсу меҳраш, молу нафсаш мубтало*
*Карда, бурдаш сӯйи ҷар пур з-ин бало.*
*Ними шаб бархесту рафт андар макон,*

*Сӯйи хон ҳезуми дуздӣ пас кашонд.*
*Баҳри авлод оташи гармӣ физод,*
*Лек, қалам зад лавни ботил бар нажод.*
*Гар ҳаме обош мегуфт: "Фаттақу…"*
*Маъние ночида монд з-он ин аду.*
*Гар ҳаме фаҳмид маънӣ з-ин "вақуд"*
*Ӯ намебурд ҳезуме андар уқуд.*
*Ин бувад, ки маъние нодида, мард,*
*Парварид душман ва ғалтид мисли тард.*
*Ҷойи дуздӣ, ки ҳаром аст, коре кард,*
*Ки нагӯяд ҳеҷ душман "Қу!" ба мард.*
*Душмане машмор, ҳарки огаҳе,*
*Мекунад бар кори кард(а)ат андаке.*
*Дӯст ҳам машмор, ки баҳри он хато*
*Карда, гардӣ ҳезуми нор, ай фато!*

Пас, инсон бояд фарзанду авлоди хешро танҳо бо роҳу услуби хоса ва фитрати неки инсонӣ, бо асбоби ҳалол парварад, на ба он роҳе, ки охири он "вой" аст.

Дар яке аз рӯзҳои зимистон, марде ними шаб баромада аз хонаи ҳамсояаш ҳезуме баҳри пухтани хӯрок ва гармии хонаводааш медуздад. Фикр мекунад, ки ин меҳрубонии вай дар хотири авлодаш мемонда бошад.

Падараш, ки аз ин кор бохабар шуд, чанд маротиба аз оёти қуръонӣ, ки "Фаттақун норан лати вақудуҳан нос…" (Сураи "Бақара"), яъне "Пас, битарс (ҳазар кун) аз оташи дӯзах, ки ҳезуми даргиронандаи вай инсонҳо ҳастанд…" мехонду огаҳ мекард.

Валекин, марде, ки чашмашро "меҳри" беандоза ва "лутфу каромоти" авлод пардапӯш карда буданд, аз маънии он ғофил монд. Ӯ нафаҳмид, ки ҳаст дӯзахе, ки оташи онро аз ҳезуме, ки мардуми гунаҳкор ҳастанд, меангезанд.

Пас, мантиқ он аст, ки нофаҳмида, чашмкӯрона мо набояд

"ҳезумеро дуздем", ки дар охир ҳамчун он "ҳезуме" гардем, то оташеро барангезонанд. Пас, нашавад рӯзе, ки он "дӯстонамон", ки баҳри гармиву дилсерии онҳо мо ин ҳезумро дуздида будем, бар мо гӯянд "Қу!", яъне "Чашед!"

## Ҳикояи пирмарде, ки бо дарахти садсола оид ба таҷрибаи ҳаёти он дарахт суҳбат ороста буд

*Умр доду умри зойид ноқис аст,*
*Ҳосили ашҷор зи асбо покӣ аст.*
*Гашта сархам, гашт таслим назди ӯ,*
*На зи барги холӣ гардад гул зи бӯ.*
*Гар нагардонид сират рост ба худ,*
*Шох каҷ монду ба мақсад ҳич нашуд.*
*Навдаҳои пастравро бишкананд,*
*Ҳосили нопухта duздон мебаранд.*
*Лек, агар аз дасти бод шуд рост ӯ,*
*Нарасад ҳич дасти duздон андар ӯ.*
*Чашми онон, ки ҳамеша бар самост,*
*Дарки ин неъмат кунанд вақти сипос.*
*Қомати рост пас ниҳад дасте бар он,*
*На ки қомат хам, ки доранд duздакон.*
*Маънии рост рафтан ин аст, бидон,*
*Роҳи каҷ рафтан ҳадаф аз ноқисон.*
*Ростонро ҳич набошад тарсу бим,*
*Пас, ҳидоят кун ба роҳат мустақим.*

Худо, ки умри дарозро бахшид, дар он ноқисиҳоро нишона кард (Сураи "Ёсин", Ояти 68), то ки инсон аз ин нишонаҳо ба худ дарсе гирад. Дарахтҳо (ашҷор), ки аз тундбодҳову шамол (асбо) дар охир луч мегарданд - аз нишонаҳои ин аст; сархам шуд, баргонро рехт ва танҳо он вақт ки қувват намондааст, онҳо инро дарк намуданд, ба Худо таслим шуданд.

Агарчи дар вақташ танро рост мекарду устувор, каҷро аз худ дур мекард, пас аз дасти дуздони қоматхам, ки танҳо он чиро ки поён асту ҳоло напухтааст, медуздиданд, шояд наҷоте меёфт?

Ба ҳар ҳол, чи тавре ки дар Сураи "Фотиҳа" Худо фармудааст: "Иҳдинас сиротал мустақим" - "Ҳидоят кун моро ба роҳи мустақим (рост)".

*Гуфт Паёмбар панҷ чизро дор азиз,*
*То ки гардад коми умрат биллазиз.*
*Аз айёми ҷавонӣ панд бубар,*
*Гар маризӣ оядат, либос мадар.*
*Он ҷавонист, пеш аз пирӣ бувад,*
*То пушаймонӣ дар охир нарасад.*
*Пири мо ҳам умри тулонӣ бидид,*
*Бар мулоқот бо дарахте ӯ расид.*
*Дид, ки ӯ ҳам умри садсола бидошт,*
*Зери сояш барнишасту чашм нигошт.*
*Он дарахтро на забону чашму гӯш,*
*Лек, мезад ӯ асо бар ақлу ҳуш.*
*Дар ҳайрат монда пир фаҳме макард,*
*Ки чи тавр ӯ бе забон ақл рахна кард?*
*Лутф карду аз сифоти худ бигуфт,*
*Он, ки аксар пиронро шуд нуҳуфт.*
*Ончунон бояд бизист, ки бе забон,*
*Фаҳмонад мард сухан бар дигарон.*
*Ин пазир аст, аз имкон дур нест,*
*Бе забонро дар ҷаҳон садҳо раҳест.*
*Гар ба рафтор нек бошӣ, некиат,*
*Дарҳо бикшода, дуриҳо барад.*
*Нест забон мар сирататро, лек занад,*
*Ҳарф бар ҳарф ақли дигар мебарад.*

Бале, он дарахти садсола ҳам пир буд ва пири мо ҳам бихост, ки бо ҳамсолаш суҳбат кунад, то бифаҳмад, ки дарахт ин умри тулонии худро дар чӣ дидааст, чи дарсе ҳосил кардааст…

Ба ҳар ҳол, аҷибии кор дар он буд, ки дарахт на забон дошту на чашму гӯш, валекин суханҳое мегуфт, ки ақли пирро мегирифт, ӯро ба ҳайрат оварда буд.

Мӯйсафед аз дарахт пурсид, ки сир дар чист?

Дарахт ҷавоб дод, ки дар сифоташ аст, яъне дар рафтору кирдораш, дар он, ки ӯ накӯкорӣ мекард.

Яъне, дарахт гуфтанӣ буд, ки рафтору кирдори махлуқ, ҳатто бе забон бошад ҳам, метавонад аз номи вай сухан кунад, дигаронро ҳушдор диҳад, ки ӯ кисту чист…

Пас, пирмард аз қоматбаландиву сари бар само (осмон) афроштаи дарахт ва аз гардиши баргҳояш аз рӯйи уфуқи офтоб суоле кард дарахтро ва маънии онро ҷуст.

*Ёфт ҷавоби "безабон"-ро пирамард,*
*"Безабонӣ" хуб забон аст дар набард.*
*Аксарон, ки зойид ҳарфе мезананд,*
*Дар суфи кирдорашон нуқсон кашанд.*
*Хуб аблаҳ гашта фикри иттилоъ,*
*Бехабар, ки меравfamiliar сӯйи бало.*
*Гуфтаанд, ки харро боре шудаст,*
*Он сухан, к-аблаҳ аз ӯ ҳарфе задаст.*
*Зойидӣ аз ҳарф маҷӯ, ки бор шавӣ,*
*Аз гаронии сухан хам мешавӣ.*

Бале, "безабонӣ", яъне хомӯшӣ ихтиёр кардан ва амал намудан - беҳтарин асбоб аст. Мегӯянд, ки "Хомӯшӣ тилло аст" на ба мазмуни оне, ки шахс бояд ҳамеша хомӯш гардад, балки бисёр бояд донад, камтар гӯяду бештар амал намояд. Ва ин кифоя аст, то ки дигарон фаҳманд, ки ту чӣ гунаӣ, чӣ мехоҳӣ, барои чӣ мехоҳӣ ва ҳоказо. Онон, ки ба набард мебароянд - нишонаи беҳтарини ин аст: кам мегӯянд,

бештар мечанганд…

Дар мақол омадааст, ки "Забони сурх сари сабз медиҳад барбод". Яъне, пургӯйӣ ва лоф (сухани пуч, дурӯғомез, бе мақсаду маром) дар сифоти инсонӣ нуқтаи сиёҳе меоварад, онро ботил менамояд. Фикр доранд, ки барои беҳтарии кор гуфтаанд, валекин ин амал онҳоро сӯйи ҳар балое мебарад.

Боз ҳам дар урфият мегӯянд, ки "Сухани бисёр ба хар бор аст", яъне малол аст. Аз ин ҷо ҳатто дар Ҳадис омадааст, ки Паёмбари Ислом (с) дар вақти мавъизахонӣ ба сомеъон менигаристанд, аз ҳолати онҳо аз чашмашон ва рафторашон бохабар мешуданд ва агар сухан бисёр шуд, дарҳол мавъизаро ба итмом мерасониданд.

*Кӯш, ки рафторат бигӯяд, на забон,*
*Кибр аст ин, зойид асту бас гарон.*

Сухан бисёр гуфтан, ба дигарон гӯш накардан, овозро баланд намудан, носанҷида, нодидаву ношунида иқрор намудан - аз нишонаҳои кибр аст, бе мазмуну, бе мантиқ ва басо вазнин аст. Ҳатто дар Қуръони Карим, дар Сураи "Луқмон" омадааст: "Инна анкарол асвати ло савтул ҳамир", яъне "Дар ҳақиқат, бадтарин (инкоркардашавандатарин) овоз - овози харон аст". Дар ин ҷо, Худо инсони пургӯйро ташбеҳи хар намудааст, ки лофи ӯ (сухани бемазмунаш) бо овози баланди хар баробар аст.

*Пир дарси аввалинро пас гирифт,*
*Аз ҷаҳолат барҷаҳиду аз шигифт.*
*Лек ӯро буд ҳикматҳо зи пеш,*
*Ногирифта сӯзани ақлаш ба неш.*
*Гуфт ин сирри самоҷӯйӣ зи чист?*
*Гардиши баргон уфуқро баҳри кист?*

Пас аз он, ки пирмард ба суоли аввали худ ҷавоб ёфт, ақлаш боз ҳам ӯро маҷбур мекард, ки аз дарахти пуртаҷрибаву солдида бифаҳмад, ки мақсад аз қомати

баланди вай, мақсад аз рӯй бар осмон кардани вай, мақсад аз барггардони вай дар чист?

Дарахт чунин ҷавоб дод:

*Гуфт дарахт некон, ки некӣ мекунанд,*
*Некишон масъуду мартаб рофеъанд.*

Яъне, дарахт бо Ояте аз Қуръони Карим посух дод: "… ясъаду калимут таййибу ва ярфаъуд дараҷа…", яъне (Худо) сухани некро боло мебарад (боло, масъуд) ва дараҷаи онро мебардорад (рофеъ).

Аз ин ҷост, ки сухан ва амали бад вазнин асту ҳеҷ гоҳ ба боло бардошта намешавад ва мақбули Худо ҳам нест. Валекин сухани неку амали нек пазируфта мешавад ва дараҷаву мақоми баландро дар назди Худо дорост ва подоши нек онро мунтазир аст.

*Ҷинси хок нестанд саҳоби осмон,*
*Сӯйи осмон сар баранд андар замон.*
*Он, ки рӯяш сӯйи осмон мекунад,*
*Аз "заминӣ" буданаш даст мекашад.*

Ингуна инсонҳо, чи тавре ки дарахт мегӯяд, одамони "заминӣ" нестанд, балки "осмонианд". Осмонӣ будан боз ҳам сифоти худоҷӯйии инсон аст, ки дар ҳама кор аз Худо ҳидоят металабад, аз ӯ мағфират мепурсад, ба ӯ таваккал мекунад.

*Чист "заминӣ"? Гарчи хокӣ будааст,*
*Лек дилу ботин ба асмо бурдааст.*
*Гар маводи нокираш шуд аз замин,*
*Руҳро дар осмон нафх кард Амин.*
*В-ин сабаб ӯ чораҷӯйӣ мекунад,*
*Сӯйи осмон сар ва андом мениҳад.*

Дарахт изофа намуда, мегӯяд, ки сарфи назар аз он, ки

хокро барои нашри (офариниши) инсон аз замин гирифта бошанд ҳам, нафсро (ҷонро) ба инсон дар осмон андохтаанд. Аз ин сабаб, инсони нек бо асли хеш васлро дар осмон меҷӯяд.

*Лек, "заминӣ" васли аслашро наҷуст,*
*Бедориро ба ғафлат ӯ фурӯхт.*
*Он, ки гумроҳӣ харид, не ки ҳудо,*
*Хом шумурд ӯ чӯҷаҳоро ибтидо.*

Валекин он ашхосе, ки "заминӣ" буданду монданд ва васл бо асли хеш (бо осмонӣ буданашон) наҷустанд, онҳо ҳидоятро (ҳудо) ба торикӣ (залолат, гумроҳӣ) иваз кардаанд. Чи тавре ки дар Қуръон, дар Сураи "Бақара" омадааст: "Улоикал лазинаш штаровуз залолат бил ҳудо…", яъне, "Онҳо, ононанд, ки гумроҳиро бар ивази ҳидоят харидорӣ намуданд". Онҳо, дар асл мисли оне, ки "Чӯчаҳоро хом" шумурдагонанд, ки ин тиҷораташон рабҳат (нафъ, фойида) намеорад онҳоро дар охир.

*Инро фаҳмид пирмарду боз ҳам,*
*Бо суол бар он дарахт шуд сархам.*
*Гуфт, аз гардиши баргон деҳ хабар,*
*Ту маро зер неву бал гардон забар.*
*Ин аҷиб аст, мисли нурони малак,*
*Шоху баргон рӯйгардони фалак.*

Яъне, пирмард суол карданро идома дод ва инак, аз дарахт пурсид, ки сирри рӯйгардонии баргҳову шохи дарахтон дар уфуқи офтоб аз шарқ ба ғарб, аз бомдод то шом, дар чист?

Бале, илми доштаи худро пирмард ба "зер", ки поёни алиф аст, баробар сохт ва хост, ки дарахт ӯро дарсе аз ин муҷибот диҳад, то ки дараҷаи илмаш ба мисли "забар", ки болои алиф меояд, каме бошад ҳам баланд гардад.

*Гар уштур ташна аст, кард ӯ дароз,*
*Гарданро сӯйи обу шуд фароз.*
*Ин бигуфту он дарахт хушнуд шуд,*
*Ки аломот дар сифоташ дида буд.*
*"Удъунӣ" дар қарин омад ба ҷӯш,*
*"Вастаҷиб" аз Ҳақ омад то ба гӯш.*
*Он, ки имон бар ваъид дорад зиёд,*
*"Азкурунӣ" устувор дорад ба ёд.*
*Он, ки ёди Ҳақро ҳар гоҳ кунад,*
*Аз умедаш ҳосили анбор барад.*
*Мо ҳама мушонем, анбор аз ӯст,*
*Муши мурда танҳо ҳеҷ аз Ӯ маҷӯст.*
*Гар тавоно мард гардан паст кунад,*
*Кибри олиш аз ботин вораҳад.*
*Лек, агар аглол аз ӯ қатъ нашуд,*
*Кибр ӯро занҷир печида буд.*
*Кандани он занҷир сархамӣ аст,*
*Озоду мустақимаш дар бар аст.*

Дарахт аз пурсиши беисти пирамард хело хурсанд шуд. Аввал он, ки дар ин кор, дарахт ҷӯёии пирмардро дид, ки аз илм комил намудан нишонае буд ва ин ҳам аз сифоти инсонҳои комил аст. Дуюм, аз он ки сарфи назар аз синну солаш, пирмард мехост, ки илм андӯзад. Сеюм, аз он, ки сарфи назар аз инсон буданаш, пирмард аз дарахт, ки дар офариниш дар мартаба аз инсон паст меистад, суол мекард, ки ин ҳам аз набудани кибр аст.

Бале, Худо мефармояд, ки илм ҷустан фарз аст, синну сол надорад ва агар ту дар илм аз каси дигаре паст бошӣ, ағлоли (занҷирҳо) кибрро бишкан, гардану сар паст намо ва аз шахси дигаре, ки дар мартаба аз ту паст ҳам бошад, он чизи надонистаатро бипурс.

Аз Худо пурсидан ҳам ҳамин аст. Дар Қуръон омадааст:

"Удъунӣ, вастаҷиб лакум", яъне, аз ман (Худо) талаб кунед (пурсед, хоҳиш намоед) ва ман онро мустаҷоб мекунам (посух медиҳам, ҷавоб мегардонам, қабул мекунам). Ин ҳам, ба шарте ки шумо маро ёд кунед (зикр кунед, азкурукум).

Пас, дарахт чунин давом дод:

*Мутмаинам "мин зулумот…" хондаӣ?*
*Маънии "ан-нур"-ро ту бурдаӣ?*
*Нур - ҳидоят аст, бидон ту, ай рақиб,*
*Дар маънӣ ҳеҷ намонӣ дар ақиб.*
*Мо, мисли шумо сар хам мекунем,*
*Дар рукуъу дар суҷуд сар мениҳем.*
*Гар надонӣ, пас, бидон ту, ай муқим,*
*Мо ҳам мехонем "… сиротал мустақим".*
*Гар намебуд нур, дар зулмот ҳама,*
*Дар иҳоти гургон монад рама.*
*Як қадам бар пеш мо номондаем,*
*Аз ақиб рафтан ҳам бозмондаем.*
*Об, ки ҳам дар ҷой шуд ӯ норавон,*
*Бӯйи зафту талхӣ зойид шуд дар он.*
*Аз ҳамин асбоб нурро пай барем,*
*То, ки аз баҳраш мо нафъе гирем.*

Дар Ояти Қуръонӣ возеҳ аст, "… мин зулумоти илан-нур", яъне рафтан аз торикӣ сӯйи рӯшноӣ - ин ҷустани ҳидояти Худовандист, то ки моро роҳе нишон диҳад ва кӯмаке кунад, то ки мо он роҳро эмин гузарем.

Дар ин васл, ҳамаи мавҷудоти зинда назди Худованд сар хам мекунад ва дар вақти рукуву саҷда рафтан, мисли инсон Ояти "Иҳдинас сиротал мустақим"-ро мехонанд. Ин на танҳо Оят аст, балки дуъои беҳтарин мебошад, яъне "Моро ба роҳи рост ҳидоят кун".

Яъне, дар нури офтоб, ташбеҳан дарахт аз ҳидояти Худовандӣ сухан кард ва изофа намуд, ки агар ин нур (ҳидоят) намебуд, ҳама дар як ҷой мисли оби норавон

мемонданд ва бӯй мегирифтанду талх мешуданд.

Ба ин ҳам пирмарди мо ҷавоби амиқро гирифт, валокин аз пурсиш намонд. Дарахтро пурсиданӣ буд, ки сирри қомати росташ аз чӣ буд ва суфтагии бадан аз куҷо пайдо кард.

*Пас, бигуфт пирмард дарахтро аҳсан,*
*Ту ба ақли ҷузъи ман сад чӯб бизан.*
*Лек аз сирри қаду қомат бигӯй,*
*Дар нафирам зарраи ҳикмат бирӯй.*
*Сониян аз пӯсти нармат, ай вафо,*
*Бар мани бечора кун гапро адо.*

Дарахт аз кунҷкобии инсон хурсанд шуд ва чунин ҷавоб дод:

*Гар шунидӣ "… мубталоҳу…" ояро,*
*Пас, намешуд эҳтиёҷ в-он ғояро.*
*Имтиҳон аст умри мо, дон, ай рақиб,*
*Зиндагии пуч бувад "лаҳву лаъиб".*
*Вақти хурди-м решаам норафта буд,*
*Тан заъифу каҷҷу кирмам хуфта буд.*
*Лек боғбон ҳар замон наззора кард,*
*Теша бар каҷҷии ман ҳар гоҳ бизад.*
*Кирмро мечиду дод манро шифо,*
*Сахтиҳо карда бар ман ибтидо.*
*Нола мекардам, ки ай бори Худо,*
*Ту чаро мебинӣ сахтиям раво?*
*Гар ту тухмам кардию рӯёнидӣ,*
*Пас, чаро бар ман табарҳо мезанӣ?*
*Ихтиёри зиндагӣ нокардаам,*
*Пас, чаро сабзондӣ каҷро дар барам?*

Яъне, боз ҳам дарахт таваҷҷуҳи ақли пирмардро бар фалсафаи Қуръон ҷалб кард ва пурсид, ки агар вай оятҳои Сураи "Фаҷр"-ро мехонд, пас мефаҳмид, ки Худо инсонро

барои имтиҳон офаридааст. Мубтало (имтиҳон) инсонро ё ба кароматва неъматҳо ва ё ба сахтиҳо ва норасоии ризқу рӯзӣ ва ҳоказо ба амал меояд ва он ҳам бошад, танҳо барои хотири имтиҳон намудани инсон ва барои мукаммал шудани вай асту халос.

Ба ҳар ҳол, ҳар он, ки соҳиби ақл аст, ӯ мефаҳмад, ки ин имтиҳон аст ва роҳи сабру қаноатро пеш мегирад, валекин нокомил аз ин дарсе намегирад ва ҳар чӣ "Рабби аханан" (Худо маро хор кард) гӯён дилгир мешавад (аз Сураи "Фаҷр").

Нисбати зиндагӣ дар дунё (ҳаёт), дарахт изофа намуда гуфт, ки худи ҳаёти бе имтиҳон, ин як "лаҳву лаъиб" аст, яъне бозӣ ва бекора (аз оятҳои Қуръонӣ) ва барои он, ки ҳаёт ранг гирад, мазмун пайдо кунад ва аз ҳама муҳимаш, аз он инсон мукаммалтар гардад, Худо бо ҳар кор инсонро месанҷад.

Пас, дарахт аз сахтиҳо (санҷишҳои Худовандӣ) нақл карду гуфт, ки дар овони хурдсолиааш "Боғбон" (ташбеҳи Худо) аз ҳолати ӯ ҳар замон хабар мегирифт, тахтабанд мекарду бар каҷҷиҳояш табар мезад, то ки дарахт рост шавад. Албатта, он вақт дарахт намефаҳмид, ки ин сахтӣ несту муҳаббати Худо дар вай аст, ки Худо мехоҳад, ки дарахт бе ҷирму бе кирм бошад, каҷ нашавад. Ростқаду нармпӯст шавад ва бар воя расад.

Дарахт, дар он ҳолҳо, ки намефаҳмид, гиряву нола аз сахтгирии Худо мекард, ӯро суолҳо медод, ки чаро ӯро, ки ба дунё омаданро ихтиёр накарда буд, Худо аз тухм рӯёнид, пас табар мезанад ва ҳоказо. Яъне, чӣ зарурате буд боғбонро аз рӯёнидану сабзондану боз табар задан.

"Боғбон" чунин ҷавоб дод:

*Мехоҳам дар боғ шавӣ ту ростқадам,*
*То ки буд мақсад маро ин аз адам.*
*Лек ҷаннат ҷойи каҷҷон нест, бидон,*
*Асҳоби дӯзаханд он ворисон.*

*Мезанам ман он табарро, ай барӣ,*
*То ки аз каҷҷу гарон озод шавӣ.*
*Гар қадат хамид, осмон шуд сиёҳ,*
*Чист фойида аз туву аз он гиёҳ?*
*Баргонат нури манро набинанд,*
*Ҳасратҳо аз зулумот мебаранд.*
*Соягӣ аз пастхамӣ шуд он замон,*
*Кирми беинсофу ноҷӯрро макон.*
*Он, ки аз нурам гурезон мешаванд,*
*Ранг дар рӯйшон сапедӣ мезананд.*
*Лавни солим сурху ҳарранга бувад,*
*Он, ки носолим - сапедӣ медамад.*
*Ё нахӯди сахт он гоҳ нарм шавад,*
*Гар ба деги оби ҷӯш ӯ сар занад.*
*То аз дарду аз ҳарорат наҷаҳад,*
*Кай нахӯд аз сахтӣ бар нармӣ расад?*
*Бас чи хушхӯр аст гармак аз нахӯд,*
*Он, ки нафаҳмид, нахӯдро хом хӯрд.*

-Пас, - бигуфт пирмард, -ин ҳама азобу шиканҷаҳо, ин имтиҳонҳо ҳам аз Худову ҳам барои мукаммал шудани махлуқаш будааст?!

-Бале, - ҷавоб дод дарахт ва аз он, ки ӯ маро аз ин имтиҳонот бахшид, розӣ ҳастам, ки имрӯз ман қадду қомати рост ва баланд дорам ва танам солим аст ва аз ҳама авлотараш - ман хидмати мардумро мекунам, соя мебахшам, мева ҳосил мекунам, аз шамоли сахт хонаашро боз медорам, аз намаки хок пок мекунам ва зарур ояд, ҳамчу ҳезум хонаашро гарм мекунам. Ва ин ҳам охир нест: хокистарамро бар замин мерезанд, ки аз он замин ғанӣ мегардад ва он навниҳоле, ки аз ҷинси ман аст, дар оғӯши меҳру муҳаббатам, ки поянда шуд, месабзад ва Худо хоҳад, тақдири неки маро, номи неки маро, он навниҳолак давом медиҳад.

Акнун ту, пирмард, қиёс намо ва ба ман бигӯй, ки ҳаётро дар чӣ дидӣ, чӣ гуна зистӣ, чӣ ҳосиле бардоштӣ ва оё ризоияти ҳам бандаҳову ҳам Худоро ёфтӣ?

Бо ин суханон дарахт ҳикояи худро итмом бахшид.

*Некӣ ҳам мисли бадӣ баргарданда аст,*
*Он, ки некном зист, ӯ поянда аст.*
*Ҳикматашро пас нигаҳ дор чун силоҳ,*
*Қадри мисқол карда бошад, пас, яроҳ.**
*Ҳамчунин ҳуш дор, он ки офарид,*
*Баҳри дарсат он Худо асбоб харид.***
*На барои он, ки ту бозӣ кунӣ,*
*Балки дарсе аз ҳаводис ту барӣ.*
*Маънӣ бурдан, гар бувад, аввал аз он,*
*Хишти ахлоқ барчинӣ, дуюм, бар он.*
*Гар зи аввал маънӣ каҷ шуд, ай балом,*
*Девораш каҷ равад он гаҳ ба бом.*
*Сарф аз он иқтидору аз ҳишом,*
*Хона мегалтад ба вақти имтиҳон.*
*Пас, бинойӣ кун ту он хонаро,*
*Устувор бошад, муфид он ҳамаро.*
*Вақти биноӣ макун ту фикри худ,*
*Гар сари авлод бигалтад, пас чӣ суд?!*
*Мурда авлод насли туро қатъ кунад,*
*Пас, чи тавр мардум ёдат нек кунад?!*
*Ин аст мазмуни "баргардандагӣ",*
*Он чи кардӣ, дар асл, бар худ кунӣ!*

*... "ярах" (Сураи "Зилзила"), "пас, ҳатман онро мебинад (инсон)". Таъкид бар он, ки инсон ба қадри мисқол (зарраи хурд) некӣ ё бадӣ кунад, ҳатман мукофот ва ё ҷазои онро мебинаду мечашад.

** Дар ояти Қуръонӣ омадааст, ки Худо он чиро, ки дар осмонҳо (ва ё худи осмон) ва дар замин (ва ё худи замин) ва

ё чизе, ки байни онҳо офарида шудааст, тасодуфан ва ё бе мазмуну бекора наофаридааст, балки "... илло бил ҳақ", яъне барои инсон муфиду зарур, ҳамчу дарсу ҳамчу нишонаи бузургӣ офаридааст, яъне тасодуфӣ нест ин ҳама чиз. Таъкид бар он, ки аз ин ҳодисаҳои ба вуқуъ оянда, соҳиби ақл бояд дарс гирад.

## Ҳикояи Шайхи як деҳа, ки шири табиатан сапедро назди мардум сиёҳ эълон намуд ва аз он рӯз ҳамаро маҷбур кард, ки ширро дигар сапед нахонанд. Ва ё маънии Ояти "... ва яҳсабуна аннаҳум ъала шайъ..."*

*Сураи "Муҷодила", Ояти 18: "… ва онҳо ҳисоб (фикр) мекунанд, ки онҳо бар чизе ҳастанд" Таъкид бар он, ки хилофкорон рӯзе, ки назди Худо рост меистанд, Худоро ба он суханони пуч фиреб медиҳанд ва он ҷо ҳам ҳамчунон рафтор мекунанд ва сухан мегӯянд, ки гӯё онҳо ҳақиқати ҳолро гуфта истодаанд.

Дар яке аз замонаҳо дар як деҳаи хурдакак Шайхе мезист. Он Шайх барои тамоми сокинони он деҳа муқаддас буд ва нишоне аз орифият, аз имоматӣ ва аз таҷрибаи қавӣ ва касбӣ буд.

Мутаассифона, ин нишонаҳо дар асоси қиёс ва ҷаҳолати мардуми он деҳа падид омада буду халос. Агар Шайх орифи ҳақиқӣ мебуду панду тавсияаш неку муфид, куҷо сокинони он деҳа дар фақр (камбизоатӣ) мезистанд?! Ҳатто, тамомашонро ҷамъ кунанд, аз амвол як баррае ҳам надоштанд.

*Шайх мезист андар он як деҳае,*
*Пур зи фоқир, ки надоштанд баррае.*
*Ин аҷаб нест, гар шайхат илм надошт,*
*Интизор ҳам бошӣ н-ояд ақл ба чошт.*
*Аз куҷо рӯзгор обод мешавад,*
*Гар ҷаҳолат чӯб бар сар мезанад.*

*Лек гӯянд шуд сазовор мардуме,*
*Шайхи худро дар қазову тақдире.*
*Илм ҳам исбот намуд, ки манфие,*
*Ҷазб нашуд манфиро, ҳич маъние.*
*Гар мешуд он яке завҷи дигар,*
*Ҷазб мекард мусбате манфиро, нигар!*
*Ё агар ҳамҷинс ҳама мешуданд,*
*Аз куҷо тавлиди авлод медиданд?!*
*Пас, тавозун мантиқи осмон бидид,*
*Он, ки ин қонунро фаҳмид, ӯ бурид.*
*Тонам гардонид суханро ман дароз,*
*Лек баргардам ба шайхи "сарфароз".*

Дар қазову қадар (тақдир), гар мушоҳидакор бошед, дидаед, ки дар тавозун (баланс), ҳама ҳарранг мебошанд. Нест он, ки ҳама куллан хуб бошанд ва ё ки ҳама бад бошанд ва ин ҳам беҳтарии кор аст ва шавқовар аст. Агар ҳама якранг мебуданд, пас дунё ҳам якранг менамуд, шавқ аз байн мерафт, мусобика байни ҳам мантиқ пайдо намекард…

Таассуфи он деҳа дар он буд, ки ҳама якранг буданд, ҳама нодон (ҷоҳил) ва аз ҷаҳолат дар қашшоқӣ зиндагӣ мекарданд. Шайхи нодонашон чизе гӯяд, онро қонун бар худ месохтанд, аз таҳлилу хулосабарорӣ даст мекашиданд.

Аз ин лиҳоз, як рӯз он Шайх боз як "фатво"-и навро ҳукм бар сокинонаш кард:

*Рӯзе шуд, ки шайхи нодону залил,*
*Барбибаст фатвои навро бо чигил.*
*Ҳамаро хонду нишон дод кӯзаро,*
*Андарунаш дошт шир сарбастаро.*
*Ӯ бигуфт, дар кӯза шир ҳаст, шак нест,*
*Он, ки инкор кард, дигар муъмин нест.*
*Он шир, ки буд то имрӯз сапед,*
*Он сиёҳ гашт, карда рангашро базеб.*

*Ай мардум, амри ман аст, то шумо*
*На сапеду бал сиёҳ хонед варо.*

Оҳ, гар медонист он шайхи ҷаҳолатпараст, ки имон бар ғайб танҳо лоиқи Худо аст ва Ӯст танҳо "Аллам-ул-ғуюб" (донандаи ғайбҳо) ва оне, ки нодида (ғайбан) имон гар биёрад бар Худо, аз қатори парҳезгорон мешуд (Сураи "Бақара", Ояти 2), пас шайх худро дар мақом бо Худо баробар намегирифт, ки баробари лофи Фиръавн буд, ки худро "худо" эълон карда буд (Сураи "Нозиъот", "... ано раббукумул аъло", яъне "ман худои бузурги шумо ҳастам"). Ин ҳам аз гумроҳиҳое, ки маҳз ҷаҳолат (нодонӣ, беилмӣ) мепарварад, инсонро бурда мерасонад.

*Вой бар аҳволи он шахс, ки ба ҳақ,*
*Мезанад сангу ба маънӣ шуд тарақ.*
*Гар медошт ақл куҷо мегуфт сиёҳ?*
*Муқтадиро хонда сӯйи ҳар бало.*
*Нест тасодуф ончиро Ҳақ офарид,*
*Ҳатто дар ранг ҳам ҳақиқат шуд падид.*
*Гар зарур мебуд рангаш кард сиёҳ,*
*Аз сапедӣ даст мекашид дар паноҳ.*
*Лек сурат ва сиратро маънӣ аст,*
*Дар фаҳмиш ақли мо аз вай дур аст.*
*Лек кӯронро набуд ӯ дар вуҷуд,*
*Гарна Иблис ҳам ба инсон мекард суҷуд.*

Бале, он чӣ офарида шудааст, "илло бил ҳақ" (аз Қуръон; бе мазмуну бе ирода ва бекора) нест ва тасодуф ҳам дар он нест. Ин ҳама накши муҳим дар такдири инсон мебозад.

Аз ин лиҳоз, шири сапед ҳам тасодуфан сапед нашудааст, балки дар он маъниҳост ва аз сирри он ақли мо оҷиз аст. Агар сиёҳӣ ранги (лавни) шоиста бар шир мебуд, Холиқ (офаранда) онро аз азал сиёҳ мекард, валекин Наққоши Кулл онро сапед ранг додааст.

Афсӯс, ки "дилкӯрон" аз ин бехабаранд, вагарна Иблис ҳам "якчашмаву кӯр" намебуд, пас аз амри Худо дар шинохти инсони офаридашуда сар хам мекард.

Хушбахтона, байни сокинон буданд чанд нафаре, ки сарфи назар аз қоимияти амри он шайх, ба гуфтаҳои ӯ шак ва шубҳа мекарданд. Ва байни онҳо буд як баччаяки хурдсол, ки баъди ин амри кулл ба шайх чунин суолҳо дод:

*Баъди он, ки суханаш итмом гирифт,*
*Кулли омро амри нав монд дар шигифт.*
*Хостанд якчанд нафар диҳанд суол,*
*Лек, тарсиданд, ки шайхро шуд малол.*
*Гар ҳазорон донанд, пас хомӯшанд,*
*Лек байнашон ҳаст, ки маънӣ барчинанд.*
*Буд сағире байни эшон он даме,*
*Ки зи фатво бурда буд нороҳате.*
*Мо куҷо донем даруни кӯзае,*
*Шир аст, ё шӯр аст, ё дигаре?*
*Ё ки худ бигӯй, ки ҳастӣ итминон,*
*Шир аст, на шӯр аст андар ниҳон?*
*Ту Худо нестӣ, ки аз ғайб роз кунӣ,*
*Мардумро пас ба найранг соз кунӣ.*
*Беҳтар мешуд, ки резӣ маҳлул,*
*То ки фатвоҳот ҳама мешуд ҳулул.*
*Ту, ки гӯйӣ шир сапед буд то кунун,*
*Рад зи ҳақ имрӯз барорӣ бар сухун.*

Оре, он кӯдак хурдсол бошад ҳам нотарсона аз ҳақиқати ҳол ва роз аз Шайх оиди фатвояш суолҳо мекард. Ақлаш намегирифт, чӣ гуна шири сапед, ки ҳазорсолаҳо сапед буд, имрӯз бо фатвои нав сиёҳ мегаштааст? О, ин рад намудани ҳақиқат нест магар? Кӯзае, ки сарбаста буд, Шайх гуфт, ки дарунаш шире ҳаст, вале касеро нишон надода буд, ки дар асл дар он кӯза ягон чизе буд ё на?

Афсӯс, ин суханҳо ба Шайх маъқул нагардиданд, суолҳоро ҷавоб надод ва амр баровард, ки он кӯдакро аз деҳа ронанд.

*Шайх, ки аз илм дур буд, ӯ лол гашт,*
*Амр кард, ки бачаро ронанд ба дашт.*
*Лек дар амраш фаромӯш карда буд,*
*Қиссаи Иброҳиму олаш шуд вуҷуд.**

*Қиссаи ҳазрати Иброҳим. Таъкид бар он, ки қавмаш ҳақиқатро напазируфтанд. Пас, Худо амр кард, ки Иброхим (а.с.), ки аз оташ наҷот ёфта буд, қавмашро тарк намояд. Яъне, ҳақиқатро ҷое барад, ки мардумонаш онро инкор накунанд. Вазифаи ҳар Паёмбар "мунзирӣ" аст, (Сураи "Нозиъот"), яъне хабар додан аз ҳақиқат. Гар гӯш надоданд бар он, пас "мусайтир" (Сураи "Ғошия"), яъне камин нагирифтаанд онҳо (яъне, Паёмбаронро аз гӯш надодани қавмашон ба сухани ҳақ масъулияти дигаре нест).

*Чанги пойи бачаро дида ба дашт,*
*Хотири шайхи залил ҷамъбаста гашт.*
*Хуб шуд, - гуфт ӯ, -андар ин хилол,*
*Ҳич яке ҷуръат накард бар ман миҳол.*
*Ин маҳорат аст, то тарсанд ҳама*
*Баррае сар зан миёни он рама.*
*То ба гӯсфандони дигар дарс шавад,*
*К-охири кор аз суолҳо ин бувад.*

Сад афсӯс, ки Шайх ҳам аз "худиро зан, то дигарон битарсанд" суйиистеъмол намуд ва бо ин дигаронро дарсе додан хост, ки аз "суолҳои ноҷо" охири корашон нохайр аст, валекин, фаромӯш кард, ки Худо бинандаву шунаванда аст.

*Инчунин фикр карду шуд пас ӯ бо ғурур,*
*Боз гашт бар аҳли хонаш дар сурур.*

*Ӯ, ки аз "... кона... басиро" чашм надошт,*
*Бар хаёли хому ноаҳлаш гумошт.*
*Он Худо, ки дар сирҳо ъаллам аст,*
*Чашм басту садди роҳашро бубаст.*

Бале, дар ғурурӣ (худфиребӣ) ғарқа заду, шайх, мисли он гурӯҳе, ки Номаи Аъмолашон аз ақиб (ё ба дасти чаппашон) дода мешавад, норафта аз ин дунё, аз аҳли номақбулон гашт.

Ӯ на танхо инро, балки онро, ки Худо аз кори ӯ бинанда буд (кона биҳи басиро), фаромӯш кард, валекин Худо бинандаву шоҳид аст (Сураи "Иншиқоқ"). Ӯ "аллам-ул-ғуюб" аст (донандаи ғайбҳо).

Ва оне, ки худфиребӣ кард, дар роҳашон, чашмашон, дилашон ва ҳоказо, садде гузоштааст Худо. (Сураи "Ёсин").

*Гар рувайдост маҳли инон дар ҷаҳон,*
*Пас, Ҷаҳаннам мешавад андар нишон.*
*Ин ки, авқот баргузашту ёфт аҷил,*
*Он малоик баргирифтанд дар хиҷил.*
*Он яке мезад қамчин пушти сар,*
*То ба дардаш устухон мешуд басар.*
*Дигаре гуфт: хоҳӣ Ҷаннатро дидан?*
*Шайх ҷавоб дод "кош мешуд" дар батан.*
*Лек, ба ҷойи Ҷаннат Дӯзах вонамуд,*
*Ранги рӯяш аз дидан шуд кабуд.*
*Ӯ бигуфт "Охир, Ҷаннат нест ин,*
*Андарунаш мешавад азб-ул-муҳин."*
*Аз сифоти Ҷаннат ман донам дигар,*
*Пас, маро ту сӯйи он Ҷаннат бубар!*
*Он Накир бигуфт "ло" андар сухан,*
*Хоҳиш аз Ҷаннат дидан чашме бубанд.*
*Амр аст моро аз имрӯз в-он сипас,*
*Дӯзахашро Ҷаннат хонем дар иваз.*

*Он, ки амри навро иқбол нахонд,*
*Сӯйи дашти вайлаш Моликаш биронд!*

Оре, Шайх ҳам аз қатори онҳое буд, ки маҳлашон рувайдост, яъне дар ин ҷаҳон онҳоро вақти фароҳаме дода шудааст, то ки он чиро хоҳанд - бикунанд, он чиро хоҳанд - бигӯянд ва ҳоказо, яъне аз муҳлатдодагонанд (Сураи "Ториқ").

Вақт гузашт, аҷал, ки омад, Шайх ҳам мисли ҳама ба фариштагон (Мункар ва Накир) рӯй ба рӯй шуд. Якеаш суол медоду дигаре азоб.

Пас, Накир аз Шайх пурсид, ки ӯ ба Ҷаннат рафтан мехоҳад ё на?

Шайх ҷавоб дод: Албатта, ки мехоҳам!

Накир ба ҷойи Ҷаннат ба шайх Дӯзахро нишон дод. Шайх инро фаҳмид, тарсид ва гуфт, ки ин Ҷаннат нест. Ӯ Ҷаннатро аз Дӯзах фарқ карда метавонист, мисли сапедиро аз сиёҳӣ. Талаб намуд, ки ӯро фиреб надиҳанд ва ба Ҷаннати ҳақиқӣ баранд.

Лекин Накир ҷавоб дод, ки онҳоро амри нав додаанд, ки аз имрӯз то абад Дӯзахро бар инчунин ашхос "Ҷаннат" хонанд. Ва онҳое, ки инро рад мекунанд, ба Дашти Вайл (дар Дӯзах) ронда мешаванд.

## Ҳикояи фарзанде, ки аз накӯномии падараш фоида мегирифт

*Дар қария марде мезист некном,*
*Бо некӣ ном баровард, шуд кином.*
*Ҳамчунин рафтор дошт, ки ин рашид,*
*Ҳамдамонро сӯйи мақсад мекашид.*
*Аз Зуҳо ӯ нақши соилро биёфт,**
*Ӯ Абас дарке бикарду рӯй матофт.***
*Карда зойид илму фарҳангаш Худо,*
*Оиле буд, пас Ҳақ кардаш гано****

*Сураи "Зуҳо", Ояти 9.
**Сураи "Абаса", Оятҳои 1-10.
***Сураи "Зуҳо", Ояти 8.

*Дар асоси Қуръону он ҳукум,*
*Ахтаре гардонд Ҳақ байни нуҷум.*
*Чун ситора қутби афлокро нишон,*
*Сӯйи хушкӣ мераҳонд ӯ дигарон.*
*Мисли Нуҳ кишти-ш мавҷро мебурид,*
*Оқибат бар қуллаҳои кӯҳ расид.*
*Хислаташ ин буд, ки ҳар як соиле,*
*Аз дараш бо домани пур моиле.*
*Ҳич набуд, ки рӯзе холӣ мераҳонд,*
*Соилонро сӯйи кӯча ё ба хон.*
*Гар набуд гӯшт, устухонаш ӯ бидод,*
*Коре мекард то наёянд боз ба дод.*
*Қисса кутаҳ, ҳайрати Ҳотам ӯ буд,*
*Дили ҳар як шахсро ӯ ёфта буд.*

*Ин гуна инсон номаш зиндааст,*
*Гарчи кайҳо ӯ ҷаҳон тарк кардааст.*
*Инчунин ҳам шуд, сӯйи худ бихонд,*
*Ҳақ ӯро аз имтиҳон вопас раҳонд.*
*Гарчи рафт ӯ, лек некиаш бимонд,*
*Зинда мекард номро дар ин ҷаҳон.*

Бале, хоҳ нек бошему хоҳ бад, ҳама як рӯз бояд бирафт, валекин, чи тавре ки дар Сураи "Ҳашр" суолест "... ма қаддамат лиғод" (чи чизеро бо худ барои фардо омода сохтаем (мебарем)), марди мо ҳам, ки некиро дар ин ҷаҳон сармоя карда буд, он тараф мукофотонида шуд, Ҷаннат ӯро интизор буд...

Аммо, чи тавре ки Паёмбарамон (с) фармудаанд "Куллу масъулун лирраъийтиҳи" (Ҳар шахс барои наздиконаш ҷавобгар аст (масъул аст)), мард аз худ оила ва фарзанде мерос монда рафт. Албатта, аз он чи мерос гузошта буд, онҳо серу пур мезистанд. Рӯзе омад, ки ин ҳама мероси падар ба итмом расид, фарзандаш ҳам мактабхон шуд, вале маблағ барои зисту зиндагонӣ, барои китобу дафтар камӣ мекард.

*Рафт пир ҳам, лек монд ӯ дар ақиб,*
*Фарзанду молу занро, ай рақиб.*
*Ончи аз мол монд, хӯрданд як тараф,*
*Мисли сандуқ рафта дуздонро талаф.*
*Ҳич яке онон фикри он накард,*
*Кай бароядҳарби холӣ дар набард?*
*Гар ҷангро хостайӣ, тег гум макун,*
*Ту ҷувол холӣ дидайӣ рост бар сутун?*
*На, наистад рост, ҷуволаш холӣ аст,*
*Он, ки фардоро нася фикр кардааст.*
*Ту ғами фардоро имрӯз фикр бикун,*
*То ки фардо ойӣ аз ғамҳо бурун.*

*Дар хотир дор, ки он ояд ба дод,*
*Ки ба дасти холӣ рафтаст дар лиғод.*
*Мусрифонро дӯст надорад он Худой,*
*Ки наёранд хуми Ҳақро ҷо ба ҷой.*
*Лек дар ин мазмун нест аз хӯрданӣ,*
*Сарф аз сарф фарқ дорад, ай ғанӣ.*
*Гар ту ақлро пеш бурдӣ дар сараф,*
*Пас, матарсу магрез ту ҳар тараф.*
*Гар ту ақлро хӯрдайӣ пеш аз сараф,*
*Бе шубҳа, муътад ҳастӣ дар халаф.*

Мероси инсон на танҳо молу мулкаш ва ё фарзандаш ва ҳоказо, балки тарбияи дуруст ҳам ҳаст. Мард некӣ кард, ном баровард, вале аз содатарин дарсҳои ҳаёти сахт фарзанд ва ё занашро огоҳ накарда буд.

Ин сабаб шуд, ки баъди рафтанаш, аз неъматҳои ҷамъовардааш аҳли хона сарф мекарданд, вале рӯзи фардоро наандешиданд. Ба ҷои он, ки якеро хӯрда, дуро ҷамъ созанд, онҳо исроф мекарданду захира на. Албатта, "мусрифон"-ро, чи тавре ки дар Қуръон омадааст, Худо дӯст намедорад, вале ин мазмуни онро надорад, ки инсон умуман сарф накунад.

"Муътод" онест, ки ҳадду канори муайянро мегузарад ва ин тоифа аз онҳое мебошанд, ки Худо дӯсташон намедорад. "Мусриф" шахсест, ки сарфро аз ҳад зиёд мекунад, яъне болои он, ки ин дуруст аст ё на, лозим аст ё нолозим, саривақт аст ё вақтрафта.

Аз инҷост, ки агар шахс боақлона амволро сарф кунад, аз қатори "мусрифон" ва ё "муътадин" намегардад. Валекин чун ҳадду канорро вайрон намуд, сарфи беҳуда кард, ҳам "муътаод" ва ҳам "мусриф" мегардад, яъне аз қатори онҳое мегардад, ки Худо дӯсташон намедорад. Ин аст мазмуни "… ва ло таъкулу амволукум байнакум бил ботил" (Сураи "Нисо"), яъне, "ва махӯред амволатонро байни худ ба ботил".

"Ботил" чизест ва ё корест, ки оқибат ба нуқсон оварда мерасонад, ба мисли беақлона кор кардан, сарфи беҳуда намудан ва ҳоказо…

*Гарқаи ботил, ки фарзанд гашта буд,*
*Мисли барра аз рама дур рафта буд.*
*Зиндагӣ пур аз гургони ваҳшие,*
*Аз қатор мондӣ, наздат рахшие.*
*Ҳар яке дандон занад, ногуфтанӣ*
*Ту аз ин ҳол кай ақле мебарӣ?!*
*Фарзанди некпадар ҳам шуда лол,*
*Кунҷ нишасту кард назар он дам ба ҳол.*
*Иштибоҳи худро ӯ дарк намуд,*
*Сӯйи асмо рӯйи худро бурда буд.*
*Даст бардошт бар дуою гуфт ба ӯ,*
*Ай Худоё, ҷонам овезон ба мӯй.*
*Ин ки беақл будаму даркам нашуд,*
*Мубтало бар сахтиҳо охир намуд.*
*Фаҳмидам ман он хатогиҳо кунун,*
*Ай Худоё, кумаке кун, ор бурун!*

Бале, фарзанди он шахси некном ҳам, ки бе пулу бе чораву гурусна дар кӯча монда буд, ба аҳволи худ назар намуд, хатоҳои худро дарк кард. "Худо меҳрубон аст. Худо бахшанда аст. Худо ҳидоятгар аст. Худо расанда аст", -гуфт ба дил ва сӯйи даргоҳи Худованд дасти дуо бардошт, фиғон кард, ки имрӯз ҳаёташ овезон бар мӯй аст, ки ҳар гоҳ метавонад канда шавад, истиғфор аз гуноҳ кард, раҳойӣ аз банди нохушиҳо аз Худованди Қодир талабид.

*Беканор аст лутфи Раҳмону Раҳим,*
*Мераҳонад сӯйи ҳасти мустақим.*
*Он, ки даст бардошту пас, кард ӯ дуо,*
*Пас, нигаҳ дорад эмин аз бало.*

*Гар бипурсӣ молро, моле диҳад,*
*Гар бипурсӣ ҳолро, ҳоле диҳад.*
*Ҷойи рустӣ нест дар ин, пас бидон,*
*Бо накӯён неку пас бад бо бадон.*
*Лек ҳушёр бош андар ҳар талаб,*
*То ки охир магзӣ лабро ту ба лаб!*
*Қаблан ту фикр кун, ки он чӣ будааст,*
*Ки бар ин аҳвол туро овардааст?!*
*Баъдан фикри охир аз корро бубин,*
*Боз нашад, ки монӣ расво, ай мубин!*
*Бори дигар "иннам-ал-аъмол" бихон,*
*То ки охир боз намонӣ дар фигон!*

Худованд - шунавандаву бино аст. Худо ба ҳар талаби кардаи мо, дуои мо посух медиҳад. Инсони боақл пеш аз дуо намудан бояд фикр кунад, ки оё дуояш ҷоиз аст ё на? Пеш аз талаб бояд фикр кунад, ки чизи пурсида истодааш дуруст аст, охири кор чӣ мешуда бошад…

Ин ҳам шуданаш мумкин аст, ки пурсидааш аҳволашро аз он ҳам бадтар намояд. Барои ҳамин ҳам, ба Худо таваккал карданро бояд омӯзем, ки Худо, ки бузург асту донову кодир, беҳтару бештар медонад, ки моро чӣ фоида меоварад ва чӣ зарар…

*Камтар бигзашт вақт аз вақти дуо-ш,*
*Ки Худояш кумаке овард баро-ш.*
*Шахси номаълум саломе дод варо,*
*Мар Худо гуфтову дошт сахт буттаро.*
*Аз багал ҳамёни зарро рехт бар ӯ,*
*Холисан лиллоҳ гуфту рафт аз ӯ.*
*Ин қадар нозук вақти кумак аст,*
*Ки сипос гуфтан аз ақл берун аст.*
*То нашуд мугриқ кумак ноталаб,*
*Аз дили ҷоҳил наёяд гап ба лаб.*

*Мугриқи баҳр то наёяд соҳиле,*
*Аз сипос гуфтан даристад ҷоҳиле.*

Бале, фарзанди он марди некноми рафта, аз ночорӣ дасти дуо бардошт, аз аҳволаш нолид, хатоҳояшро фаҳмид ва Худо ҳам дуои ӯро мустаҷоб кард.

Камтар вақт нагузашта аз вақти дуояш Худо як шахсро назди ӯ фиристод. Марди ношинос бе ягон сухани зиёд ҳамёни зарринашро гирифту ба он ҷавон дод. Тавсия дод, ки Худо мегӯяд, мустақим бошад, яъне бовар, ки кардӣ, аз пайи корат шав. Он тарафашро Худо мебинад. Инро гуфту мард даррав рафт. На аз ном, на аз насаб ва на аз аҳволи вай пурсид. Гӯё, ки ҳама чизро медонист…

Вақти кумак гирифтан аксари мардум аз сипос фаромӯш мекунанд. Валекин ҷавонмарди мо, ки кайҳо чанд дарси муфид аз ҳаёти сахташ гирифта буд ва мазмун аз "масғаб"* дошт, даррав аз ҷояш бархесту аз пайи ҷустуҷӯи он марди нек шуд. Ӯро ёфт ва пурсид, ки чаро ин тавр кардааст? Чаро бо некиаш ӯро фурӯ гузошт? (Мазмунан, шарм доронд) …

*Сураи "Балад", Ояти 14 "… фи явмин зи масғаба" (… ба рӯзи гуруснагӣ).

*Лек фарзанд, ки ба ҳикмат пухта аст,*
*Аз баёни "масғаба" ақл кардааст.*
*Хест аз ҷой, даррав ӯ пас шуд мукил,*
*Шуд ҷӯё аз пайи он нек вакил.*
*Кунҷи гардиш дошту гуфто ба ӯ,*
*Ки чаро ӯро ба некиш монд фурӯ?*

Мард, пас чунин ҷавоб дод:

*Мард рӯй бар ӯ биоварду бигуфт,*
*Сирри ин дар кори пешине нуҳуфт.*
*Ман ҳам будам мисли ту ночору бад,*
*Зери офтоб менишастам мисли рад.*

*Нон намеёфтам, ки хӯрам дар замон,*
*Исту бистам рехта буд, ҷон дар фигон.*
*Лек рӯзе бар ҷавоби он дуо,*
*Мар Худоям бандае фиристонид маро.*
*Коре кард, ки он чиро кардам ба ту,*
*Мисли ту бар ҷустуҷӯяш сӯ ба сӯ.*
*Вақт гузашту соҳиби илме шудам,*
*Соҳиби амволу давлат ҳам шудам.*
*Лек бояд баргардонд некиро,*
*То ки гардад гардон ӯ гетиро.*
*Рӯз омад, ёфтаму рафтам ба хон,*
*Сӯйи он, ки ёфта буд ном дар ҷаҳон.*
*Бобоят шахси некном будааст,*
*Аз некӣ Ҳотаме ном ёфтааст.*
*Дар бисоти суҳбати ёрон шудам,*
*Ғояи некӣ зи байн ман бурдаам.*
*Вақти суҳбат, бобоят гуфт маро,*
*Некномӣ паҳлу дорад, ай фато.*
*Он, ки имрӯз ғам зи фардо мехӯрад,*
*Бо худ ӯ сармояе пас мебарад.*
*Ин ҳам некномист, ки фардо ёд кунӣ,*
*Дар бағал ҳамёни худро пур кунӣ.*
*Ҳамёну зар зи одам рехтаанд,*
*Лек ба худ ҳич як яке нобурдаанд.*
*Аз накӯӣ номи некат пас бимонд,*
*Ҳам туро, ҳам дигаронро мераҳонд.*
*Инро бин, ки некии бобойи ту,*
*Гаштаву баргашта омад сӯйи ту.*
*Ҳам марову ҳам туро кумак бикард,*
*Он, ки номи нек мондаст дар абад.*

Рӯзи дигар бо шиками сер ҷавонмард дарс рафт, валекин ӯ ҳеҷ маводе барои дарс надошт: на қалам ва на дафтар ва чизе дигар. Тарсид, ки устод ӯро сарзаниш мекунад, валекин аҳвол чунин шуд:

*Рӯзи дигар сӯйи дарс шуд ӯ равон,*
*Халтааш пуч буду фикраш парешон.*
*Аз нодор чӣ талаб дорӣ дигар,*
*Ҳич надорад ӯ ба чӣ ҳоле, нигар.*
*Дохили ҳуҷра шуду хомӯш нишаст,*
*То ки н-ояд бар сараш устод ба шаст.*
*Лек шаст ҳам бар харон роҳро нишон*
*Медиҳад он харсаворе бар макон.*
*Гар намезад чӯб роҳи каҷ равад,*
*На макону сӯйи кони бад барад.*
*Пас боло бошад дасти чӯбзане,*
*Ки биандозад ба роҳаш арзане.*
*Ин ки аз аҳволи толиб шуд хабар,*
*Дил мадод устодаш ӯро бар ҳазар.*
*Лутф карду сӯяш омад он даме,*
*Дил пурсид аз аҳволаш чун марҳаме.*
*Пас, кириом дор нексуханро, ки барад*
*Ғамҳоятро дур зи қалбат, мениҳад.*
*Фарзанди навзод ҷӯяд ба бӯй,*
*Бӯйи шир ояд, ки гардонд ваҷҳу рӯй.*

Бале, чи фоида аз шахси нодор доройӣ ҷустан? Гар медошт, киройи ин тарс намешуду зарурат ба чизе ҳам намедошт. Шояд, нодорӣ ҳам давлат аст?

Ҷавонмарди нодор ҳам, ки хело илмро дӯст медошт, нотарсона даромад. Ба кунҷе нишасту хомӯш ба устодаш гӯш меандохт. Вале аксар ё аз аҳволи нодории худ шарм мекунанд ва ё қавиирода нестанд, ва ё аз тарси "адабчӯб"-и устод дарсгурезӣ мекунанд. Ҳол он ки "шаст"-и устод ҳам

сабаби роҳати баъдина аст. Мисли оне ки харсавор бо чӯбдаст маркабро роҳнамоӣ мекунад…

*Инак, ӯ омад ва пурсид эҳтиёҷ,*
*То ки аз маъхаз гардонад ӯ хироҷ.*
*Гуфт надорам ман қалам ё ки варақ,*
*Ин хаёлам бурд, бигардонд сар-сарак.*
*Хандае омад лаби дорандаро,*
*Лутфи беандоза кард ҷӯяндаро.*
*Ӯ баровард ҳам варақ ва ҳам қалам,*
*Эҳтиёҷашро баровард, вассалам!*
*Ай, ки матлаб сӯйи даргоҳаш барӣ,*
*Ту мадор шарм аз аҳвол, бесарӣ.*
*Ҳақ, ки даргоҳаш васеву беканор,*
*Аз додан гарданаш н-ояд ба дор.*

Ҷавонмард аз рафтори марҳаматбори устод ба ҳайрат омад ва пурсид, ки ин аз чист? Устод чунин ҷавоб дод:

*Ай устод, ин қадар лутфе кунӣ,*
*Ё ғараз дорӣ, ки аз ман мебарӣ?*
*Гуфт устод: медиҳад моро Худо,*
*Ҳар чизе, ки хостаем бе чун-чаро.*
*Гар ту некӣ мекунӣ, дарё қариб,*
*Гар бипартофтӣ биёяд анқариб.*
*Лек фаромӯш кун карда некиро,*
*То ки ёбад аз ҳазорон ӯ туро.*
*Магарам некит ғараздор мешавад,*
*Аз ниҳойӣ мақсадат дур мебарад.*
*Ин бигуфту боз танбеҳаш бидод,*
*Он ки дидаст некӣ аз волид билод.*

Яъне, устод гуфт, ки некӣ бояд бе ғараз бошад, танҳо барои хотири шахс ва бе ягон интизории вопасин. Некие,

ки кардӣ - ба дарё бояд партофт, мазмунан, некиро бе ғараз куну аз хотират барор, барои ризоияти Худованд бикун ва ҳоказо. Интизорӣ макаш, ки якаш даҳ бояд баргардад…

Ва инак, устод давом дод ва гуфт, ки шаҳр (билод) аз падари он бача некиҳое дида будааст…

*Ин шаҳрак ҳич надошт дорулфунун,*
*Он, ки илме дод ҳазоронро кунун.*
*Як замона марди некном аз бараш,*
*Дод ҳамёнро бо кулли зараш.*
*Бо ин маблағ мадраса шуд ростмақом,*
*Он некном буд - бобот, вассалом!*
*Гарчи мурдаст, зинда бошад то абад,*
*Он, ки бо худ некуномиро барад.*
*Он, ки дорост, лек бахил аст дар вуҷуд,*
*На мақомаш кор ояд, на суҷуд.*
*Гар тавонӣ, то рафтан некӣ кун,*
*Он хаёли хомро баркан ба бун.*
*Ин ки дар дунё накардӣ некие,*
*Ҳич накунӣ пас он ҷо серие.*

Бале, падараш кайҳо мурда буд, валекин накукориаш, саховатмандияш, нексуханиаш пас аз марг на танҳо дигаронро, балки фарзандашро ҳам фойидае мебахшид. Ин дарс аст ва номаи аъмоли инчунин ашхос то абад кушода бимонад ва он садақаи ҷория (ҷоришаванда) дар он доиман навишта мешавад.

*Ай карими муқрии ин сатрҳо,*
*Инро вомагзор қатори "ҳоказо".*
*На зи ман ва на зи ашхос, аксарин,*
*Ин Худо аст, ки "… юҳибб-ул-муҳсинин".*
*Ҳамчунон зӣ, ки пас аз мурданат,*
*Котибин бар номаат нек сабт кунад.*

## Ҳикояи саги думбурида

*Думбурида як саге рӯзе зи дашт,*
*Дар хаёл оғуштаву раҳ мегузашт.*
*Дил ба рабби худ супурда, зам ба лаб,*
*Аз Худояш бар ҳаволаш кард талаб.*
*Чашм меандохт ба думи кутаҳаш,*
*Ашки беандоза мерехт аз рухаш.*
*Ҳар гаҳе як қатра афтод бар замин,*
*Ҷуз фиғон аз дил маяфзуд, ай амин.*
*Ай Худоё, - гуфт ӯ, - Асрор туйӣ,*
*Пас чаро думи маро кутаҳ задӣ?*
*Лек садое норасидаш он замон,*
*Муддате бигзашт, расид бар як макон.*
*Ки дар он ҷо ҳар саге думе бидошт,*
*Дида онро на саге, товус гумошт.*

Рӯзе як саги думбурида аз дашт мегузашт. Сараш поён, оғуштаи хаёл ва фиғон ҳич намегуфт, лекин дар дил бо Офаридгораш суҳбат ороста буд. Ӯ, ки аз думбурида офарида шуданаш норизо буд, аз Худо суолҳо мекард, ки чаро ӯро кутаҳдум офарид ва сирри он дар чист? Ашк мерехт, оҳ мекашид, аз Худо металабид, вале ягон садое ҷониби ӯ нарасид.

Баъдан ӯ ба як ҷойе расид, ки макони сагон буд ва таъассуф хӯрд, ки ҳама сагон думдор буданд. Думҳои оддӣ не, балки думҳои базебу рангин, ки мисли думи товус менамуданд.

*Оҳ, - гуфт саг, - бой додам ман кунун,*
*Мар намедиҳанд сагон дигар сухун.*
*Замми бедумӣ, лисонам кутаҳ аст,*
*Ин чияст, ки ақлҳоро матраҳ аст.*

*Байни ҷойдорон беҷой чӣ кунад?*
*Аз суфи бечораам бой чӣ барад?*
*Ину он мегуфт, ғам ҳам шуд фузун,*
*Гургони ваҳм чариданд андарун.*
*Кош, - мегуфт ӯ, -надидам ин макон,*
*Ҷойи ман дашт асту андомам фиғон.*

Байни он сагони фарбеҳу соҳиби думхои базебу дароз думбуридаи моро ғам бисёртар шуд. Ӯ фикр мекард, ки "куҷо омадам?", "о, мани бедуму "безот" байни ин думдорони "зотӣ" чӣ мекарда бошам?" Изофатан, саги мо дар ақидаи он буд, ки "агар ту нуқсондор бошӣ, пас ту тамоман ноқис ҳастӣ", ҳатто забонат ҳам мисли думат кутаҳ аст.

Ин дам, садое аз Худояш омад, ки гуфт:

*Ай махлуқ! Маъниест дар кутаҳӣ,*
*Ин қадар ту бе асос гап мезанӣ?*
*Гар нагирад ақлат аз сирри ҷон,*
*Мар нашояд ту барорӣ як фиғон.*

Пас, Худояш изофатан чунин идома дод:

*Аз муаммоҳо фирор кардан хатост,*
*На гурехтан, балки ҳал кардан равост.*
*Ҳар яке, к-аз боронҳо мегурехт,*
*Барфаш пеш ояду андом бирехт.*
*Ақлҳоро додаем на баҳри руст,*
*То ки оқил аз муаммо чора ҷуст.*
*Ғайри дониш гар мукобир мекунӣ,**
*Мисли дастон, ки ба сангҳо мезанӣ.*
*Кӯфтани оҳан ба сардӣ нест муфид,*
*На ба оҳан, на ки оҳангар бурид.*
*Болгуйе, ки бар сари сард мезанӣ,*
*Оҳанеро каҷ кунад, даст бишканӣ.*

*На тамом аст қиссаи сарди куҳан,*
*Болғуро ҳам мешканӣ ту дар задан.*
*Бин, ки ин ҳама хиёнат то куҷост?*
*Нокифоя илм куҷо бурд роҳи рост?*

*Сураи "Луқмон", Ояти 20. Таъкид бар он, ки Худо тамоми офариниши худро, хоҳ дар замин бошаду хоҳ дар осмонҳо, танҳо барои инсон мусхар (барои истифода бурданаш) кардааст. Ва он неъматро, Ҳақ ба неъматҳои зоҳирӣ ва ботинӣ тақсим намудааст. Аксари уламои (олимони) илми тафсир (мазмуну маънӣ) дар он ақидаанд, ки ягона неъмати ботинӣ - ин ақл аст, ки дар асоси илм, ҳидоят ва китоби рӯшан (китобун мунир) ба даст меояд. Ҷидол кардан (мукобира, яъне пеш аз вақт ва бе асос хулоса намудан) ба ғайри ин се чиз - ҷаҳолат аст, яъне хатову беақлист…

Бале, ноқис дар илмему дар ақл, валекин воъизиву даъво мебарем. Аз сирри офариниш ва ҷузъиёти он, ки ақламон намегирад, беҳтар мешуд хомӯш мебудем. Инсон танҳо болои сангяхро мебинад ва он чӣ, ки дар зер аст, ки бо обҳои асрори худовандӣ собит шудааст, онро на мебинему на дарки онро карда метавонем. Дар фикри онем, ки гӯё тасодуфе шудааст ва ё дар офаринишу тақдир хатоие содир шудааст. На, чунин нест…

Баъдан, дидем, ки нашуд, он вақт роҳи гурезро интихоб мекунем, валекин аз муаммоҳо гурехтан муаммоҳои дигареро меофарад, мисли оне, ки аз борон мегурезаду ба бӯрон дучор меояд. На, чунин нест, инсон бояд муаммоҳоро ҳаллу фасл кунад, на ин ки аз онҳо гурезад. Он муаммоҳо аз санҷишҳои Худо аст. Ва боз ҳам, агар илм надошта бошему асли корро надонем, кӯшишҳои мо мисли кӯфтани оҳангар оҳани сардро аст, ки аз он ягон ҷониб фоидае намегирад.

*Ман тавонам қисса гӯям бардавом,*
*Аз дарозӣ лек малол ояд авом.*

*Дар мақоли ҳақ кутаҳ беҳтар аст,*
*Як задан аз сад задан олитар аст.***

**Зарбулмасал: "Сад задани сӯзангар баробари як задани оҳангар аст".

Яке аз бартарихои "кутаҳӣ" - бисёр ва чуқур фикр намудану кам ва бар ҷой (маврид) гуфтан аст, ки сухани зиёд ба атроф малол наёрад.

Бо ин суханон Худояш суханро кутаҳ намуд ва ба думбуридаи мо тавсия намуд, ки агар худро дар офаринишу тақдир ноқис паст шумурда бошад, бо яке аз сагони базебтарин, ки гӯё дар офаринишаш нуқсоне нест, суҳбат ороста бошад.

Ва албатта, баъди мулоқот чун суоле пайдо шуд, боз ҳам аз Худояш бипурсад, ки дарҳоро ба ҳар пурсанда кушода мондааст.

*Беҳтараш он аст ин, ки тасмимат бувад,*
*Бо яке з-онон мулоқот аз тарад.*
*Баҳри ин кор интихоб кун беҳтарин,*
*Гар шумурдӣ дар қиёс хеш пасттарин.*
*Ҳар гаҳе ки шуд мулоқотҳо адо,*
*Назди ман ту бо суолҳоят биё!*
*"Фансаб"-у ҳам "Вақтариб" баҳри ту аст,**
*Чашми ман доим манзур дар раҳ аст.*
*Интизорӣ мекашам, ой сӯйи ман,*
*Оқилонро анқарибам анҷуман.*
*Баҳри ту дарҳо мондам ман кушод,*
*Чашми дилро вогушо ту, ай рашод.*

*Сураи "Шарҳ", Ояти 7 ва Сураи "Алақ", Ояти 19. Таъкид бар он, ки ҳар гоҳе ки берун аз коре шудед ва ё "тарад" (дармонда, ғалтида) гаштед, ёди Худоро кунед (фансаб), ки мададгорамон Ӯст ва ин корест аз наздик шудан бо Ӯ (вақтариб).

Инак, саги думбурида тавсияро қабул намуда, бо сардори сагони думдор суҳбат ороcт. Зимни суҳбат оид ба масоили зиёде сухан рафт.

*Карда ҳалқа гӯшҳоро шуд тамим,*
*Ороcт бо он яке суҳбат самим.*
*Гуфт абтар думдорро, ку бигӯй,*
*Фазли думдор аз бедумон биҷӯй.*
*Чун амин гӯяд рӯшан аз абас,*
*Зоҳиреро ҳиҷ наояд дастрас.*
*Пеши кӯрон кӯр гуфтан пас хатост,*
*Пеши карон кар гуфтан носазост.*
*Лек агар хоҳӣ зи аҷзо шукр кунӣ,*
*Мар назарро пеши ноқисон барӣ.*
*Дар қиёси силм бо амрози бад,*
*Шукри неъмат аз саломат шахс барад.*

Бале, дар ривоят омадааст, ки шахсе назди Паёмбари Ислом (с) омад ва аз камбизоъатӣ шикоят намуд. Паёмбарамон фармуданд, ки ай фулонӣ, ту беҳтар мешуд, ки ба гирду атроф назар мекардӣ ва медидӣ, ки аз ту мискинтар ҳам ҳаст. Вақте ки дидӣ, пас дар қиёс бо он, ту бояд шукр намойӣ…

*Дар замон аз кутаҳон кутоҳтар аст,*
*Кутаҳ аз кутоҳтар ҳам беҳтар аст!*
*Шукри он кун, ки туро Ҳақ дод ином,*
*Гар накардӣ, пас равад он, вассалом.*
*Ин бифаҳмид абтари мо, пас бикард,*
*Мар суолро кутаҳу андоза кард.*
*Як суоли додааш зимни думаш,*
*Бар забон омад аз қаъри рагаш.*
*Фазли ин дум аз чӣ мебинӣ, бигӯй?*
*Ай саги зебову думдор, хушрӯй…*

*Лек ба ҷойи фахру хурсандӣ, рухаш,*
*Акси нокомӣ ҷило кард посухаш.*
*Бо думи фарбеҳ дарозу комилам,*
*Дар набардҳо маглубонро шомилам.*
*Ҳар саге, ки нотавон аст, аз ҳасад,*
*Думи манро аз ҷаҳолат мегазад.*
*Ин дароздум зери дандонҳо, ки шуд,*
*Аз куҷо фирор кунам ман то убуд?*
*Ё ки вақти хоб кардан дар сабад,*
*Аз беҷойӣ дум зерам равад.*
*Он, ки аҷзо вақти хобат зер кунӣ,*
*Хобҳои даҳшатовар мебинӣ!*
*Ё ки кайкон ҷойҳошон дар дум аст,*
*Хориши бисёр оранд даст ба даст.*
*Сайдҳоро ҳамла кардан ноқисам,*
*Дар давидан вазниниҳо барам.*
*Ин бигуфту он бигуфту шуд хамӯш,*
*Аз ночорӣ ба сӯрох рафт чу муш.*

Акнун, ки абтар (думбурида) "фазоилу каромот"-и думдориро аз даҳони худи думдор шунид, қиёс намуд, хулосаҳо баровард, шукри кутоҳдумӣ кард ва назди Худояш давид.

*Бозгашту бар Худояш кард суҷуд,*
*Пас, бипурсид ин ҳама баҳри чӣ буд?*
*Гуфт Худояш: гуфта будам маънӣ аст,*
*Ақли бе илм дар наздам рахна аст.*
*Сирри халқамро бидонад ҳар касе,*
*Соҳиби ақл бошаду рафтор хасе.**
*Лек бидон, ки "абтар" он шахсе бувад,*
*Кутаҳӣ дар роҳи илму ақл барад!*

*Дар рафтор хоксор бошаду ба шахсе зиён наёрад.

## Ҳикояи имом ва нобиное, ки оиди "Кӣ кӯртар аст?" баҳс мекарданд

*Рӯзи рӯшан кӯр пиёда монд қадам,*
*Қасд дар дил баста буд ӯ аз адам.*
*Сӯйи масҷид рӯ бигардонд, зад асо,*
*Лаб мечунбонду мехонд ӯ сано.*
*Ҳамди беҳад мар Худоро, к-офарид,*
*Дод "асоҳо"-ву бикард роҳҳо падид!*
*Даҳ қадам мемонду аз роҳаш бимонд,*
*То ки аз манзил ба манзилаш расонд.*
*Сабру ассо соҳиби ҷонаш буданд,*
*Беҳтар аз аҷзо, ки амрҳо мебаранд.*
*Содиқиро бо қаноъат пеш бared,*
*То ба манзилҳо зи дуриҳо расед.*
*Он, ки сабраш кутаҳӣ кард дар амал,*
*Мисли дурриҳо, ки об шуст аз шағал.*
*Санги вазнинро набурдаст ҳиҷ об,*
*Об мерад, санг бимонад мустаҷоб.*

Як рӯз нобиное нияти рафтани масҷид кард. Ба роҳ баромад, асо мезад ва сӯйи масҷид раҳсипор гашт. Чашмонаш намедиданд, валекин асо роҳнамояш буд, сано ва ситоиши Худоро мекард, ки сарфи назар аз кӯр офариданаш, ба ӯ асо дода буд, ки роҳҳоро падид мекард.

Қиёси ин ҷумлаҳо соҳибони чашм ҳастанд, ки сарфи назар аз биноишон "асо" надоранд ва ё аз "асо"-и пешниҳод шуда истифода намекунанд.

Албатта, ташбеҳи "асо" ин Қуръон аст, он суханони пандомези худовандист, ки барои ҳидояти инсон нашр шудааст (Қуръон - китобест, ки дар он ягон шубҳае нест ва ҳидоят (роҳнишондиҳанда) барои парҳезгорон аст (Сураи

"Бақара").

Инак, кӯр ҳам даҳ қадам мемонду пас меистод, пас даҳ қадами дигар мезад, меистод ва ҳамин гуна роҳро мерафт. То масҷид расида омад, ки вақти намоз ҳам гузашт, одамон рафта буданд ва имом дари масҷидро баста, хона рафтанӣ буд.

*Ӯ расид масҷид, валекин шуд аён,*
*Дер монд ӯ аз салоту аз баён.*
*Пӯшида дарҳоро имом гуфт ба ӯ,*
*Ту чаро таъхир ба вақт кардӣ, аду?!*
*Ё нашунидӣ, вақт воҷиби салот?!*
*Ё нагуфтанд содиқонат ин барот?*
*Инчунин соҳиби масҷид дод давом,*
*Ман бароят ҳиҷ нахонам, вас-салом!*

Бале, "намоз дар вақти худ воҷиб аст" - мегӯянд, валекин "салот" (намоз) чист? Оё ин яке аз васоити васли инсон бо Худо нест магар? Оё ин мулоқоти шахсии инсон бо Худояш нест магар? Оё барои мулоқот бо Офаридгораш тули рӯз ҳамагӣ панҷ вақт ҷудо шудаасту халос? Оё зиёда аз ин вақт даргоҳи Худованд барои инсон баста шудааст?...

Кӯр чунин ҷавоб дод:

*Ай рогиб, узри манро ту бигир,*
*Ин қадар бечораро ту сахт магир.*
*Ман ҳам дил дорам, он ҳам кӯчак аст,*
*Ҷуз муҳаббат бар Худо ӯ луччак аст.*
*Зодаи ишқам, маъшуқ ҳар куҷост,*
*На макону на замон ӯро равост.*
*Ту ки аз вақт бохабар ҳарф мезанӣ,*
*Пас, чаро девор байни мо ниҳӣ?!*
*Нияти бедор шуда аз хоб ин аст,*
*То дари масҷид расид, ӯ мақбул аст.*

Дар ривоят омадааст "Иннама аъмалу бинният…" (Ҳар як амал аз ният бармеояд). Шахсе, ки ҳар саҳар бо нияти барпо намудани салот (намоз) аз ҷойгаҳи хобаш мехезад, нияташ мақбул аст, ҳол он ки то намоз чанд суннату воҷиботу фарзро ба ҷой бояд ки оварад…

Дар урфият мегӯянд, ки "Ният - холис…", ки мазмунан аз пок будани ҳар ният дараке медиҳад. Нияти карда барои васл ва мулоқот бо Офаридгор то анҷоми кулли фароиз ва воҷибот мустаҷоб аст, валекин, ният холис набошад, он на танҳо ғайри мустаҷоб, балки риёкорист. Ва ин аст маънии аслии "Фавайлул лил мусаллин. Аллазина ҳум ъан салотиҳим соҳун. Аллазина ҳум юроун" (Сураи "Моъун", Оятҳои 4,5,6) (тарҷума: Вой бар аҳволи он намозгузорон. Ононе, ки дар намозҳошон саҳв (хатогӣ, нофаҳмӣ) мекунанд. Ононе, ки риёкорӣ мекунанд (худнамоишӣ)".

Илова бар он, ин оятҳо бори дигар таъкид мекунанд, ки намоз бояд холис бошад ва аз мақосиди ғаразнок пок бошад ва на барои худнамоишӣ. Балки танҳо барои Худо ва танҳо байни Худову инсон ва ба қадри имкон руст аз чашми дигарон. (Танбеҳ: Албатта, ин мазмуни онро надорад, ки инсон аз масоҷид дур истад ва ё бо ҷамоат намоз нахонад. Бо ҷамоат хондани намозҳо фазоили бисёр дорад ва инро мо дертар дар дигар ҳикояҳо шарҳ медиҳем. Ин кор шартҳо дорад).

Кӯр давом дод:

*Баҳри ту бари масчид наомадам,*
*Ман Худоро дар маконат ҷустаам.*
*Офтобро ҳиҷ натонӣ пӯшидан,*
*Сӯзонад, дуд барорад аз бадан.*
*Қуфли ту қодир наяст фасле кунад,*
*Нияти васламро аз ман дур кунад.*
*Садҳазорон занҷирбандаш кунӣ,*
*На маро, худро зи Ҳақ дур мекунӣ!*

*Чашмдорон ваҷҳи Каъба мекунанд,*
*Чашму дилро сӯйи Каъба мебаранд.*
*Мо, ки бечашмем, Каъба ин бувад,*
*Ончи, ки дар дил ҳаст, Каъба он бувад!*

Бале, чи тавре ки Худо дар Қуръон фармудааст, Худо ба инсон аз шоҳрагаш ҳам наздиктар аст. Мегӯянд, ки дили пок - манзилгоҳи Ҳақ аст ва Ӯст донандайи пӯшидаҳо, ки танҳо дар дил парварида шудаанд ва Ӯст донандаи дилҳо.

Нияти намоз ва яке аз шартҳои он - ин рӯй овардан ба ҷиҳати (сӯйи) Каъба аст ва танҳо ононе, ки чашм доранд, метавонанд аз муҳит худёбӣ карда, ҷиҳатро муайян кунанд. Кӯрон, ки намебинанд, ҷустани Каъба аз чист? Ин ҳама барояшон як аст. Аз ҳама заруриаш - ният поку дил поку амалҳо пок бошанд. Ташбеҳи он аст, ки Худо дар дили покаш ҷой ёфта бошад - масҷид барош лозим нест ва Каъба онҷост.

Имоми масҷид аз ин суханҳои кӯр ба хашм омад, фикр намуд, ки "кадом кӯре, ҳиҷ мадрасае нохонда, бар замми дер омаданаш, боз ин қадар ҳам доногӣ мекунад?" ва гуфт:

*Ай фулонӣ?! Бар замми ин ноқисиҳо,*
*Беақлонро набошад ҳиҷ даво.*
*Ту бидон, ки аъмолро вақте ҳаст,*
*Он, ки инро дарк накард, ӯ ноқис аст!*
*Бедарак хондан салот - ноҷоиз аст.*
*Он, ки инро ақл накард, у аҳмақ аст!*
*Гуфтаанд моро панҷ вақти намоз,*
*Дар вақташ хондани ҳар як сазост.*
*Ту ки аз авқот донӣ ҳиҷ яке,*
*Шояд паст ойӣ дар феъл андаке?!*

Кӯр ханда кард, чеҳрааш кушодтар шуд ва имомро чунин ҷавоб дод:

*Узр хоҳам ман, ай шайх-ул-мунир,*
*Анкарол асвот - асвот-ул-ҳамир!**
*Ман, ки кӯрам ҳисси онро он Худо,*
*Кард зиёда, дод овозро раво.*
*Роҳҳоро на ба чашм мо кофтем,*
*Балки бо овоз атроф ёфтем.*

*Сураи "Луқмон": Инна анкарол асвоти - лаасвотул ҳамир) (тарҷума: Бадтарин овоз - овози харон аст). Таъкид ба додзаниҳои беҳуда ва пуч, яъне носанҷидаву барои дилгир намудани дигарон гуфтан ва ҳоказо.

Пас, нисбати авқот (вақтҳои муайяншуда барои намозхонӣ) кӯр чунин идома дод баҳсро:

*Ай амири муқтадиён, вақт чист?*
*Ки муайян кард, кадом вақт беҳтарист?*
*Рӯзу шаб гар оятанд бар вақти мо,*
*На шумур аст, на адад аст дар само.*
*Рӯзу шаб ҳам гардиши хуршед ба ҷост,*
*Фаҷри мову зуҳри мову шоми мост.*
*Мо, ки кӯрем аз азал чашмон надид,*
*Ҳал, ки хуршед шуд падид ё нопадид?!*
*Аз куҷо донем, ки фаҷр аст ё ки шом?!*
*На сурат, балки сабо ояд машом.*
*Мо, ки гардишро надидем, нест аҷаб,*
*Дар заман Шаъбон аст ё ки Раҷаб?!*
*Ин нишониҳо ҳама баҳри амост,*
*На ки онро, дорад дар дил нақши рост.*

Бале, ин ҳама нишонаҳо баҳри онҳое, ки соҳиби чашми сар ҳастанду валекин аз имон дуранд, яъне "аъмо" (кур) ҳастанд, мебошанд. Кӯри мо ҳам, гарчанд ба чашми сар бино набуд, лекин ба чашми дил кушодаву аз биноҳо ҳам бинотар буд.

Инсонро дар ситоиши Худованд набояд вақт ва ё шароити муайян бошад. Баръакс, дарҳои даргоҳи Худованд рӯзу шаб бар обидонаш, бар бандагонаш кушодаанд ва Худо "ло таъхузу синатун ва ло навм" (Сураи "Бақара", Оят-ал-Курсӣ, тарҷума: На пинак мегирад Ӯро ва на хоб) ҳамеша бедору интизори бандагонаш ҳаст).

Кӯр пас чунин ба баҳс хотима бахшид:

*Дар ситоиш гар ту вақтро интизор,*
*Дар қубулаш дер ойӣ аз нигор.*
*Шарти "удъунӣ" на вақт дорад, бидон!*
*Интизор аст он Худои ло замон.*
*Қуфл, ки бар масҷид задӣ, тонӣ шикаст,*
*Нест калид он қуфл, ки дилҳоро бубаст.*
*Нозирӣ ё ғайри он - он ҳам савост,*
*Мар чунинонро умед бастан - хатост.*
*Раббано, ифтаҳ уюн вашраҳ қулуб,**
*Анта акбар, анта аъламул ғуюб! **
*Ла таъхуз ахтоана бишшиддатик, **
*Ғофириз занб, қобилит тавб, ё Малик! **
*Ту кунун гӯй, ай Имом, дерӣ зи кист?*
*Ман дерам, ту дерӣ, ки зи чист?*

*Худовандо! Чашмҳои моро (ба роҳи ҳаққат) баркушо ва дилҳои моро (дар фаҳмиши он) пок намо. Ту бузург ва донандаи тамоми ғайб ҳастӣ. Бар мо хатогиҳоямонро сахт магир, ки ту мағфираткунандаи гуноҳону қабулкунандаи тавбаҳо ҳастӣ, ай Подшоҳ).

Бале, "удъунӣ", яъне таклифи Худованд (дар Қуръон) ин аст, ки Ӯро пурсем, дар ёд дошта бошем ва Ӯ мустаҷоб (қабул) мекунад хоҳиши моро ва он ҳам вақт надорад… Дил бояд, пас пок дошт, ки ин ҳама қуфлҳои зоҳириро метавон шикаст, валекин гар дил қуфл дошта бошад, онро ягон калиде нест (аз Қуръон, Сураи "Бақара").

## Ҳикояи шахсе, ки аз сабаби газидани як занбӯр тамоми дигар занбӯронро куштанӣ буд.

*Қиссаи мо - қиссаи "Луту Ҳуд…" аст,*
*Лек дар тафсир хилофе мавҷуд аст.*
*Хоҳ тавонед пандҳоро барчидан,*
*Ақлро бар кор оред дар бадан.*
*Рӯзе дар саҳро як шахс андаке*
*Рӯзи рушан хуфта буд рӯйи каҳе.*
*Меҳнаташ як суву ғафлат чорааш,*
*Кард маъошу ризқу рӯзӣ порааш.*
*Парчами девори ақлаш аз Набо,*
*Акси роҳат даъваташ кард бар само.*
*Аз "алам наҷъал…", ки буд ӯ бехабар,*
*Вогузошта маънияшро дар хатар.*

Ин ҳикоя - аз ҳикояҳои паёмбарон ва амсоли онҳост, лек дар мазмун дигар аст. Қавми Лут ва ё Ҳуд ва ё Самуд ва ҳоказо ба қадри саркашӣ, нофармонбардорӣ, аз ҳалолу ҳаром фарқҳо нодидан, дар фисқу фасод ғӯтидан ва дигар гуноҳон, дучори ғазаби Худо шуда буданд, ки дар сонияе ин ақвомро аз байн бурд, ҳалок гардонид. Ва ин барои Худои бузург, чи тавре ки дар Қуръон мефармояд "Ин яшаъ юзҳибкум ва яъти бихалқин ҷадид… Ва маллоҳу биазиз" (тарҷума: Агар хоҳад (Худо), мебарад аз байн шуморо ва меорад (ба ҷойи шумо) махлуқони навро ва ба Аллоҳ (ки Қодир аст) кардани ин кор ягон мушкилие надорад). Валекин, Худо на ҳамаро аз байн бурд: имондоштагону худотарсон осеб надиданд, балки наҷот ёфтанд…

Инак, рӯзе як шахс болое коҳ ҷой гирифта, хоб кард. Рӯзи

рӯшан буд. Ба ҷойи кор кардан ва маъош ёфтан, ӯ бе ягон фикре аз ризқу рӯзӣ, худ ба худ аз ояти сураи "Набо", ки "Ва ҷаъална навмакум субата" (тарҷума: Ва офаридем (додем) бароятон хобро истироҳат) мехонду худро тасаллӣ медод. Валекин ин оятҳо, пеш аз ҳама, бо "Алам наҷалил..", яъне "Оё наёфаридем…?" сар мешаванд, ки таъкид аз нишонаҳост ва он ҳам вақти муайян дорад ва он ҷост таъкид бар вақти хоб аст - яъне "лайл" шаб, на дар вақти маъош ёбӣ, ки вақти "наҳор" яъне рӯз аст.

*Ин буд, ки хоби ширин медид ӯ,*
*Ногаҳон занбӯр нишаст бар рӯйи ӯ.*
*Лаб, ки пур буд аз наботу аз панир,*
*Ақли занбӯр ногаҳоне шуд мунир.*
*Ин ки ризқаш дар лаби бечора буд,*
*Неши худро рӯйи чашмаш вонамуд.*
*Нафси ҷонаш сӯйи доме, ки кашид,*
*Нест чора, маҳлук аст ӯ, ай рашид.*
*Мо, ки танҳо шириниҳо мебинем,*
*Доми сайёдро зи сайдҳо пур кунем.*
*Шакар хуб аст, лек камтар хубтар аст,*
*Зоид аз он танҳоро заҳр аст!*

Бале, занбӯри болои рӯяш нишаста, мисли баднафсон аз доми пешоянда бехабар монд. Нафс телааш дод, то ки аз шириниҳои гирди лабони хуфта барчинад. Неш баровард ва он бечораи ғафлатзадаро газид.

Шакархӯрда ҳам дар фикраш набуд, ки шакари зиёд хӯрдааш душманонро, мисли занбӯри газанда, сӯяш ҷалб мекунад.

*Зад нешу барҷаҳид он хуфтаақл,*
*Дид, ки занбӯрон ҷамъанду дар мағал.*
*Он якеро куштаву бо пойи худ,*
*Дигараширо пахш мекард дар убуд.*

*Назди чашмаш он ҳама яктан парид,*
*Шуд баробар ногазида бо газид.*
*Гуфт Паямбар "Паҳлавон аст он яке,*
*Ки фурӯ бурд қаҳри худро андаке".*
*Лек алам ҷоҳилиро зоид кунад,*
*На ба хона, сӯйи ҷарӣ мебарад.*

Бале, дар чашмони инсони ҷаҳолатзада - ҳама яканд. Накди нуқсон (камӣ)-и илмаш таваҷҷуҳро аз тармиму дуруст таҳлил намудани ҳаводис ва воқеот дур мебарад. Ғамор асту феъли тезбахшанда. Ин ки занбӯргазидаи мо ҳам аз хоб бедор шуд ва бе ягон фикру андеша, бесабронаву саросемавор, болои қаҳраш ҳамаи он занбӯронро куштанӣ шуд, вале…

*Бе таҳаммул кор аксашро гирад,*
*Кӯчаҳои тангу торик мебарад.*
*Нодида сӯрох ангушт гар барӣ,*
*Сӯйи ҷарӣ оқибат худро барӣ!*
*Ту куҷо донӣ, ки дар сӯрох чӣ аст?*
*Занбӯр аст, ё мор, ё ки каждум аст?!*
*Ҷоҳилонро як кор даҳ мешавад,*
*Аз муаммо то муаммоҳо барад.*
*Коре кун, ки оқибат хуш оварад,*
*На ки танҳо офат орад бар сарат.*
*Фикр н-омад мар газида занбӯрон,*
*Дар ҳимоят беҳтаранд аз афсарон.*
*Заррае руъб гар шавад дар дил қазаф,*
*Роҳи каҷро интихоб кунад салаф.*
*Ин ки аз васвос ноёфта паноҳ,*
*Мисли афсар, ки надорад ӯ силоҳ.*

Оре, кори саросемавору бе таҳаммул анҷоми нек надорад: як кор, чи тавре ки дар урфият мегӯянд, даҳ кор

мешавад, чигилтару муҷмалтар мегардад. Барои ҳамин ҳам, сабру таҳаммул - беҳтарин асбобест. Коре бояд кард, ки дар охир пушаймонӣ наёрад.

Занбӯргазида, ки аз таҳаммулу сабр дур буд, фикр ҳам накард, ки занбӯрон, ҳар гоҳ ки ба дилҳошон руъб (тарс) ҷой дода шуд (қазаф), ба ҳимояти худ мехезанд, валекин Худо аз ҷойе, ки фикр ҳам надоштанд, уқубати нохостро барояшон насиб карда буд. (Қуръон, Сураи "Ҳашр").

Ҳама яко-як бар дифоъ париданд…

*Чун бидиданд қасд бар ҷонҳои худ,*
*Чун рақибон ҳамла оранд дар Уҳуд.*
*Ҳар яке неш зад он бечораро,*
*Бе таҳаммул, бе ақл абгорaро.*
*Дид, ки ақли ноқисаш ӯро фирефт,*
*Сӯйи саҳро рӯй оварду гурехт.*
*Зи алам лек гар мусаммо шуд падид,*
*Гашта омад сӯйи занбӯрон палид.*
*Зад гӯгирд, сӯхт занбӯрхонаро,*
*Пас бирехту пой зад вайронаро.*
*Марг овард ҷоҳиле бар ҷоҳилон,*
*Ки яке аз илм, дигар - нафсу ҷон.*
*Ин аст фарқи холиқину холиқӣ,*
*Шояд ин ки бар ҷой ақле мениҳӣ?*
*Холиқинро меҳрубонӣ, ки кам аст,*
*Дар аъмол заъфу ҷаҳлаш пешбар аст.*
*Он Худо, ки Луту Ҳудро бурд зи байн,*
*Ҳамаро не, балки муҷрим чид ба айн.*
*Холиқ аст ӯ, Ҳоким асту Илмдор,*
*Ҷоҳилонро мекашад як-як ба дор.*
*Чи кашидан? Ҷоҳилон худ мераванд,*
*Худ ба худ бар дасту пой занҷир кашанд.*

## Ҳикояи шахсе, ки "дар" мегуфт, вале ҳамсуҳбаташ - "девор".

*Мефаромад кӯчаро як шахси ом,*
*Дид, ҳамсояш нишаста рӯйи бом.*
*Дод саломе интизор гашт аз сипос,*
*Лек наёмад ҳич сухан аз он маъоз.*
*Обисӣ мекард, лабҳо дар ҷумиш,*
*Ким-чиҳо мегуфт, мезад даст ба риш.*
*Ташвиш овард марди ӯ ҷӯяндаро,*
*Бурд гумону мечарид кобандаро.*
*Ҳар куҷо ки роҳӣ кард, ӯ рафта буд,*
*Ақли куллу ақли ҷузвиш мурда буд.*
*Ингуна гӯянд "марди дамдарун",*
*Мефазояд оташат андар дарун.*
*Тарс аз он дил, ки лавнаш сиёҳ,*
*Оташаш сӯзад ҳаме баргу гиёҳ.*
*Ончи сирри махфӣ аст ингунаро,*
*Дар гумонҳо мекашад сӯйи саро.*
*Ҷойи бирру ҷойи тақво ин ҳасид,*
*Сӯйи удвон сӯйи исмаш мекашид.**
*Дил, ки пур аст аз сиёҳӣ, чи назар*
*Мекунӣ бар он, ки орад сад ҳазар?!*

Рӯзе шахсе аз кӯча сӯи хонааш рафта истода буд. Наздики хонааш шуд ва дид, ки ҳамсояаш болои бом нишастааст. Салом дод. Ҳамсояаш ба саломи ӯ ҷавоб надод. Бар ивази посух ҳамсояаш рӯяшро аз ӯ гардонд ва паст-паст, ким-чиҳо мегуфт. Таваҷҷуҳе зоҳир накард. Албатта, ин кор, саломдода ҳамсояашро ба ташвиш овард.

*Сураи "Муҷодила". Таъкид бар он, ки вақти розгӯйиҳои махфӣ байни якдигар, мусалмонон бояд ба ҷойи гунаҳу гунаҳкориву суханони гунаҳофар (исм) ва адовату ҷанҷоломезу ҷангҷӯйӣ (удвон), аз парҳезкориву (тақво) ва накукорӣ (бир) гап зананд.

*Ҳой, ҳамсоя? Шунидӣ ман салом,*
*Дода будам на ба ришат, бал ба ҷон?*
*Ноҳисобам қадр аз ҳамсоягит,*
*Чун магардонӣ ҷавобам, ай йигит.*
*Донӣ даъват "... кулли муъмин - ихватун"***
*Бар ту имон бо דуруд дорам сутун.*
*Гар Паямбар гуфтаанд бидҳед салом,*
*Рӯйи худро, пас магардон аз калом.*
*Ҳатто он, ки дошт таманно, гуфт "асом",*
*Рӯ ба ӯ кун, хуш бигардонаш "салом"!****
*Интиқоми ҷоҳилон бошад хато,*
*В-он, ки инро дарк кард - ақлаш расо!*

**Дар Қуръон омадааст, ки тамоми муъминон - бародаранд... Пас, ҳар як шахс ба дигараш бо чашмони муҳаббат ва меҳрубонӣ, бо хушсуханиву хушрафторӣ бояд ки муомила кунад. Ин ҳукми Худоро бояд итоъат кунад.

***Дар ривоят омадааст, ки як гурӯҳ мунофиқон, вақти дидани Паёмбар дар кӯча "ассому алайка" мегуфтанд. "Ассом" дар арабӣ мазмуни "марг"-ро дорад. Одоби салом "Ассалому алайк(кум)..." гуфтан аст, ки "ассалом" тамоман мазмуни дигар дорад, яъне "саломатӣ", "амонӣ" ва ҳоказо. Ва сарфи назар аз ин "салом"-гӯйиҳои мунофиқин, Паёмбарамон дилгир намешуданд, ба тавру тарзи дуруст, яъне "ваъалайк(кум)- ус - салом" ба онҳо ҷавоб мегардонданд. Ҳатто, ҳамсари худро, Оиша (р.а.), ки "вассому алайк вал лаънаҳ" (яъне, барои шумо ҳам маргу лаънатро таманно дорам) мегуфт он мунофиқонро, мазаммат карданд ва фармуданд, ки ба тарзи дуруст

муомила кунанд.

*Ин замон ҳамсояаш сар хам битофт,*
*Ҷойи "ваълайк…" сотири наве бибофт.*
*Мисли "дар" гӯям, "девор"-ҳо ҷавоб,*
*Бар гузашта хонд саловот, кард ҳиҷоб.*
*Ҷойи "ваълайк…" ӯ ҳамегуфт, ай ганӣ,*
*Ман болоят ё ту бар манӣ?*
*Дар салом додан рокиб пештар аст,**
*На ки маркаб пеши мурда минбар аст.*

*Аз руйи одоби салом, рокибон (аспсаворон ва ҳоказо) бояд аввал салом диҳанд (пиёдагардонро).

*Ин қадар даъво кардӣ ту маро,*
*Лек басо муҷмал хондӣ хутбаро.*
*Соҳиби минбар ман ҳастам, бидон,*
*Худ бидону пас дигарҳоро расон.*
*Ин бигуфту нуқс андохт бистараш,*
*Соқит мекард ҳар суолро аз сараш.*
*Гар яке "дар" гуфт, "девор" дигаре,*
*Бор наёвард суҳбаташ андар ҳаме.*
*Ай бародар, пас, намеояд муфид,*
*Гар сияҳ гӯяд яке, дигар - сапид.*
*Гар ба қавлат ҳақ бувӣ, зӯре мазан,*
*Нест сагҳоро ба мургон анҷуман.*
*Мург ҳаме донанд лисони мургон,*
*Нест собит қавли дигар, армугон.*

## Ҳикояи море, ки паррандаро маслиҳати тухму авлод мекард, ки гӯё ин аз меҳрубонии мор буд.

*Дар заман як мор сӯйи лонае,*
*Омаду хонд мургро афсонае.*
*Ай паричеҳра, - баровард ӯ забон,*
*Асли он як лек, ба нӯгаш шохравон.*
*Мар нахоҳӣ ту, ки фарзандҳо барӣ?*
*В-он ки дар хидмат онҳо, ту шаҳӣ?*
*В-он ки қудрат дорӣ ту имрӯз, валек*
*Аз забон монӣ фардо рӯзи нек.*
*Дар пирӣ коре кардан мушкил аст,*
*Ин муаммост, ки сару нӯг чигил аст.*
*Натвонӣ баркушодан банди он,*
*Гар шудӣ пир нест дастат болои он.*
*Дар табиъат ҳар тухм тухме ниҳад,*
*То ки аз худ як нишон фардо барад.*
*Гар наёвардӣ имрӯз ҳосилат,*
*Ҷуз пушаймонӣ намонад дар барат.*
*Ину он мегуфту чашмашро набурд,*
*Чашми бепилк ҳиҷ русте менашуд.*
*Дар сухан морҳо ганиянд, лек сухун,*
*Охир оранд бас ҷигарҳоро ба хун.*
*Ончи раҳм аст, меҳрубонист, бекарон,*
*Аз морон ҳиҷ наоянд бар лисон.*

Море тани дарахте печид. Руҷуъ ба сӯйи лонаи паррандае намуд. Гӯё барои машварат, ки суд дигаронро ва атрофро дорад, хост, ки ба парранда якчанд насиҳати пандомезу

латифона кунад.

Аз авлод ифтитоҳ намуд. Гуфт, ки ту зебойӣ, ҷавонӣ ва бояд фарзанд, ки давомдиҳандаи насл асту нишонаи шахс баъди фавташ, ба дунё оварӣ. Гуфт, ки дар пирӣ авлод ба кор меоянд. Гуфт, ки шахс ғами фардоро имрӯз хӯрад, валекин…

Валекин, мор табиъатан мор аст, газанда ва парранда ҳамҷинси ӯ нест, ки ғамхораш бошад. Ташбеҳи ин мор шахсонанд, ки забони душоха доранд, на як дар асл ва чашмони сахти пӯшиданошаванда, на онки нарм. Ингуна ашхос ташбеҳи онҳоянд, ки лафз надоранд, фиребгаранд ва чашмонашон - аз ҳасад ва душманӣ пур аст. Нашояд соҳиби ақлро машварат аз чунин "морон" барад… Ингуна "морон" мақсад доранд басо ғализ ва дили онҳо аз меҳрубониву раҳм пур нест.

*Гар ба морон итминон дорӣ ба чашм,*
*Ту ба Қуръон як назар кун, на ба хашм.*
*Қиссаи Одам Ҳаворо, пас ту хон,*
*То равад пандаш ба мағзу устухон.*
*Аз даҳони мор хуш даъво расид,*
*Ақл дар ҷою вале нафсаш ҷаҳид.*
*Мутаассиф аз он, ки "ло тақроб… шаҷар"*
*Зад, биғалтонд меваеро бо ҳаҷар.*
*Гарчи амри дигаре "ло таъкулу…"*
*Пас, фаромӯш карда, бурдаш бар гулӯ.*
*Гарчи гуфтаст "ма заламна…" аз азал,*
*Золимӣ бар нафси худ аст ин масал.*
*Ин ки амри "иҳбиту" шуд вақти айн,*
*Мустақар шуд ҳар сеяш то ба дайн.*
*Мунзирӣ аз даъваташ баҳри кӣ буд?*
*Махлуқонро меҳрубонист ё ба худ?*

Бале, шайтон ҳам аз даҳони мор сухан кушода буд, дили

инсонро ба кӯчаҳои орзуҳои ҳаввос бурд. Ин буд, ки амри Худоро, ки наздикӣ накунед ба ин дарахт (ва махӯред аз ҳосили онро) тарк намуданд, хӯрданд. Ва ин боиси ронда шудани инсон аз Ҷаннат шуд. Оё бо тарк намудани амри илоҳӣ инсон ба кӣ золимӣ намуд? Бале, ба худаш…

Вақти ронда шуданаш шайтон даъво кард, ки Худо ба ӯ вақт диҳад (мунзирӣ). Худо дод. Шайтон инро барои кӣ кард? Барои меҳрубонӣ ва ё баҳри худаш? Бале, баҳри худаш, то ки авлоди инсонро ба туғёну саркашӣ, носипосӣ барад…

Ингуна мор ҳам на меҳрубонӣ ба парранда менамуд. Вай мехост, ки парранда тухм кунад, то ки пас мор он тухмҳоро барои худаш луқма гардонад.

*Пас, бародар, нафси инсон мисли мор,*
*Бо ҳазорон машварат орад ба дор.*
*Бо ҳазорон орзу ҳаввоси худ,*
*Мекушад ҷони тамизро дар вуҷуд.*
*Ақлро бар ҷой мону кун ту гӯш,*
*Он киро, орад осонӣ ба дӯш.*
*Гарчи морат андарун аст, лек баъид,*
*Ки Худоят анқарибтар аз варид.*
*Ту зи морон ҳиҷ матарс, аз он мақом,*
*Доштани нафс шайтонро - интиқом!*

Оре, ҳазор морони нафс аз ту бошанд ҳам, лекин Худо, чи тавре ки дар Қуръон зикр шудааст, наздиктар аз шоҳраг (варид) аст. Ақл - неъмати Худо аст, ки барои инсон дода шудааст, то ки даъвати "морона"-ро фарқ карда тавонад, парҳез аз хоҳиши барзиёда (ҳаввос) кунад.

Дар Сураи "Нозиъот" омадааст, ки шахсе аз мақоми Парвардгораш битарсаду аз ҳаввос худро дорад (парҳезӣ), ӯрост Ҷаннат-ал-Маъво. Рафтори инчунин шахс интиқомгирӣ (қасдгирӣ) аз шайтон аст.

## Ҳикояи шахсе, ки ба бузи меросиаш аз нодорӣ доимо "Бузакам, намур, ки баҳор меояд!" мегуфт.

*Зиндагӣ мекард як вақт як нақиб,*
*Ки саропо менамуд кораш аҷиб.*
*Ҳиҷ надошт ӯ, кулбааш вайрона буд,*
*Астараш холиву ризқ ҳайрона буд.*
*Лек зи волиди кабираш чорае,*
*Монда буд меросаш бузғолае.*

Дар як вақту замон, дар як нопайдо макон, як мискине ҳаёт ба сар мебурд. Ҳаёти бенавоёна ва ночор, камбизоъатӣ муҳити бахту ризқаш гашта буд. Аз падараш ҷуз як бузғолае дигар чизе меросаш набуд. Валекин аз нодорӣ он бузро ҳам алаф додан - маҳол шуд. На дар сарой хӯрока дошту, на гарданаш ёрӣ медод, то бузро берун ба чарогоҳ барад.

*Аз чунин тангӣ буз омад ба дод,*
*Рӯз ба рӯз аз тан кам мешуд сифот.*
*Ҷойи чарбу, гӯшту он пашмҳои тан,*
*Устухонҳо менамуданд аз бадан.*
*Ҷойи чашмон косаҳояш менамуд,*
*Вақти рафтан тан калобу сар суҷуд.*
*Ҳар гаҳе, бечора, вақфе фи макан,*
*Мегалтид, ҷон надошт поҳошу тан.*
*Хулласи гап, аз мерос шуданаш,*
*Интихоб мекард, ки беҳтар мурданаш.*

Афсӯс, рӯз аз рӯз, аз гуруснагӣ бечора буз аҳволаш хароб мегашт. Аз чашмони калону базебаш, танҳо косахонаи чашм, ки чуқуртар мегашт ҳар рӯз, менамуду халос. На аз

пашму на аз гӯшт зойид мегашт баданаш, балки устухонҳо рӯйи тан омада буданд.

Хуллас, аз дунё омаданаш, аз буз буданаш ва аз меросӣ буданаш, сад афсӯс мехӯрд ва мурданашро, назар ба ин аҳвол зистанаш, беҳтар медонист.

*Ай валиюллоҳ, - мегуфт ӯ ба мард,*
*Рӯйи девор гарчӣ нойи ту ба нард,*
*Аз мусаххар буданам андеша кун,*
*Раҳми раҳмонро бароям пеша кун.*
*Гар нахӯрам ё нанӯшам, рӯз шумур,*
*Мондааст манро, ки ояд дар мурур.*
*Гар натонӣ ризқу рӯзӣ офарӣ,*
*Баргушо арғамчинам, ай вораҳӣ.*
*Мон, ки ман худ аз пайи рӯзӣ шавам,*
*Оҳ, ки омад, дардҳо бар шикамам.*
*Уътумин хона нишони мунфиқ аст,*
*Раззоқи ризқдиҳанда воқиф аст.*

Бечора буз дид, ки соҳибаш наметавонад ба ӯ ризқе диҳад, илтимос мекунад, ки арғамчини ӯро кушояд, ба дашт раҳонад, то ки ризқу рӯзиашро буз ёфта хӯрад. Агар ин корро накунад, буз аз гуруснагиву ташнагӣ рӯзаш башумур мондааст.

Ҳатто, аз Ояти Сураи "Луқмон", ки ҳама чиз барои инсон офарида шудааст ва мусаххар аст ва барои истифодаи дурусти мусаххар бояд ақлро истифода бурд, буз таъкид кард. Изофатан, аз ҳадиси набавӣ, ки мусхар неъматҳо баробари амонати додаи Худо аст, ки суйистеъмоли он - хиёнат бар амонат аст, ки аз нишонаҳои мунофиқист.

Валекин, соҳиби мол бузро чунин таскин медод:

*Чорае нодор, меросхӯр, ба ӯ,*
*Ҳар даме мешнид, мекард гуфтугӯ.*
*Билхусусу бар ҷавоби "Ку наҳор?!"*
*Ӯ ба буз мегуфт "Намур, к-ояд баҳор!"*

*Кай баҳор ояд? Кадом он як баҳор?*
*Бӯйи шир кай оварад ҷон бар сиғор?!*
*Бори аввал нест, - мегуфт буз ба ӯ,*
*Бо "баҳорон" сер кунӣ ту, ай аду.*

Бале, бо ширин гуфтани қанд, даҳон ширин намешавад. Аз суханҳое, ки бо амал пӯшида нестанд, ҳиҷ суде нест. Аз ваъдае, ки иҷроиш пайвастаи он нест, бӯйи лоф (беҳуда), дурӯғ меояд ва аз нишонаи мунофиқист.

Пас, бузғола давом дод:

*Аз ҷигар қиммобу пурхунаш даҳон,*
*Мебаровард буз аз дилҳо фиғон.*
*Ай Худоё - гуфт, ин чи рӯзи сахт?*
*Бадбахтро додаӣ ту тоҷу тахт.*
*Сарнавишти манро бо ин лофкабоб,*
*Барнавишта медиҳӣ ту обутоб?!*
*Дасту поям бастааст ин мухталиф,*
*Он, ки дар иҷрои ваъда ҳаст алиф.*
*Таъкидат аз "тухлиф-ул- миъод" чӣ буд?*
*Мар сифоти туст ё ояд вуҷуд?*
*Кош, ай Раззоқ, ба ҷойи он забон,*
*Медодӣ ақли бадбахтро такон.*
*Ку адолат, парда монда андарон,*
*Мебарад қошуқи холӣ бар даҳон?!*
*Аввал он, ки қошуқ пураш кунад,*
*Баъд аз он дасту поям во кунад.*
*Ин мегуфт, он мегуфт, мегирист,*
*Лек сухан мисли маризон бистарист.*
*Фойдае нест лофкоронро амал,*
*Мисли занбӯр, ки наёрад аз асал.*
*Аз чунин ашхос ҳамеша дурӣ ҷӯй,*
*Ту кабобро боварӣ кун, на ба бӯй!*

*Он чи нақд аст, гар ба мисқол зарра аст,*
*Аз нисойи хушку-холӣ беҳтар аст!*
*Маҳталу муҳтоҷ, побанд гар шавӣ,*
*Интизори сад "баҳорон" мешавӣ!*
*Ай Худоё, маҳталу муҳтоҷ макун,*
*Ту магардон ризқи моро сарнагун.*
*Офаридӣ ту маро бо ризқу рӯз,*
*Пас, магардон сарнавиштам мисли "буз".*
*Гар кунанд побанду даст, баркан ту он,*
*Мар нашояд дар қафас филро макон.*
*Кумакам кун ёфтани дони ҳалол,*
*Побанд будан ба инсон аст малол.*

## Ҳикояи он ҳакиме, ки ғарибиро аз Худо металабиду худ аз махлуқин дурӣ меҷуст.

*Ай Худо, ман дар фарогат, пас, нисоб,*
*Мекунам сӯят қадамҳо бо ҳисоб.*
*Сӯйи ту ақдоми хешро мениҳам,*
*Гӯшу дил бар "в-ақтариб"-ҳо медиҳам.*
*Аз қатори муқимон ман дар салот,*
*Мебарам ин ақлу ҳушро дар бисот.*
*Гар муаммар дар қиём панҷгонаанд,*
*Дар қиёс бо сатри ман афсонаанд.*
*Ҳар куҷо гар савм бошад солае,*
*То нагирам ҷумла фаслҳо, нолае.*
*Дар закот мин ҷумла обидпешаам,*
*Дар тароши кулл савобҳо тешаам.*

Ҳакиме дар замонаи хеш мезист. Аз илму идрок Худо ӯро неъмати бузурге ато карда буд. Ҳар гоҳ ки аз кору бор фароғат мекард, аз пайи нисоб (дар ибодати Худо кӯшишҳо мекард) мешуд, яъне амри Худоро "Фаизо фарағта фансаб" (Сураи "Аш-Шарҳ") куллан иҷро менамуд, "вақтариб" (Сураи "Алақ"), яъне "наздик шав (бар ман)", яъне наздикиҳо бо Худо меҷуст.

Гар кулли муслимин рӯзе панҷ маротиба намоз мегузоштанд, ӯ он каратро зойидан мехонд. Гар соле як моҳ рӯза мегирифтанд (савм), ӯ дувоздаҳ моҳ рӯзадорӣ мекард. Гар закот муайян бошад, он маротиби он афзунтар медод ва ҳоказо…

*Лек чи аст, ки ҳис надорам дар барид,*
*Нест сабову нест ҷоят дар варид?*

*Ҷумла шабҳо дар қиёмам номи ту,*
*Гар биҷунбад мӯр дар тан, анститу.*
*Ҳар куҷо овозе омад, чашм кунам,*
*Дар раҳат чашмони худро мениҳам.*
*Мебӯям бӯйи туро дар ҳаво,*
*Меҷӯям ман вафоро аз вафо.*
*Лек чӣ аст, ки бевафогӣ аз вафо,*
*Ҳар даме ояд маро андар ҳаво?*
*Инқадар аз ту талабҳо мекунам,*
*Аз дарат ҷуз дасти холӣ мебарам.*
*Ту кай он дарро кушойӣ, ай барӣ,*
*Кай ташриф бар дилам ту мекунӣ?*
*Кош ин дил манзилат мегашт тамом,*
*Инқадар ман дур намерафтам, салом!*

Валекин, гарчанде у дар шариат ва худоҷӯйӣ дар пеш буд, вай ҳис мекард, ки гӯё Худо аз вай дур бошад, гӯё Худо ба ӯ аҳамият намедода бошад, гӯё Худо аз ӯ дурӣ меҷуста бошад. Яъне, талаб аз наздик будани Худо бо ӯ мекард, валекин Худо дарро бар ӯ накушод, хонаи дилаш холӣ буд…

*Ай аҷаб инсон буд марди ҳаким,*
*Дар амал кард ихтилофҳо бо Карим.*
*Худ қарибӣ ҷуста бо алқои Ҳақ,*
*Аз халоиқ руст мегашт дар фалақ.**
*Дар қарияш марди маслуқ чанд карат,*
*Суҳбати ин шахсро меҷуст чанд марат.*
*Ҳар гаҳе наздаш фиристод у яқин,*
*Масъулашро бо такаллуфҳо амин.*
*Илтиҷойи мурсалаш ин буд ба ҳин,*
*То ки боре хонааш ояд ҳаким.*
*Ӯ суолҳо дошт, мехост посухе,*
*То зи аҳволаш барад ӯ хабаре.*

*Лек ҳазар кард, боре н-омад пеш ӯ,*
*Нокарда коре, гашт бар вай аду.*
*Гар ҳакимӣ аз Ҳакиме гир ту панд,*
*То ки дар ҷоҳу мақом гардӣ дучанд.*
*Ту бигарду аз фало танҳар бихон,***
*То ки ёбӣ аз нишонҳояш нишон.*

Бале, худ худоҷӯйӣ мекард, валекин аз дигар ашхос мегурехт. Бо назардошти илми мукаммалаш ва иззату мақоми хоса, аксаре мехостанд бо ӯ мулоқот кунанд, то ки бар суолҳояшон ҷавобе ёбанд, валекин ӯ ҳатто даъвати чандкаратаи маслуқи барҷоймондаро, ки илтимосҳо мефиристод, то ки як бор, ақалан, хонааш биёяд, боре напазируфту нарафт…

*Таъкид бар он, ки аз Худо, ки парвардгори субҳ аст, инсон бояд паноҳ ҷӯяд. Валекин ҳакими мо тамоми рӯз коре мекард, ки аз инсонҳо гурезад, на ба қадри оне, ки метарсид, балки закоти илмашро, ки додани бар дигарон буд, намехост диҳад, ки аз аломатҳои кибр аст.

**Таъкид бар Ояи карима "Ва аммас соила, фало танҳар" (Ва аммо соилро (пурсандаро) ба сахтӣ марон) Яъне, гар пурсад ва ту тавонӣ, пас иҷобат кун, эҳтиёҷашро барор…

*Гар ҳакимӣ дар шариъат, пас бирав,*
*Сӯйи масҷид бар маъонӣ бо гарав.*
*Чанд буд ки муқтадиён чорае,*
*Бурда буданд он ҳакимро хонае.*
*Ар талаб аз амри маъруф шуд туро,*
*Сӯйи офтоб мисли кӯрмор пас баро.*
*Амвоҷи рӯшани шамси бузург,*
*Бар гӯсфанд сӯхтанӣ аст, на ба гург.*
*Лек ҳазор карданд н-омад сӯйи ҷид,*
*Он ки матлабҳо мехост аз Маҷид.*

Ӯ пас, сарфи назар за донишу заковаташ ва талаби

мардум, ҳатто ба масҷид ҳам намеомад. Посухи муқтадиёнро аз суолҳои шаръӣ намекард, амри маъруф ҳам намекард. Ҳол он ки на офтоб аз кӯрмор, балки кӯрмор аз офтоб фоидае мегирад. Ин талаботи закоти илм аст, ки инсон бояд диҳад, то ки фойидае бар нафсу ҷони худ гирад.

*Хулласи гап, худ талабҳо менамуд,*
*Лек намекард рӯ ба аксар вонамуд.*
*Он ки аз изо дуййит фаҳме набурд,**
*Ақли вай дар ботинаш пас мурда буд.*
*Ибрат аз Ҳақ гир дар амри муҷиб,*
*Гуфтааст ӯ кулли омро "Астаҷиб!"***
*Гар нафаҳмидӣ ё хостат набуд,*
*Ақли ту пас аз "атиъу" раста шуд.****
*Соилон муҳтоҷи ёрӣ мешаванд,*
*Сӯйи Ҳоким пас дуоҳо мекунанд.*
*Хости худ нест, хости Ҳоким, ай ариф,*
*Гуфта буд, ки бар замин орад Халиф.*****
*Мазмуни ин оя нест, ки марҳ кунӣ,******
*Балки кибру носипосӣ тарҳ кунӣ!*
*Гар туро доданд илм, пас ту бидон,*
*Баҳри муҳтоҷон, ки доранд сад фиғон.*
*Гар бубастӣ боби алтофи раҳим,*
*Бар Самад ту ҳиҷ магуй "биброр миҳим!"*
*Он, ки дарро бар муҳтоҷ бастааст,*
*Бехабар аз эҳтиёҷаш мондааст.*
*Гар кушойӣ дар, дарҳо вокунад,*
*Хонайи алтофу посуххо барад!*

*Дар ривоят омадааст, ки шахсе ки даъватро шунавид, пас воҷиб аст, ки иҷобат кунад.

**Дар Қуръон омадааст, ки Худо инсонро ба даъво (талаб) намудан даъват мекунад, пас, мегӯяд, ки агар дуо

кардед, ман онро қабул менамоям. Ин аст ибрат гирифтан ва ***(атиъу) яъне Худоро пайравӣ намудан дар рафтор ва даъво ва амр.

****Дар Қуръон омаддаст, ки Худо инсонро ҳамчун ҷойнишин (халифа) дар замин офаридааст. Ҷойнишинӣ ин нест, ки танҳо Худоро муаррифӣ намояд, балки ӯро пайравӣ кунад, рафтори ӯро ҳосил намояд. Яъне аз қарибият ва қурубат ба ӯ ҳаракат кунад. Таъкид бар он, ки агар Худои бузург гӯяд, ки вай тайёр аст, ки иҷобат кунад, пас, инсон ҳам нисбати якдигар ингуна тайёриро изҳор намояд. Ҳаёт на барои

*****мараҳа (яъне) (Сураи "Луқмон") бо савлат зер кардану гаштан дар замин аст, балки пайравӣ ба Худову Паёмбарашро дар ҳама кор аст, ҳатто дар баровардани матлабу эҳтиёҷи якдигар.

Гар ту аз ин кор ғофилӣ, пас чаро Худо бояд дуои туро қабул намояду эҳтиёҷатро барорад?

## Ҳикояи ду обиде, ки яке шабро қадр мекард, дигаре бобояшро ва ё фаҳмиши он дигаре аз тафсири Сураи "Қадр".

*Он ду туллоб рӯзи савм дар мадраса,*
*Баҳси тундоб доштанд дар ҷаласа.*
*Он яке мегуфт сухан аз қадри шаб,**
*Дигаре менҳуфт бутанро зери лаб.*

Рӯзе ду талабаи як донишгоҳ вақти дарси тафсир, ба маънидод намудани Сураи "Қадр" шуруъ намуданд. Яке оиди нозил шудани ояти аввали Қупъони Карим гап мезад ва онро ба қадр мепайваст, дигаре бошад - ташбеҳро каме аз дигар чиз медид…

*Сураи "Қадр", 97-умин Сураи Қуръони Карим буда, аз 5 оят иборат аст ва дар Макка нозил шуддаст, яъне, вақте ки Паёмбарамон дар Макка мезистанд. Сухан дар бораи яке аз шабҳои тоқи даҳаи охири моҳи шарифи Рамазон меравад (21, 23, 25, 27, 29), ки маҳз дар яке аз ин шабҳо Ояти аввали Куръони Карим "Иқраъ бисми раббикал лазӣ халақ…) (тарҷума: Бихон ба номи Парвардигорат, ки офарид…) ба Муҳаммад (с.а.в.) нозил шудааст. Аз ин ҷост, ки ин шаб - шаби қадр аст.

*Дар шаби қадр он яке нозил бидид,***
*Аввалин оят ба Пайғамбар расид.*
*Лек нузулро дигаре ҳамбаста ҷуфт,*
*Бар рақибаш мухталифи он бигуфт.*
*Он яке гуфт рӯзи нозил - рӯзи нақл,*
*На ки Қуръон, балки пайваст он ба ақл.*
*Гар Худо, гӯйӣ, ки оя пас фирист,*
*Ин шаби аввал, ки бобом мегирист.*

**Тафсир: "Инно анзално…" Ояти 1, Сураи "Қадр" (тарҷума: Мо нозил (фиристодем) кардем…). Яъне, маҳз дар шаби Қадр, Худо нозил гардонид ояти аввалро ба Муҳаммад (с.а.в.)

Дигаре, ки аз ихтилофу ташбеҳ ғанитар аз дигараш буд, гуфт ки маҳз ҳамин шаб бобояш ба дунё омадааст ва аз он, ки гар оятҳо барои ҳидоят омада бошанд, то ки ақли инсонро ғанӣ гардонанд, ва аз он, ки Қуръон - ин танҳо китоби хонданӣ нест, балки ҷамъи аҳкоми худовандӣ ва пур аз ҳикояҳои пандомез аст…

*Чист оят? - Гар нишони муъҷизот,*
*Нест оё тавлиди инсон ба зот?*
*Гар қадим аст ояти аввал, бидон,*
*Пас қадимтар Одам аст дар аслу ҷон.*
*Ҳақ китобро баҳри Одам кард нузул,****
*На хитобро баҳри чӯб, ай булфузул.*
*Дар каромот инсон пештар зи он,*
*Гар мусаххар кардааст аз ину он.*

*** Тафсир: "… анзалнаҳу…" Ояти 1 (дав.), Сураи "Қадр" (тарҷума: … нозил кардем онро…), яъне Қуръонро, ки маъхази илму маърифат аст ва кони бебаҳо ва уқёнуси беқаъру паҳноӣ ва лутфу марҳамати худовандӣ.

Суханро идома дода гуфт, ки инсон аз оят қадимтар аст, яъне аввал инсон омад ва баъди он, дертар, оят ҳам нузул шуд, то ки ҳаёти инсонро осон кунад, аз ҳалол ва ҳаром хабарҳо диҳад, аз зишту некӣ огаҳонад ва ҳоказо.

Оят, ки нишона аст дар асл ва аз муъҷизаҳои худовандӣ, пас офариниши инсон ва мусаххар будани (барои истифодабарии инсон офарида шудани кулл дар замину ҳам дар осмонҳо (аз сураҳои Қуръонӣ) ба ӯ - ин ҳам оят аст, яъне нишона ва муъҷиза.

Ва агар оятҳо баҳри саъодатмандии инсон нозил шуда бошанд, пас, инсон қадимтар аст ё оят?

*Ин ҳама хуб аст, бигуфт дӯсташ ба ӯ,*
*Ақдас аст инсон, на оят, ай абу.*
*Лек зи инсон суханаш ақдамтар аст,*
*Гарчи дар зот офарид мукримтар аст.*
*Гар баҳо бар шахси дигар медиҳӣ,*
*На ба андом, балки қавлаш менгарӣ.*
*Сухани нек дар нишона пеш бувад,*
*Дар асоси рӯйи зебо риш бувад.*

Албатта, инсон муқаддас аст, мукрим аст, валекин сухан аз Худо авлову пештар аст. Дар қиёс, аввал Худост, баъд сухани ӯ ва баъд инсон. Аз ин ҷост, ки аз одам ҳам сухани некаш, рафтори ҳамидааш пештар меистад, на рӯйи зебояш, на мақоми авлодиаш ва ҳоказо.

*Баргашту маъниро идома дод,*
*Оиди "лайл" пеш бурд пас чанд нукот.*****
*Чист лайл? Оё шаб аст ё ихтисор?*
*Он ки дар мазмун бикард моро нисор.*
*Вақти "шаб" беҳтар зи рӯзу шабҳо,*
*Хилват асту назар асту иктифо.*
*Гар мулоқот ҷустайӣ, пас "шаб" биҷӯй,*
*Ғофилон дар "хоб", Худоро роз бигӯй.*
*Ин камин аст, он ки аз Ҳақ хоб бидид,*
*Рӯшани мутлақро чашмонаш надид.*
*Гар имкон дидани рӯйи Ӯ буд,*
*Пас, ҳушро аз Мусо менабурд.*
*Аз ҳазорон моҳ ин шаб беҳтар аст,******
*Мисли қутбӣ дар буруҷи ахтар аст.*
*Мар туро доданд имкон дар шабе,*
*Он ки нест дигар махлуқро шабеҳ.*
*Пас, ту ин шабро қадр кун ҳарзамон,*
*То саломат мониву гардӣ амон.*******

*Амни ту бо изни Ҳақ собит шавад,*
*Худ муқарраб хидмататро мебарад.**********
*Қадри шаб аст, қадри ту аст, ай ҳалим.*
*Пас, Худо гӯй, мустақим бош, мон салим!*

Бале, "шабҷӯйӣ" дар асл хилватҷӯйӣ, ягона будан дар мулоқот байни инсону Худо аст. Ин беҳтарин вакт аст, ки аксар ғофили айшу ишрати худ, аз ин ҳақиқат дуранд. Аз ин имконоти "шаб" истифода бояд бурд, ки ягона вақтест, ки Худо интизори даъвову талаб аст. Барои ҳамин ҳам, ин "шабро" бояд қадр кард ва ин аст "лайлат-ул-қадр".

**** Тафсир: "Лайлат-ул-қадри...", Сураи "Қадр" (тарҷума: Шаби қадр).

***** Тафсир: "... хайрун мин алфи шаҳр", Ояти 3, Сураи "Қадр" (тарҷума: (Шаби қадр) беҳтар аз ҳазор моҳ аст)).

****** Тафсир: "Саломун ҳия ҳатто матлаъил фаҷр", Ояти 5, Сураи "Қадр" (тарҷума: То вақти тулуъи фаҷр (рӯз) саломтӣ аст (дар он шаб)), яъне амон бимонӣ.

******* Тафсир: "Таназзалул малоикату вар руҳу фийҳо биизни раббиҳим мин кулли амр", Ояти 4, Сураи "Қадр" (тарҷума: Фуруд меоянд фариштагон ва руҳ (Ҷабраил) дар он шаб бо изни (иҷозати) парвардигорашон (Худо) барои саранҷом додани ҳар коре). Яъне, он шаб тамоми фариштагон ва ҳатто аз муқаррабин (Ҷабраил) замин фуруд меоянд, то ки хидмати инсонро кунанд, василае байни инсон ва Худо бошанд (дуобарӣ, амроварӣ ва ҳоказо), барои пойдории амну саломатӣ ва гарави он ва ҳоказо.

## Ҳикояи талош байни ҳанафӣ ва шофеъӣ оид ба масоили фитри рӯза.

*Асдиқои гайри мазҳаб рӯзи гарм,**
*Менамуданд ҷадлу инсоф дам ба дам.*
*Дар мазоҳиб ду гурӯҳанд, тан як аст,*
*Пас мусалмон будан дар Ислом бас аст!*
*Дасту поро гар зи тан ту барканӣ,*
*Дар аҳлият ту мутлақ мурдайӣ.*
*Мо Худо дорем, ба ҷуз Ӯ нест дигар,*
*Як дину як суннат, пас, нигар.*
*Фирқаҳо мазмуни фарқҳо медиҳанд,*
*Нисбати як чиз хилофҳо мениҳанд.*
*Он яке як бинаду дигар ду в-аст,*
*Касра дидан пас ҳалоли олус аст.*
*Дар мисоли фитри рӯза, пас, бубин,*
*Чи қадар гарқи хилоф гаштанд ду в-ин.*
*Аз нигоҳи мазҳаби худ ҳарф заданд,*
*Сӯйи худ, пас ҳарду як болишт кашанд.*
*Гар ҳақиқат мисли болишт воҳид аст,*
*Пас, манзил дигар раъсро - қолин аст.*
*Қолин ҳам нарм аст, валекин ҷойи сар,*
*Маҳз болишт аст, бидон ту, ай писар.*

Ду дӯст як рӯз, вақти Рамазон (*калимаи арабӣ, мазмуни рӯзи гармро дорад, тафсон) оид ба масоили фитри Рӯза мулоқот доштанд. Аз сабаби дӯст буданашон ва нигоҳи мазоҳибии гуногун доштанашон, ки яке Ҳанафӣ буду, дигаре - Шофеъӣ, баъзан хилофҳо ба вуҷуд меомад, ки боиси баъзан нарм ва баъзан ҷидол байнашон мешуд.

Фарқ андохтан нисбати як ақида боиси нофаҳмӣ ва ҷидоли зиёде мегардад, ҳол он ки баҳс оиди фитр буд, ки ҳақиқат ва мазмуни аслии он дар садақа намудан асту халос, яъне дастгирӣ намудани мискинону фақирону дигар ашхосе, ки ниёзманд ҳастанд.

Ихтилофи нисбати як муаммои холис мисли он аст, ки ду шахс дар як чиз чанд чизе мебинанд, ки ин танҳо ҳалоли олусон аст, ва ё мисоли он ду, ки як болишт доранд, ки бояд бар он сар гузоранд, муросо намоянд. Агар болишткашӣ кунанд, дигаре бояд раъсро (сарро) болойи қолин ниҳад, ки он ҳам нарм аст ва хобидан мумкин аст, валекин, шахс малолҳо мекашад, ки маҳз ҷойи сар болойи болишт аст, на он ки мисли тан, ки ҷояш болойи қолин.

*Гар ҷадалу ин талош шуд ифтитоҳ,*
*Ибтидо мегардад адлаш аз гуноҳ.*
*Ҳар хулоса, к-аз чунин баҳс шуд бино,*
*Гаштаву баргашта орад ибтидо.*
*Гар муросоӣ наояд як тараф,*
*Чист фойда аз чунин баҳси салаф?*
*Гар сафина, ки нишони баҳси туст,*
*Ғарқи об шуду ба қаъраш шуд руст.*
*Суннат аст ё воҷиб аст, пас чӣ илоҷ?*
*Гар фақир дорад ба нонат эҳтиёҷ.*
*Садқа аст ё худ закот аст ин амал,*
*Додани он амр шудаст бар ҷумал.*
*Аз шурути воҷибот барду нисоб,*
*Дар ҳисобанд, дар ҳисобанд, дар ҳисоб.*
*Додани фитраш ба ғайри умматаш,*
*Нест воҷиб гар набошад ғайраташ.*
*Гар бихоҳад, доданашро манъ макун,*
*Ки барояд раҳми ишон аз дарун.*
*Нест тасодуф, изни Ҳақ аст, ай баро,*
*Бо ризо аст, бо ризо аст, бо ризо.*

Уламои Ислом оиди мафҳуми фитр чунин навиштаанд: "Закоти фитр ё садақаи фитр, миқдори муайяни молест, ки фарди мусалмон онро дар рӯзи Иди Рамазон, аз моликияти шахсии худ барои ниёзмандон пардохт мекунад, ва он ҳам ба манзури поксозии нафс ва ҷуброни он чи ки мумкин аст аз вай дар тӯли моҳи Рамазон сар зада аст, мебошад"

Пас, изофа намуданд, ки ин дар мақом воҷиб аст, ки иҷроиши он ҳатмист ба кулли умматон ба ғайр аз ғайримусламонон (ғайри дин), барда (ғулом) ва молики нисоб будан, яъне қарздор ва ё оне, ки маблағи зиёдатӣ ва ё чораи ризқи ҳаррӯза надорад, яъне худ фақиру мискин аст. Ҳатто, додани фитр аз аъзои оила, гар дар он хурдсол ҳам бошад, ҷоиз аст ва ҳатмист.

*Ин ҳама фаҳмост, валек андар соат,*
*Додани фитр то дами субҳ ҳаст сағат.*
*Ё дар ин ҳам ту хилофат дидайӣ?*
*Ё дар ҳукми дигаре санҷидайӣ?*
*Рост гуфтӣ, - гуфт дигар, вақти фитр,*
*Мешавад воҷиб, ки омад вақти витр.*
*Лек нашояд баҳри ин вақти сағир,*
*Мунтазир гардӣ ба фасли ту кабир.*
*"Куллу яҷрӣ..." гуфтааст он мар Худой,*
*Ин мусаммост, ин мусаммост, андарой.**
*Ло замон аст, ло макон аст, нест шурут,*
*Гуфт зи авқоту бигашт он дам сукут.*

Яке аз шартҳои воҷибот (ҳатмияти иҷрои ин амал), додани фитр то вақти муайян аст, ки аз тарафи уламои дин то намози Иди Рӯза гуфтаанд. Ҳадди ақали ин амал аз вақти ба итмом расидани салоти витр (баъди намози хуфтан) сар шуда то вақти намози Ид бояд бошад.

Аз ин лиҳоз, он яке ба дигаре гуфт, ки агар додани фитр маълум бошад, пас, ту ягон фикри дигаре оиди вақти доданаш дорӣ, ки мухолифи назари уламо аст?

Дигаре ҷавоб дод, ки оре, ин дуруст аст, валекин фитр ҳам, ки як намуди некист, набояд ки вақт дошта бошад ва мусулмон набояд барои расонидани некӣ ва хидматаш ба дигарон соли дароз интизори субҳи Ид бошад, балки, ҳар гоҳ ва бо қадри имкон некӣ кунад.

Ва таъкид намуд, ки вақти муайян на барои интизор будани он дам, балки огаҳӣ аст, ки вақт кӯтаҳ аст ва он нуқтаи интиҳоийӣ аст ва дар он бояд ҳушёр ва ғайрат намоем. * "Куллу яҷри ило аҷалун мусаммо" (аз Қуръон, тарҷума: Ҳама чиз то вақти муайян ҷорӣ аст).

*Хуб, бигуфт он шофеъӣ, суол дигар,*
*Дорам бар ту, ай Абу, сӯям нигар.*
*Деҳ ҷавобам нисбати миқдори он,*
*В-аз хилоф, гар бошадаш, биброр забон.*
*Ин чи буд дар соъи баркаш вазни мо,**
*Гар хилоф ояд ба вазнаш, ай фато?!*
*Мешояд ҳар қадар афзун равад,*
*То ки аъмол аз бараш баҳра барад.*
*Шарти аввал он бувад, ки ин амал,*
*Аз дилу аз ҷон барояд, ай ҷамал.*
*Гар ният пок бошаду рафтор ҳалим,*
*Бар амонат ҷон барӣ ту, ай салим.*
*Бин, ба кор н-ояд миқдор, ай барӣ,*
*Гар дилат пок бошаду ту сарваре.*

*Дар ривоят омадааст, ки Расули Акрам миқдори фитри додашавандаро ба як соъаи ҷав ва ё хурмо баробар намудаанд. Як соъаи он аз ченаки ҳанафиҳо баробари 3 кг. 261гр. аст, ченаки шофеъиҳо баробари 2кг. 172 гр. аст.

Бояд изофа намуд, ки аксари уламо бар он ақидаанд ва низ фатво дар он аст, ки закоти фитр барои як нафар, миқдори нисфи соъ аз гандум ё орди он (1кг 530гр.) (Ин ҳукм аз даврони Умар ибни Хаттоб ҷорӣ шудааст) ва он миқдор - як соъ аз ҷав ё хурмо ё кишмиш мебошад.

Изофатан, имрӯзҳо, инсон метавонад ба ҷойи гандум ва ё ҷав ва ё хурмо ва ё кишмиш, маблағи баробари соъаҳои муайяншуда ба гирандагони фитр пардозад.

Пас, сарфи назар аз хилофҳои шаръӣ, миқдор ки муайян аст, шарт он аст, ки миқдорро диҳад. Агар аз он афзун доданӣ бошад, ин ҳам манъ нест, ин амал авлотар аст. Заруроаш ин аст, ки амал (додани фитр) аз ният бошаду дил пок бошаду бо ризоияти хеш дода шавад.

*Ин буд баҳси латифу ақлшигоф,*
*Гарчи бурданд дар мазоҳиб ихтилоф.*
*Саъяшон шатто, валек он як ҳадаф,**
*Мекашид он бори ақлро ҳар тараф.*
*Бар дасти ақл лаҷомро гар ниҳӣ,*
*Сӯйи мақсад бешикастҳо меравӣ.*
*Нест шубҳа, сад раҳаст то ин макон,*
*Он чи мо гӯем, ки бошад ло макон.*
*Пас, Худоё, роҳамон осон бикун,*
*Ор моро аз ҷаҳолатҳо бурун.*
*Деҳ моро ақлу ҳушу дасту пой,*
*То ки гардонем амалҳоро ба рой.*
*Гар зи мо ояд як, он сад шумор,*
*Ай Раззоқ, ай Самад, ай ғамбарор!*

Додани фитр ба чунин ашхос ҷоиз (мумкин) аст: фақир (камбизоат, камбағал), мискин (бечора, ночор), ғорим (қарздор), риқоб (ғулом), ибн-ус-сабил (дар роҳ монда, мусофир), дар роҳи Худо (толибони мадраса, макотиб ва ҳоказо) ва омил (ононе, ки дар ҷамъ намудани закот ва ё ушр машғуланд).

*Инна саъякум лашатта (Қуръон, Сураи "Лайл", тарҷума: Ба таҳқиқ, ки саъю кӯшишатон пароканда аст). Таъкид бар он, ки инсон, яке сӯйи Худо моил мешаваду амалҳои некро анҷом медиҳад, дигаре аз Худо дур мешаваду амалҳои бад иҷро мекунад.

## Ҳикояи шахсе, ки мехост ва мегуфт, ки "Ай кош, ман хоки пойи шумо мешудам!".

*Гар намебуд фарқ байни лому мим,*
*Барнамеомад маънӣ аз калим.*
*Гар паси дол он алиф ҷо мегирифт,*
*Меафтид ӯ ба дом, мешуд шигифт.*
*Манзили мим байни он ду ҳарфаке*
*Маъни аз хунрезӣ мешуд андаке.*

Алиф, дол, мим - Одам аст, ки аз беҳтарин махлуқот ва офаридаҳои Худои бузург аст. Гар дол, алиф ва мим шуд - ин дом аст, ки нафс инсонро суйи он мекашад, ки охири кор пушаймонист (шигифт, ҳайронӣ). Гар дол, мим ва алиф - ин димо (хунрезӣ) аст, ки нишонаи рафтори инсонист, ки нисбати он малоика Худоро гуфта буданд ("… ва ясфикут димоъ…" Сураи "Бақара").

*Гуфта буд он пири муршид, Мавлавӣ,*
*Бояд он, ки сӯйи маънӣ бингарӣ!*
*Сурат ҳеҷ аст, сират авлотар аз он,*
*Ҳарф ҳеҷ аст, маънӣ авлотар, бидон!*
*Дар радифи долу миму он алиф,*
*Мухталиф маъно барояд, ай ҳаниф.*
*Аввал он, ки фикр намову пас бигӯй,*
*На ки ханҷар аввал ояд то ба рӯй.*
*Лек, сухан аз теги оҳан сахттар аст,*
*Захми ӯ аз захми оҳан бадтар аст.*
*Беҳуда нест ҳафт маротиб афкараш,*
*Пеш аз як бор он суханро гуфтанаш.*

*Дигар он, ки гар надонӣ маънияш,*
*Беҳтар он, ки дар сукут мемондияш.*
*Мар нашояд лаб кушод аз он чи ту,*
*Илм надорӣ, ҳеҷ надонӣ, ай аду.*
*Гар кушодӣ ту забон аз ҷоҳилӣ,*
*Ма заламна, анта фи хуср, ай валӣ.*

Сохта бар он (ҳарфҳо) - калимот нашр мешаванд, ки соҳиби маънианд. Инсон бояд пеш аз гуфтан фикр намояд, то ки дӯсташро гум макунад, то аз дӯсташ душман насозад. Гуфтан осон аст, валекин, фикр намудан пеш аз гуфтан - тавсия шудааст ва авлотар аст.

Сухан дорои қувваи бузург аст: метавонад дар як лаҳза ба моҷаро барад, лаҳзае дигар - ба шодиву хурсандӣ ва ҳоказо. Ҷароҳати сухан аз ҷароҳати мавод (оҳан) сахтар аст. Ҷароҳати оҳанро метавонист дармоне бахшид, валекин ҷароҳати сухани бадро - ҳеҷ…

Дуввум, инсон бояд чизеро, ки намедонад ва ё ақлаш намегирад ва ё нисбати он илми кофӣ надорад, аз он суханон худдорӣ кунад. Нодониста чизеро гуфтан - аз нишонаҳои аҳмақиву ҷоҳилист. Дар ин ҳолат, чи тавре ки Худо дар Қуръон овардааст "Ма заламно ва локин кону анфусаҳум язлимун…" яъне "Нестем мо ситамкор (бар онҳо), валекин онҳо бар нафси худ ситамкоранд", балки инсон "лафӣ хуср" аст, яъне худаш ба худаш зиёнҳо меорад.

*Ин буд, ки қиссаи мо оиде,*
*То ки гиранд аксар аз он моиде.*
*Буд шаҳир дар хоксорӣ он абид,*
*Ки бидид ҳарфу лек маъно надид.*
*Дар хондан моҳир асту дар назар,*
*Илми нокиф мебурд ҳар сӯ бо ҳазар.*
*Ҳар киро медид, мегуфт он Адам,*
*"Ай, кош, ки хоки поят мешудам!"*
*Рӯзе аз даврон зи масҷид мегузашт,*

*Дид, ки пире мекашид аз мӯю ташт.*
*Мехонду гиря мекард он ҳабиб,*
*Ашк аз маънӣ мерехт бо шадид.*
*Наздаш омад то шунид он ояро,*
*Ки каме кард аз гиристан мояро.*
*Аз Набо охир оят хонда ӯ,**
*Зор мекард, мекашид аз ришу мӯ.*
*Ашки рехта бар заминаш мисли наҳр,*
*Мисли ҷӯй мебурд фиғонро дар ба дар.*
*Ҳар ки мешнуд гиряи он қориро,*
*Мебаромад сар, медид он лиқо.*
*Марди мо ҳам шуд қарибу гӯш дод,*
*Лек аз ончи шунид, омад ба дод.*

*Сураи "Набо", Ояти 40 (охир. Тарҷума: "... ва бигӯяд кофир (инкоркунандаи ҳақ) "Ай кош, (ман) хок мебудам (мешудам)".

Бале, аз махлуқоте, ки баъди ҳисобу китоб аҷрашон ё Ҷаннат ва ё азобашон Ҷаҳаннам мебошад - ин инсон аст. Дигаре ба хок мубаддал мешаванд ва аз азоб мераҳанд. Пас, он шахс, ки сазовори Ҷаҳаннам шуд, аз бими азоби пасоянда ва аз он чизе, ки ӯро интизор аст, ба ваҳм омада, мегуфтааст, ки "Ай, кош, ки ман хок мешудаму аз он азоб раҳоӣ меёфтам".

*Ай мани аҳмақ чаро дархост кунам,*
*Хоку пою изи роҳро рост кунам?!*
*Он наям ман, худро бо фонуси кӯр,*
*Бо забону хоҳишам бибрам ба гӯр.*
*Гар ки ақлам ногирад аз сирри он,*
*Пас, чаро биброрам баҳраш ман забон?*
*Дидаву дониста рафтам сӯйи ҷар,*
*Рост кардам нӯги поям дар ҳаҷар.*

*Ман куҷо донам, ки сангам устувор,*
*Мисли аргамчин, ки ғалтид он зи дор?*
*Ин бигуфту рангу рӯяш шуд сапед,*
*Бо ҳазор афғон бурдаш сӯйи бед.*
*Сояи он бард буду ҳолпараст,*
*Бурд хобаш ҷойе, ки ӯ барнишаст.*

Аҷабо! - гуфт он марди хоксор, "О, ин суханон, суханони ашхосе, ки сазовори дӯзахтанд, будааст. Ман бошам онро такрор ба такрор мегуфтам…" Фиғонаш баромад, ақлаш ба кор даромад, ӯро сӯйи бед бурд. Нишасту хобаш бурд.

*Пири муқрӣ бо ҳарир андому нур,*
*Дар хоби он хоксор шуд зуҳур,*
*Гуфт, натарс аз онҷӣ гуфти, ай Адам,*
*Ту ки гуфтӣ хоҳишатро дам ба дам.*
*Ончиро, к-аз дил омад аз ту нест,*
*Хоҳиши дил мин ироди Ӯ бихест.*
*На ба сурат, балки бар маъниш нигар,*
*Ҷанг маяндоз сиратро бо сувар дигар.*
*Гар надонӣ, пас, бидон, Одам чӣ аст?*
*Ончи аз хок сар барорад, хестааст.*
*Қомуси мазмуни Одам чангӣ буд,**
*Ончи хокист, чанг барорад дар убуд.*
*Пас, бидон ки хоҳиш аз хокӣ будан,*
*Нест ба ҷуз инсон будан, Одам шудан.*
*Асли инсон хок ҳасту мекашад,*
*Сӯйи худ бо макру фарраш мебарад.*
*Хокием мо, аз хок мо зодаем,*
*Ҷон ба Ҷаббор, хок ба хок мо додаем.*
*Торатан ухро он Ҳақ рӯзи ҳақ,***
*Офарад аз хоку медод ин сабақ.*

*Пас, чизе нест, гар бихоҳӣ хок шудан,*
*Хок будиву хок шавӣ, соҳибсухан.*
*Хоксорӣ, ки нишони аслӣ аст,*
*Одами хокиро ин ҳусн беҳтар аст!*
*Ай Худоё, рӯз ҳисоб аст, сар ниҳам,*
*Кош, ки ҳар рӯз хоки поят мешудам!*

Оре, хокием мо, аз он офаридааст моро Худо, ба он бармегардонад ва бори дигар, пок, аз он бармехезонад дар Рӯзи Қиёмат. (**Сураи "Тоҳо").

Изофа бар он, Одам (Адам) калимаи қадиме ҳаст, ки тарҷима ва мазмуни аслиаш чанг аст. Ҷамъи чанг - ин хок аст… Ва инсон ҳам, мисли ҳамҷуфтон, ба хок, ки аслаш аст, сӯйи он кашиданиҳо дорад. Инсон бояд матроб (Сураи "Балад"), яъне хоксор бошад, аз кибр, ки аслан сифоти Иблис буд (Сураи "Бақара" ва дар дигар сураҳо омадааст), дурӣ ҷӯяд, бо хок ошноӣ созад, мисли хок серҳосил ва хоксор бошад.

Иборои "Ай кош, ман хоки поят мешудам" - нишонаи хоксорӣ, нишонаи Одами ҳақиқӣ будан аст, нишонаи фойидаовар бар дигарон будан аст ва ягон шабеҳе бо "… ё лайтани кунту туробо" (Сураи "Набо", тарҷума: "Ай кош, ки ман хок мешудам"), ки суханони инкоркунанда (кофир) аст "… ва яқулул кофиру…" (Сураи "Набо", тарҷума: "… ва гуфт он кофир (инкоркунандаи ҳақ)…") надорад.

## Ҳикояи пире аҷал расида, ки забонаш аз тасдиқоти қарори дилаш даст мекашид ва бо андом меҷангид ва ё тафсири Ояти 65-уми Сураи "Ёсин".

*Зоиқи марг аст ҳарчи шуд вуҷуд,*
*Гар биёрӣ ё наёрӣ сад суҷуд.*
*Таъхири вақташ натонад ҳиҷ касе,*
*Гар занад садҳо забонаш ҳаддасе.*
*Гар биёяд аҷалаш носир кӣ шуд?*
*Ноқисӣ аз тӯли умраш аз чӣ буд?*
*Гар гурезӣ, дарки ҷоят мекунад,*
*Ёфта бо худ он ҷаҳонат мебарад.*
*Ай хамири хом, аз шуъла гудоз,*
*Пас, ту ақлро ошно бо хулқ бисоз!*

"Куллу нафсин зоиқат-ул-мавт", бале, Худо мегӯяд (дар Қуръон), ки "Ҳар ҷондор (нафс) лоиқи чашидани марг аст", ки гурезе аз он нест. Ва ин сарфи назар аз он, ки сад талаб изҳор намойӣ ва ё сад суҷуд ба ҷой оварӣ…

Мавт (марг) - ҷондорест, ки Худо мисли дигар махлуқонаш офаридааст. Бадҳайбат асту бузург. Наъраи вай дар коинот, баъди офарида шуданаш, тамоми малоикаҳоро ба даҳшат овардааст. Ягона фариштае, ки Худо ба ӯ мавтро ром намуд - Азроил аст, ки лақаби "қобизро" (яъне, қабзкунандаи ҷонҳоро) соҳиб шудааст.

Аҷал (вақт) - ягона фосилаест, ягона маҳаллест, ки барои махлуқон ато шудааст. Чун вақташ омад (яъне марг расид), на таъхире (яъне, навгонӣ ва ё дигаргунӣ) бар он карда мешавад, ва на соъате (сонияе) ба инсон такдим (аз Қуръон)

карда мешавад. Вақт, ки омад, ҳеҷ кас ва ё чизе наметавонад кумак кунад (наср) махлуқро.

Аз марг гурезе нест… "Юдриккум-ул-мавта айна мо кунтум" (Қуръон), яъне "Меёбад (дарк мекунад) марг шуморо ҳар ҷойе, ки набошед).

Пас, инсон ақлро бар ҷояш монда, рафтори худро бо ақлаш ҳамоҳанг созад ва аз ин фосилаи додашуда дуруст истифода барад, магарам, ҳамчу хамири хом, нопухта намонад?!

*Қарни худро обиде итмом бидид,*
*Мар нишасту ройӣи худро кард падид.*
*Ончи мегуфт мисли оташ аз кӯҳе,*
*Рахна мекард роҳи худро аз диле.*
*Лек забонаш садди роҳҳо менамуд,*
*То нагардад ҳасрати дил вонамуд.*
*Ин муаммост, вақте қалб гӯяд чизе,*
*Лек забон ҳиҷ гоҳ наёрад тасдиқе.*
*Гар диле орад қарору он забон,*
*Садди роҳаш гардаду тасдиқ бар он.*
*Даҳшат аст ин, рӯзи охир воҷиф аст,*
*Абсорро рӯзи таъхир хошиъ аст.*
*Пас, нашояд байни дилу он забон,*
*Ҷаррӣ бошад, ҷорӣ бошад, пас равон.*
*Байни ақлу байни рафтор ихтилоф,*
*Аз нишони мунфиқист, ай абди лоф.*
*Гар пиндор бо рафтор зад ба чанг,*
*Нест шубҳа, охир орад ин ба ҷанг.*
*Пас, тааққул кун, баробар соз ба ду,*
*То ки зарб, ё ки зарар орӣ, аду.*
*Гар мувозин байнашон як шуд, бидон.*
*Баҳра гирӣ, фойида бинӣ аз он!*

Пири солхӯрдаи мо ҳам аз охири кор диданӣ шуд, фикр дошт, ки вақт шудааст. Аз замири қалбаш матлабҳо, зориҳо, истиғфор ва тавбаҳо ҷорӣ мешуданд, валекин, то забон омада, мавқуф мегаштанд, боз мегаштанд. Онҷиро, ки дил пазируфта буд ва иқрор намуд, мутаассифона, забон рад мекард, тасдиқ намекард. Ҳатто, ба қадре, ки аз аҳволи охират, ки он вақт "дилҳо ларзону, чашмҳо пур аз тарс" ("Қулубун явмаизин ваҷифа. Абсоруҳа хошиъа", Сураи "Нозиъот", Қуръон) мешаванд, дилу ақлаш воқиф шуд, лек забонаш бо қарори дилаш ҳамоҳанг нашуд.

Беҳтарин кор танҳо пас иҷро мешавад, вақте ки иродаву (хоҳишу пиндораш) амалаш (рафтору кирдораш) ҳамбаста бошанд, як бошанд, на мисли "олими бе амале, ки мисли занбӯри бе асал аст".

*Ҳар чи кард пир, он забон таскин наёфт,*
*Аз буду нобуд асотирҳо бибофт.*
*Гуфт забонро "Лаҳми гӯшт, ай лаҳми гӯшт,*
*Ин қадар вазнро нашояд гир(ф)т ба дӯш.*
*Ман бимирам, хок шавӣ ту соате,*
*Лек наёрам тоъатро тоқате.*
*Бар даҳонам мениҳад муҳри кабир,*
*Ончи ояд, бас, шавад бо ман вазир.*
*Шоҳиди он руз найӣ, иқрор бишав,*
*Гуфтаи дилро бикун, бо ман бирав.*
*Арҷулу айди ба ҷойи туву ман,*
*Шоҳиди аввал ба ман дар анҷуман.*
*Ту забонро бо дилу андом биёб,*
*На ки ақламро кунӣ сад изтироб!"*

Пир забонашро тасаллӣ доданӣ шуд, валекин забонаш хомӯш намешуд, саркашӣ мекард, аз тасдиқи гуфтаҳои дил даст мекашид.

Пас, пир ба забонаш гуфт, ки рӯзе вай (забон), ки лаҳм асту халос, хок мешавад ва рузи даркорӣ (Қиёмат), ба он

муҳр мениҳад Худои бузург, то ки дастҳову (айид) ва пойҳо (арҷул) шоҳидии амалҳои шахс кунанд ("Ал явма нахтиму ала афвоҳиҳим ва тукаллимуна айдиҳим ва ташҳаду арҷулуҳум бимо кону яксибун", (Сураи "Ёсин", Қуръон) ва ба ҷойи инсон, онҳо ба сухан меоянд ва ба Худо нисбати аъмоли шахс шоҳидӣ мекунанд…

*Ай, шаҳиди ҳақ, ба оят кун назар,*
*То ки аз сирраш бидонад маҳз басар.*
*Чашми сар кӯр асту бинад зоҳире,*
*Лек басар бинад хуфӣ чун моҳире.*
*Мергани моҳир зи сад ашё зуҳур,*
*Бинад танҳо он якеро дар ҳузур.*
*Тири ақлро сарф макун ҳарҷо дигар,*
*Сайдро, пас, дид гиру бо худ бубар!*
*Ӯ камон аст, тири ту - ақлу ҳуш аст,*
*Пас, камонро рост доштанҳо хуш аст.*
*Афзал аст, ки то набошад тир каҷе,*
*То ки бар мақсад занӣ ту он яке.*
*Гар тират каҷ аст, каҷҳо мебарад,*
*На ба сайду бал ба кӯҳҳо мезанад.*
*Хӯрдани лаҳм аз гилу хок беҳтар аст,*
*Сайди пок аз каҷзада - авлотар аст!*

Пир забонро сӯйи мазмуни маънӣ даъват намуд. Гуфт, ки бо ақлу дил (басар) ошноӣ намо, то ки дар ҳамбастагӣ, он чиро ки чашмони сар (одӣ) намебинанд, онро дарк карда тавонӣ.

Маҳз ақли солиму ҳуши пок метавонад, мисли он як мерган байни ҳазорон ашё, сайди худро бинад, дид гирад, сайд намояд. Ва агар тираш каҷ бошад (нияташ нопоку рафтораш каҷ), мерган он сайдро каҷ мезанад, каҷ тир меандозад, хуллас, тираш исроф мешавад.

Ният, ки пок гашт, аз Худо талабад, то ки тири ӯро (ақлу

ҳушашро) кач мабарад ва ин аст, ки Худо камон аст. Гар кач гирад ва ё тир кач бошад, ба мақсади ниҳойӣ намерасад.

Инак, бар давоми тафсири калимоти Ояти 65, Сураи "Ёсин", пир ба забон аз кадом мазмун ва асл хабар дод?

*Бар мақоми дасту пой, пас, ту нигар,*
*То ки бинӣ аксари маъниш дигар.*
*Гар дастоншон суханҳо мезананд,*
*Пас, ба суйи тасдиқот пойҳо баранд.*
*Ту шунидӣ, гуфтаанд, ки маҳз забон,*
*Охир орад сӯйи дору сад фиғон?*
*Ё ки гуфтанд, ки забони сурх варо,*
*Кардааст аз тан сари сабзаш ҷудо?*
*Ин бубин, ки дар мақоми аслиаш,*
*Шуд баробар ҳардуйе дар маъниаш?*
*Ҳам забону ҳам пойҳо мебаранд,*
*Сӯйи мақсад ҷону танро мекашанд.*
*Гар яке дар гуфтан авлотар аст,*
*Дигаре дар роҳ рафтан беҳтар аст.*
*Пас, ту, ай обид, нигаҳ дор ин забон,*
*Он, ки бе по мебарад сӯйи фиғон.*
*Он, ки нокарда сафар ило бало,*
*Мекунад ҷону танатро ибтило.*

Дар ин Оят (65), Худо аз манзалат ва кори ин ҳарду (дастону пойҳо) хабаре додааст, ки яке, маҳз дастон - ба сухан меоянд, пойҳо бошанд - тасдиқ мекунанд. Ин ташбеҳи он аст, ки дил қарор мекунад ва забон - тасдиқ. Валекин, ҷисман бошанд, яке пой асту дигаре забон. Дар мақсад бошад, ҳам забону ҳам пойҳо сӯйи максад мебаранд. Дар хавф бошад, забон хавфноктар аст, метавонад, норафта ба сӯйи бало, балоро бар сари инсон оварад… Пас, инсон бояд забонро эҳтиёт намояд, пеш аз гуфтан сад маротиба фикр намояд.

*Дар давоми матни худ он пири лол,*
*Бардошт девори маънӣ бо кулол.*
*Ту кунун бар вазъи касбаш кун назар,*
*То ки созӣ аз дигар каҷҳо ҳазар.*
*Бин, ки танҳо дасту пойҳо рогибанд,*
*Дар амалҳо пешбару пас, косибанд.*
*На забонро гуфтани ҳол касб бувад,*
*Кун амал, то ки амал пешат барад!*

Дар давоми суханҳои худ аз тафсири Ояти 65 Сураи "Ёсин" "... бимо кону яксибун", яъне (дасту пойҳо аз он чизе, ки онҳо касб карданд (карданд, амал намуданд) изофа намуд ва ба забон гуфт, ки на суханҳое, ки ту мезанӣ, балки амалҳое, ки мо кардем, бо ин дастону пойҳо иҷро намудем, бештар аз кори кардаамон шаҳодат медиҳанд.

Инсон бояд амал намояд, бештар некӣ кунад, то ки шаҳодати некиро дар он рӯз аз дасту пояш шунавад. Агар некӣ карда бошад, онро ҳам дасту пойҳо шаҳодат медиҳанд, аз Худо шафоъат металабанд. Лекин, бадӣ карда бошад, онро ҳам шаҳодат медиҳанд, зорӣ мекунанд, аз кардаи инсон нафрат баён мекунанд, норизоӣ, эътироз менамоянд.

*Аз чунин гуфта забон шуд дилгире,*
*Пас, сукут кард, пас, бигуфт ӯ андаке.*
*Ай соҳиб, ту чаро ин айб ҳама,*
*Аз мани бечора бинӣ дар рама?*
*Ин тасодуф аст, ки дидӣ байни гал,*
*Он яке бечора гӯсфанд дар магал?*
*Ончи гуфтам - ин суханҳо аз ту буд,*
*Мисли аҷзо хидмати ман аз ту буд.*
*Ман бигуфтам он чиро, ки хостайӣ,*
*Пас, чаро имрӯз зи ман ту костайӣ?*
*Ин ҳазар, ки ту зи ман созӣ дигар,*
*Вонигар, ки мебарӣ аз худ ҳазар.*

*Ваъда медиҳам, ки он рӯз дар қиём,*
*Гар шафоъат зи ман хоҳӣ, пас наём!*
*Ай, бале, гар хатме монданд, чӣ илоҷ?!*
*Ман сухан гӯям ба васли дасту пот!*
*Гар даҳонам хатм кунанд, ҳич шубҳа нест,*
*Мисли гунгон гап занам ман - ин раҳест!*
*Гар забоншон нест, гунгон моҳиранд,*
*Бе забон нақли дарозро мекунанд.*

Бале, забон аз гуфтаҳои пир ба маҳзун гашт, дилгир шуд, норизогии худро бигуфт. Мушахассан гуфт, ки ӯ ҳам мисли дигар аҷзо хидмати инсонро мебарад ва агар ягон чизе гуфта бошад ҳам, на аз худ, балки он чиро, ки инсон мехост гӯяд, онро гуфтаасту халос.

Забон мисоли гунгонро гуфт, ки онҳо забон надоранд, валекин он чиро, ки забон мехоҳад гуяд, ба воситаи дасту пой, имову ишора гап мезананд. Забон таъкид намуд, ки ӯ ҳам, гар бар даҳон хатме шавад ҳам, ба воситаи дасту пойҳои шаҳодатдиҳанда, он рӯз шаҳодат медиҳад, чаро ки тамоми аҷзо аз гуфтаву кардаи инсон шаҳодат медиҳанд, на танҳо аз карда.

*Кард изофа, гуфт забонаш дар ахир,*
*Ончиро, ки ҳоли пирро кард тахир.*
*Ай маломат мекунӣ, пас ин бидон,*
*Мо ҳам донем аз маъниҳо равон.*
*Бар даҳон карда назар ту ман дидӣ,*
*Ман забон ҳастам, ту аз ман ранҷидӣ?*
*Гар даҳонат ҳаст сағона, пас дарун,*
*Ҳаст ақлат, ки сухан орад бурун.*
*Дар васила хидмати ақлат кунам,*
*Ончи у гуфт, ман ҳамонро мекунам.*
*Ман ядоят, ман арҷул, ай абу,*
*Он, ки бо худ мекунӣ ҳар дам аду!*

*Акли худро бо аъмол як бикун,*
*На ки бо ман ҷадл барӣ ту дар сухун!*

Забон идома дод ва гуфт, ки мисли тамоми аҷзои офаридашуда, ӯ ҳам соҳиби ақл аст ва аз нишонаҳои худовандӣ бохабар аст. Ӯ ба пир тавсия намуд, ки "... нахтиму ало афвоҳиҳим... " (бар даҳонҳоятон муҳр мегузорем), Ояти 65, Сураи "Ясин", оид ба забон нест, яъне оиди вай нест, балки оиди ақл аст. Забон ҳам ончиро, ки ақли инсон мефармояд, онро мегӯяду халос.

Пас, гуфт, ки "дасту поят" ин манам, ки ман сухангӯй ҳастам ва тавсия дод, ки ақлашро бар ҷой монда кор кунад.

*Ай муқрӣ, қиссаи кутаҳ ин аст,*
*Лек, маънияш ба ҳар ҳол дар бар аст.*
*Кӯшиш кардам аз маънӣ дод хабар,*
*Нест амсол Ояташро, пургуҳар.*
*Ноқисам дар илму идрок, ай Худо,*
*Мисли он нур назди Мусо ту баро!*
*Матлабам ин нест ба ҷуз хидмат барам,*
*Ман "забонам" аз ақлҳо меҷаҳам.*
*Гир ту дастамро, бибар ту сӯйи нур,*
*Зинда гардад андарунам ин шуъур.*
*Ту забону кори некам кун сазо,*
*То ки дар охир бимонӣ ту ризо!*
*Ман, ки дорам аз дарат бӯйи умед,*
*Ин мӯйҳо дар матлаб шуд сапед.*
*Боварам кун, ҳар тори он пагоҳ,*
*Дар такаллум мекунанд сӯят нигоҳ!*
*Мисли дасту пою аҷзо, ин забон,*
*Тори мӯям ҳам кунад сухан равон.*
*Гар хато кардам, ислоҳам ту кун,*
*Он, ки гӯяд "кун!", пас шуд "фа якун"*

## Ҳикояи ду ҳамсоя, ки яке дигареро дар айбҷӯйиву ғайбат кардан кумак мекарданд ва ё тафсири Ояти 1-уми Сураи "Ҳумаза".

*Ду қариби якдигар ҳамсоягон,*
*Мезистанд дар шариъи фосиқон.*
*Дар қариби он як аз деҳи дигар,*
*Кӯчиду омад ба манзил нав сиғар.*
*Дид, ки куллан кулли онон кӯр буданд,*
*Дар раҳи рост неву дар каҷҳо буданд.*
*Ин диду ҳангаш гирифт, ки ман чи тур,*
*Аз кӯҳи боло ҷаҳам, аз Сину Тур?!*
*Ноилоҷ шуд, чорае нест, гуфт ба худ,*
*Мисли инон кӯр шавам ман худ ба худ.*
*Мисли бино байни кӯрон, кӯр шуд,*
*Дон, ки н-ояд некӣ аз кӯрон вуҷуд.*
*Кӯр-кӯрона ки афво ҷом барӣ,*
*Нест ин беҳтар, ки қаъраш бингарӣ?*
*Шояд он, ки кирми ноҷинс, ай сано,*
*Мекунад дар баҳри "алтофаш" шино.*
*Ҳақ туйӣ, гар ту бигӯйӣ тамъ амиқ,*
*Мар забонам мекунад садҳо фариқ.*
*Гар ҳасосаш чор аст, бал ин забон,*
*Мекунад то ҳашт ҳазор аз ину он.*
*Гар муаззаф ва тавоност, ҳону ҳин,*
*Пас, муборак зоти аҳсан холиқин!*
*Лек кушо ту чашм, сарф аз ин назар,*
*То ки бинӣ қаъри ҷомат сад ҳазар.*

*Чашми баста, ин забон аз тамъу бас,*
*Мекунад аз тамъи гандум ҳоли маст.*
*Гар кушод буд чашми ту аз ин сароб,*
*Пас, намебурдӣ даҳонат кирми об!*
*Байни аъмо пурра кӯр будан хатост,*
*Вогушода мондани як чашм равост!*
*Чашми кӯрат ҳамдами кӯрон, ки буд,*
*Он дигар бо оқилон раҳ месипурд.*

Дар қарияе (деҳот), ки фосиқон зиндагӣ мекарданд, ду ҳамсояе наздик мезистанд. Яке аз онҳо, ки ба қарибӣ аз дигар маҳалла кӯчида омада буд, дар рафтору пиндор каме мусбат буд. Ва ин яке, фикр мекард, ки "Агар ба шаҳри кӯрон, ки омадӣ, пас бояд кӯр бошӣ, вагарна, кӯрон чашмонатро кофта мегиранд, то ки мисли онҳо кӯр бошӣ". Аз ин лиҳоз, ин навомад ҳаракат мекард, ки ташбеҳу изофаи ҳамсояаш бошад, то ҳамдаму ҳамқадами ҳамсояаш ва аҳли он ҷамоат гардад.

Ташбеҳи ин "кӯрону кӯргирӣ", албатта, на оиди ононест, ки табиъатан ва ҷисман кӯр ҳастанд, балки оиди ононест, ки ҳақиқатро ва нишонаҳои онро намебинанд.

Дар дидани ҳақиқат "ду чашм", яъне чашмони басар (ақлу ҳушу идрок) боз бояд бошад. Футурро (шикастагӣ, сурохӣ, камбудӣ, ноқисӣ ва ҳоказоро), гар бошад, танҳо, чи тавре ки дар Ояти 3-юми Сураи "Мулк" омадааст, бо руҷуъи басар дидан мумкин асту халос. Гар чашми ақл кӯр бошад, пас, ё футурро мебинад ё тамоман ҳеҷ чизро намебинад, кӯр аст…

"Якчашма" будан - ташбеҳи мувозинат ва қист (адолату инсофгарӣ) аст, чи тавре дар Қуръон омадааст: "Валлоҳу юҳиббул муқситин" (Худо ашхоси адолатпарвару боинсофро дӯст медорад). Мисоли ин, чи тавре ки Хоҷа Ҳофиз тавсия додаанд: Бо дӯстон - мурувват, бо душманон - мадоро.

*Қисса кутаҳ, ин ду лоиқ кӯракон,*
*Карда буданд ошёнро сад мақом.*

*Мар якеш меҷуст айбе дар бадан,*
*Бо симаш мебофт дигар ғайбат ба тан.*
*Гар яке мегуфт, "даҳони ӯ каҷ аст",*
*Зам мекард дигаре "қавлаш фаҷ аст".*
*Гар яке бо кору кир дилгир кунад,*
*Дигаре бо мор-суханҳо қир кунад.*
*Гар наояд фотинонро "Лам ятуб",**
*Пас, чӣ ояд мар инонро дар уқуб?*

Хуллас, он ду ҳамсояҳои қариб дар кӯча нишаста, бо чашмони аз ҳақиқат дур ва кӯр, одамонро ғайбат мекарданд, якдигарро дар сухану корашон, дар рафтору кирдорашон, дастгирӣ менамуданд. Аҷоиботи кор дар он буд, ки ба ғайр аз он ки, лавозим донанд, таҳқирро ба амал мепайвастанд.
* Ҳол он ки, дар Қуръони карим омадааст, ки "Ононе, ки уқубут карданд имонорандагонро аз қабили мардону занон, (лекин) пас, тавба накарданд (аз кардаашон), онҳоро азоби дӯзах ва онҳоро сӯхтании дарднок ҳаст (интизор аст)". Сураи "Буруҷ", Ояти 10.

*Фитнаи инон ба ҳадду ҳар маром,*
*Шуҳрат овард фотинонро дар ҳаром.*
*Инқадар номдор гаштанд мин амал,*
*Ки лақаб пайдо намуданд аз ҷумал.*
*Байни қавму байни деҳа он дуве,*
*Бар "Ҳуммоз", бар "Луммоз" лақабе.*
*Ин ду аъмол аз нишони ҷоҳилист,*
*Он, ки фаҳмид, бар ҳолшон мегирист.*
*Ҳолашон "вой", водирост пур аз инон,**
*Он, ки хандид, он, ки ранҷонд ину он.*
*Сад афсӯс, ин тагомуз муҷримон,***
*Мазҳуканд, на зоҳиканд андар замон.*
*Беҳтарин ханда барояд аз лабе,*
*Он, ки мезист бо некӯматлабе.*

*Пас, шунидӣ "Хандаи он охирон,*
*Хандаест, ки пас кунанд ин мазлумон"?!*
*Хандаи имрӯз бақо нест, ай писар,*
*Дар қиёмат ҳоли мардум пас нигар.*
*Он ки имрӯз ханда дорад, пас пагоҳ,*
*Мар Худоро илтиҷоҳост аз гуноҳ.*
*Кор бикун имрӯз, ки баҳрат Явми Дин,*
*"Вой" нахонанд ин Худову котибин.*
*Рӯзи маҳшар ҷойи тавба нест, ай фато,*
*Кун ту фардоро имрӯз сад нигоҳ!*
*Хандаҳоро баҳри фардо ғунучин,*
*Кун ту имрӯз, кун захира, ай мубин.*
*То, ки аз аъмол наояд шарм пагоҳ,*
*Ту ба ҳолат як назар кун, ай фато.*
*词чи механдӣ дигарро дар ту ҳаст,*
*Пас, биёрад хандаат бар ту шикаст.*

Ҳамчунон он ду дар аъмол (айбҷӯйиву ғайбат намудан) пеш рафтанд, ки дар деҳаашон, яке лақаби "Ҳуммоз", дигаре - "Луммоз"-ро соҳиб шуд. Аз ҷаҳолат корашон ба назарашон хуб менамуд, валекин ин кор оқибати нек надорад. Дар Сураи "Ҳумаза", чи тавре, ки Худо фармудааст: "Вайлул ликулли ҳумазатил лумаза", яъне "Вой бар аҳволи тамоми ононе, ки айбҷуйиву ғайбаткунанда ҳастанд" омадааст (Ба ғайр аз амр буданаш, "вой" ва ё "вайл" - водие будааст, дар дӯзах, ки пур аз гунаҳкорон, онҷое, ки ҳеҷ чиз намерӯяд, ҳарорати баланд, сангҳо тафсон ва ҳоказо).

Боз ҳам, дар Сураи "Мутаффифин" омадааст, ки гунаҳкорон, ҳар гоҳе ки имоновардагон аз кӯча мегузаштанд, ба якдигар чашмак зада (тағомуз), суханҳои ноҷоиз мезаданд ва ханда мекарданд, ҳол он ки, чи тавре дар оятҳои пасоянда Худо мегӯяд, рӯзе мешавад, ки имоновардагон бар ҳоли ин муҷримон механданд.

## Ҳикояи мӯрчае, ки ба марди оқилу мискин "Ба Худо кумак намо, то ки ба ту кумак расонад" мегуфт ва ё тобише аз тафсири Ояти "Азкурунӣ, фазкурукум...".

*Қарни як вақт дар билоди аҷнабон,*
*Шахсе мезист аз қатори оқилон.*
*Ин қадар фаҳм, ин қадар илм дар бараш,*
*Ки ҳаме хонданд, ки мард шуд маҷнунаш.*
*Дар тавозун ризқи ноқис, ай рақиб,*
*Ҳам рафиқу ҳам нишона аз ҳасиб.*
*Лек намедид он даҳон аз лаҳму нон,*
*Шикамаш ғор, месуруд, медод ҷон.*
*Зери болин луқмае аз нони сахт,*
*Шуд ҳазорон мӯрчагонро бахту тахт.*
*Мебардошт, мисли Аюб, мӯрчаро,*
*Мемонд бар нону мехонд ӯ варо:*
*"Гар хӯрам ман парчаро аз баҳри худ,*
*Н-орад қувва бар танам, ай булвуҷуд.*
*Ман, ки носер монаму хӯрдан зи чист,*
*Пас, бигӯй, ай мӯрча, ин аз баҳри кист?!"*

Дар яке аз замонаҳо марде мезист басо фақирона. Худаш олим буд, худотарс. Дар хонааш аз ризқи хӯриш чизе набуд. Шикамаш носер, доимо овоз мебаровард. Лекин зери болишташ як бурда аз нони мағоркардаи кӯҳна ва сахт буд. Он бурдаро мӯрчагон аз хӯрдану бурдан рахнаву сӯрох карда буданд.

Ҳар гоҳ ки дилаш "нағоранавозӣ" мекард, он нонбурдаро мегирифт ва мӯрчаҳои гурезон аз онро аз фарш бардошта, болои он мемонд ва мегуфт, ки ӯ аз хӯрдани он нон баҳрае намегирад, пас, бигзор мӯрчаҳо онро хӯранд.

Яке аз мӯрчаҳо ба қуллаи бурдаи нони сахт баромад ва ба суоли он олиме, ки "ин ҳама баҳри кист?" чунин ҷавоб дод:

*Ай Сулаймон, розиқ аст ӯ, пас ато*
*Мерасонад ризқи кофӣ ҳар киро.*
*Айби ту дар он, ки хомӯш дар талаб,*
*Ҳиҷ наёрӣ эҳтиёҷро сӯйи лаб.*
*Самад аст ӯ, на туйӣ, инро бидон,** 
*Ин кибору ин ҷуҳулро пас бирон!*
*Гар дари ту аз ночор баста аст,*
*Боби матлаб аз назора хаста аст.*
*Гар сағирус-син наояд ҳиҷ ба дод,*
*Кай ба ӯ он модараш аз сина дод?!*
*Гар шутурро хоҳиши нӯшидан аст,*
*Сӯйи обҳо мекунад гардан ба паст.*
*Ту Худоро кумаке кун, то ки ӯ*
*Бар ту кумакро расонад, ай аду.*
*Ин қадар илм дориву аъмол куҷост?!*
*На пучоқ, бал мағз хӯрданҳо - равост!*

Бале, мӯрча он марди олимро таъкид намуд, ки Самад (бениёз, эҳтиёҷ бар чизе ва ё касе надошта) Худо аст, на инсон ва на дигар аз махлуқон. Ин ҳама ба Худо эҳтиёҷ доранд. Эҳтиёҷ, ки пайдо шуд, онро бояд аз Раззоқ талаб намуд, то ки вай эҳтиёҷотро барорад. * Дар Ояти 2, Сураи "Ихлос омадааст, ки: "Аллоҳус самад", яъне "Худо бениёз аст (эҳтиёҷ надорад)".

Пас, мӯрча ба олим тавсия дод, ки агар хоҳӣ, ки ба худ кумак кунӣ, ба Худо кумак кун (яъне, талаб кун), то ки Худо туро кумак кунад, яъне ба матлабат расонад.

Олим мулоқотро чунин давом дод:

*Ай доно, андак ист, Ҳақ носир аст,*
*Дар зот вай сомиъ асту босир аст.*

*Ман нагӯям ҳоли худ, самъаш хавол,*
*Лек, биност ӯ, пас чаро нодид зи ҳол?*
*Шарт аст, ки ҳол бинад, лек накард,*
*Бандаашро кумаке то лаб накард?!*

Яъне, Худои носир (кумакрасонанда) аст, сомиъ аст (яъне шунаванда) ва босир аст (яъне бинанда). Пас, марди оқил аз мӯрча пурсид, ки "агар Худо бинанда бошад, пас, чаро ин аҳволро дида истода, мунтазири талаб аст?"

Мӯрча чунин ҷавоб дод:

*Чашм надорад ӯ, лекин, босир аст,*
*Даст надорад ӯ, лекин носир аст.*
*Хосаи ақли бузургаш ин нишон,*
*Ки диҳад ҳар нотавонро ӯ тавон.*
*Ақли мо он қад ба иршод норасид,*
*Чашми мо нобин аст аз нопадид.*
*Дар маҳорат танг омад, дарк накард,*
*Ончи шубҳаовар аст, он тарк накард.*
*Лек ба ин сарбастагӣ фаррох намуд,*
*Роҳи нопайдоро бар мо вонамуд.*
*Дар баёни ин мисоли бас куҳан,*
*Мӯрча аз суқу тиҷорат кард сухан.*
*Гуфт бар ӯ: Дар бозор, пури мол,*
*На зи мол, балки зи тоҷир кун суол.*
*Соҳиби мол - тоҷир аст, на ки мавод,*
*Ин бувад бар ту зи аввал дарси савод.*

Бале, мӯрча ба он шахс гуфт, ки Худои бузург қодир аст ва қодирияти вай, тавоногии вай дар он, ки даст надошта - дастрас аст, пой надошта - рафтааст, чашм надошта - дидааст ва ҳоказо. Ва ин нишонаҳост аз бузургияти вай ва ақли инсон, гарчанд ғанӣ бошад ҳам, на ба таври кофӣ метавонад онро дарк намояд, ки дар офариниш инсон заъиф буд (аз Қуръон). Валекин ба ин мушкилиҳои ақлонӣ дар

фаҳмиши инсонӣ нигоҳ накарда, Худо боз ҳам корро барои бандааш осон намудааст.

Мисоли осоне, ки бо он мӯрча ба марди доно суханро ифтитоҳ намуд - аз бозору бозаргонӣ буд. Вай гуфт, ки вақти бозор рафтанат, ту бояд тоҷирро муайян намуда, бо ӯ савдо пеш барӣ, на бо мавод ва ё на бо шахси дигаре, ки соҳиби мол нест. Ва ин дарси аввал аст, яъне муштарӣ бояд суханро аввал гӯяд, ки ӯ эҳтиёҷот бар моли махсус дорад, на тоҷир.

*Пас, бидон, ки соҳиби амвол вай аст,*
*На ки дар мол ӯ фурўши чаканаст.*
*Ту, ки кардӣ аз воҳид эҳтиёҷ,*
*Вогушодӣ ин даҳон, орад хироҷ.*

Яъне, дарси дуввуме, ки мӯрча ба он шахс дод - он аст, ки Худо (дар мисоли тоҷир) - соҳиби як мол нест, балки ӯ хазинадори ҷамъи ашё аст ва ӯрост ҳама чиз. Пас, вақте ки аз тоҷир чизеро талаб карданӣ ҳастӣ, ту бояд донӣ, ки чи чизро дархост мекунӣ… Ин буд дарси дуввум.

*Дарси саввум, ай оқил, кун ту фаҳм,*
*То ки дар сина-т биҷунбад ақлу раҳм.*
*Бояд ин, ки дарк намоӣ он Худой,*
*Аз ману ту беҳ бидонад акси рой.*
*Гар тоқӣ ту харидорӣ кунӣ,*
*Танҳо аз тоқӣ суханҳо мебарӣ.*
*Лек ба рангу ченаку аз фусҳаҳо,*
*Он Худо дорад садҳо нусхаҳо.*
*Ӯ бидонад ин кадом як тоқӣ аст,*
*Беҳтару бештар, ба зебиш - боқӣ аст!*
*Сарфи наззор аз суханҳо ӯ хамӯш,*
*Ӯ барорад тоқиро, гӯяд "Бипӯш!".*

Яъне, дар дарси саввум мӯрча ба марди оқил гуфт, ки сарфи назар аз он, ки мисол, ту харидори тоқӣ бошӣ, ту бояд донӣ, ки тоҷир аз он намудҳои зиёде дорад ва

метавонад барои ту беҳтаринашро тавсия кунад. Ӯ, ки ҳар рӯз бо садҳо муштариён мислу ту сару кор дорад, аз зебишҳо, аз беҳтаринҳо хабардор аст ва ба ту аз беҳтарин мол пешкаш мекунад. Пас, Худо беҳтару бештар медонад!

*Аз адам зарби масал шуд андаке,*
*Гар наояд кӯҳ, равад шахс то кӯҳе.*
*Кӯҳ баланд аст, ҷуссааш орад зарар,*
*Гар биёяд наздикат, орад хатар.*
*Қиссаи Мусову матлаб аз лиқо,*
*Боз бихону пас ту бар он кӯҳ баро!*
*Ё бидон, ки аз хушуъи гуфтаҳо,*
*Гар бихонад кӯҳ барорад ӯ садо.*
*Аз биму тарс, ларза гирад, мекафад,*
*Бар фано сангрезаҳоро мебарад.*
*Ин бувад чорум аз дарсҳо сабақ,*
*Пас, бигардон ақлро аз нав варақ!*

Мӯрча дарсҳоро идома дод ва чорумин чизе, ки ӯ ба он шахс омӯзонид, ин буд, ки шахс бояд донад, ки ӯ чиро хоста истодааст, чӣ талаб мекунад ва оё хостайи ӯ ҷоиз аст, лозим аст, зарар ба худу атроф оё намеорад, охири ин ҳама чӣ мешуда бошад ва ҳоказо.

Ҳамчун мисол, мӯрча шахсро водор намуд, ки аз қиссаи Ҳазрати Мусо (а.с.), ки талаби дидани Худовандро дошт, ба ёд орад. Қисса кутаҳ, Худо Мусоро гуфт, ки агар маро дидани хоҳӣ, болои он кӯҳ баро. Ӯ баромад. Ҷилои рӯшанӣ дар ҳамвораи он кӯҳ пайдо шуд. Ин фақат нишонаи қарибии Худо буду халос. Аз рӯшании он, Мусо аз ҳуш рафт ва лиқои (рӯйи) худовандиро дар он ҳолаш дида натавонист. Ҳикмат дар он буд, ки агар Мусо (а.с.) аз дидани танҳо ҷилои худовандӣ аз ҳуш рафта бошад, пас чи тавр ӯ лиқои Худоро метавонад бинад? Ва ё аз дидани лиқои худовандӣ чи мақсад дошт Мусо? Дидан танҳо барои хотири дидан? Барои хотири сано гуфтан? Барои шукргузорӣ намудан?...

Ин ҳамаро, нодида кардан ҳам мумкин аст ва муттақин (парҳезгор, худотарс) он аст, ки нодида (бил ғайб) ба Худо имону бовар намудааст. (Сураи "Бақара", Ояти 3).

Ва ё, ҳикмати кӯҳҳо аз хондани суханони Худо, ки дар Қуръон сабт шудаанд, ки агар он китоб ба онҳо (ба кӯҳҳо) нозил мешуд ва агар кӯҳҳо онро хонда дарк намуда метавонистанд, аз тарсу таъкидҳои дар онҷо буда ва аз донистани охири кор, пора-пора мешуданд ва ба сароб мерафтанд. (Сураи "Ҳашр", Ояти 21).

Мӯрча тавсияро ба он шахс давом дод:

*Ай накӯмард, дарси шашум аз қадар,*
*Ҳамаро ченак бувад, дорӣ хабар?*
*Гар надорӣ ин хабар, инро бидон,*
*Аз "Бақар" ту ояти охир бихон!*
*Воҷибат нокард худоят он яке,*
*Ки надорӣ карданашро тоқате.*
*Нашавад коре, ки орад сад фиғон?*
*Кор шуду пас ту бимонӣ дар гумон?*
*Пас, бубин дар ҳоли худ сад роҳате,*
*Ин бувад бар он, ки орӣ тоқате!*
*Ризқу амвол, зурриёт ҳам санҷиш аст,*
*Ин хуфӣ сабрдодагонро роҳат аст.*
*Гар бихоҳад бандаашро ибтило,*
*Нуқс орад, мебарад бар сад бало.*
*Он, ки фаҳмид, шукр карду ҳамд бихонд,*
*Ин якеро аз латифаш ҳиҷ маронд!*
*Ин бигуфту мӯрча бозгашт қавми худ,*
*Ризқи худро аз ақибаш пас бибурд.*
*Алқисса марди оқил дар бараш,*
*Монд ҳикмат аз мӯрча ҳосилаш.*

Яъне, мӯрча ҳамчу дарси шашум ба мард гуфт, ки Худо туро ончи медиҳад, ки бардоштани он (тоқат) ба ту хос бошад, яъне зиёда аз он чизе, ки ту наметавонӣ бардошт,

Худо намедиҳад. (Сураи "Бақара", Ояти 286).

Инро гуфту таъкид бар он кард, ки шахс бояд донад, ки чизеро, ки ӯ талаб карда истодааст, онро оё қувваи тоқат намудан дошта бошад ё на?

Пас, идома намуд, ки дар аҳволи имрӯзаи он шахс сирре ҳаст, ки тасодуф нест, яъне, таъкид бар он намуд, ки Худо бандагони дӯстдораашро бо камиҳо дар ризқу мол, саломатӣ ва ҳоказо месанҷад. Он, ки инро дарк мекунад ва сарфи назар аз ин мушкилиҳо сабр мекунад, худопарастӣ мекунад, шукргузорӣ мекунад, Худо ӯро ҳеҷ гоҳ аз бараш дур намекунад, ингунаҳоро Худо дӯст медорад.

*Пас, бародар, ин ҳама ёдаш бикун,*
*Сӯйи Муҷиб даст барор, фарёд бикун.*
*"Фазкуруни, азкурукум" гуфтааст,**
*Самъи худро интизорат кардааст.*
*На навму на синатро ӯ гирад,*
*Бар раҳат чашмони худро мебарад.*
*Интизори ёди туст, ай бевафо,*
*Ин Худои муқтадир, лабро кушо!*
*Гар накардӣ ёд аз ӯ, пас ту чаро,*
*Интизорӣ мекашӣ ёд аз Худо?*
*Қарсаки даст аз ду даст ояд, бубин,*
*Дасти рост болойи чап ояд яқин.*
*Гар нашуд майл аз яке то дигаре,*
*Зарб махӯрду он садо н-ояд ҳаме.*
*Он, ки мезад дигареро такя кард,*
*Гар намебуд такягоҳаш, гиря кард.*
*Ту, ки акнун бас дуоҳо мекунӣ,*
*Пас, бубин, ки дар тавакалҳо чунӣ?*
*Кун дуову, кун таваккал бар Худо,*
*Пас, бидав, кӯшиш бикун, сӯяш баро!*

*Фазкуруни, азкурукум… (аз Оятҳои Қуръонӣ, "Пас, дар ёд дошта бошед маро, то дар ёд дошта бошам шуморо").

## Ҳикояи шахсе, ки бо Малак-ул-мавт саҳаргоҳ талоши умр кард ва ҷавоби муқарраб аз Ояти "... зоиқат-ул-мавт..." ва тобиши дигаре аз тафсири Ояти "... ва аҳлакно мин қаблаҳум..." дар қурун.

*Рӯзе аз рӯзҳо пас аз бомдоди ноз,*
*Обиде омад малакро чину ғоз.*
*Худ бигӯям байни ношмард афсарон,*
*Шуҳраташ омад малакро қабзи ҷон.*
*Ҳар яке донад, ки тӯли ин ҳаёт,*
*Ҷуз паёми нохуш орад ӯ барот.*
*Ҷоиз аст гуфтан, ки баҳри ҷонбарӣ,*
*Ӯ нахуст ояд ба наздат, ай парӣ.*
*Қобиз аст ӯ дар лақаб, лек баҳри кор,*
*Меши ромро оварад ӯ пойи дор.*
*Гар яке ҷонро кашад аз қолибаш,*
*Дигаре орад, диҳад бар соҳибаш.*
*Қисса кутаҳ, баҳри ҷони ин муқим,*
*Омаданд ҳарду зи дуриҳо яқин.*
*Шахси ночор ин бифаҳмид, ки ахир,*
*Умр поён омадасту нест ҳиҷ таъхир.*
*Дар талоши умри зойид аҳд бибаст,*
*Бо муқарраб шуд гиребон бо ду даст.*

Малак-ул-мавт, ё худ, Қобиз (қабзкунандаи ҷонҳо) ва ё худ Азроил - аз фариштагони муқарраб (наздик) аст. Масъул ва муаззафи қабзи ҷон, вақте ки аҷал (вақт) расид ва бозгардонандаи амонат (ҷон) ба Офаридгор аст. Дар ин кор Худо баҳри вай "мавт"-ро (маргро) офаридааст ва ба Азроил

ром намудааст. Ҳарду дар ин кор шомиланд, яке ҷон меситонад, дигаре - мебарад. Ҳамагӣ, тӯли ҳаёт, ин яке бори нахуст, аввалу охир, гӯянд меояд. Ҳар ки вохӯрд, пас гумон аз охир омадани ҳаёташ фикр мекунад.

Ин як рӯзе, баъди намози бомдод ба назди як обиде омад. Обид дарк намуд, ки вақт ба охир расидааст, валекин, хело ҳам мехост, ки камтаре аз вақти зиёда ба вай диҳанд. Дар ин кор, ӯ талош ва савдоро ифтитоҳ намуд.

*Лек чизеро нақл кунам ман қабл аз ин,*
*То бимонанд муқриён аз нақл матин.*
*Қабли рӯйбинони ақдас аз чаман,*
*Чор фаришта бохта буданд анҷуман.*
*Ин чаҳоргон пеш аз қобиз омаданд,*
*То суоли он муҳолро дарс диҳанд.*
*Вақти назмаш шахс пурсид аз яке,*
*То диҳад аз ҳабл хардол андаке.*
*Муттассиф гашт он малак, китфон барошт,*
*Лек аз нонрезаҳо шахсро надошт.*
*Дар маротиб чор бор гаштам замин,*
*Лек бароят ризқ намондаст, ай амин.*
*Аз дигар нурӣ талаб кард қатра об,*
*То ки дар назм он ҷигарҳо шуд кабоб.*
*Мар даҳону мар гулӯяш, синааш,*
*Хушк шуданду оташи гарм дар рухаш.*
*Он яке ҳам дар ҷавоби ин талаб,*
*Лол шуду ҳиҷ надошт, к-орад ба лаб.*
*Ман ҳам ин водиро чор бор парид,*
*Лек бароят чашми ман обҳо надид.*
*Чун кунам анҳору баҳрҳо рафт сароб?!*
*В-ар намехостанд диҳанд як қатра об.*
*Ин дам он шахс рӯ ба саввумин бикард,*
*Он, ки вақтро соҳибӣ кард дар набард.*

*Гуфт, ки як дам зоиди вақтам бикун,*
*То кунам аз ин ҷаҳон дидан фузун.*
*То, ки аз фарзандҳо чашм сер кунам,*
*Меҳри худро вопасон ман ҷой кунам.*
*То тавонам ман бигӯям кулли ом,*
*То ҷаҳонро дил мабанданд ин мугом.*
*Ҳосили дунё набудаст ранҷу ғам,*
*Ҳиҷ яке аз он намеарзад дирам.*
*То бигӯям з-ин фақиру з-ин шаҳе,*
*Ҳамаро пас интизор як ҳолате.*
*То бикушанд баҳри ин дам зистанӣ,*
*Бо худ созанд мояи нек бурданӣ!*
*Лекин ин ҳам баҳри ин марди яқин,*
*Ҳиҷ надошт то ки бигӯяд вопасин.*
*Гуфт, ки ин дам бори чорум аз фалак,*
*Гашту омад, лек наёфт аз вақт дарак.*
*Ҳиҷ намондаст аз авқот сония,*
*Ки кунад таъхиру тақдир монеъа.*
*Дид, ки аз ин ҳам наомад чорае,*
*Рӯй ба чорум кард он бечорае.*
*Пурсид аз як дам нафасро у иҷоз,*
*То ки руҳу он баданро шуд миҷоз.*
*Лек аз вай ҳам наомад ҳиҷ садо,*
*Нест он дам бар ту зоид, ай фато.*

Пеш аз вохӯрӣ бо Малак-ул-мавт, вақти назми ҳолаш, назди ӯ чаҳор фаришта омаданд. Ҳар яке аз онҳо масъули омилҳое, ки барои зистани комили инсон заруранд, буданд. Валекин сарфи назар аз дархостҳои он шахс, ҳар яке аз онҳо ҷавоб медод, ки "чаҳор маротиба заминро давр задам, лекин, ягон қатраи изофа бароят намондааст" мегуфт. Таъкид бар он менамуданд, ки аз ризқу вақт чизе намондааст, ки он мард изофа чашида тавонад.

Пас, мард чунин ба онҳо гуфт:

*Чашми матлаб шуд носер аз ҷавоб,*
*Мебурд он ақлу ҳушашро изтироб.*
*Домани дархосташ пуч монда буд,*
*Аз ҷаҳони ҳаввосҳо ронда шуд.*
*Пас, алам омад, бипурсид вораро,*
*Аз кадомин сӯй ҷӯяд чораро?!*
*Гар чашанда нест ӯ аз ину он,*
*Аз чӣ чиз пас ӯ чашад охир аз он?*

Яъне, аз ину он чизҳое, ки ӯ пурсид, гар насиби чашидан набошад, пас чӣ чизи охир аст, ки ӯ метавонист чашад? Ва он фариштаҳо чунин ҷавоб доданд:

*Он чизи охир, ки охир мечашӣ,*
*Бешак он марг аст, бидон ту, ай ахӣ!*
*Куллу нафсин зоиқи марг будааст,**
*Ин ягона чиз, ки махлуқ каф задаст.*
*Ин бигуфтанду бирафтанд он ҳама,*
*Қобиз омад бо тамоми дамдама.*

*Бале, чи тавре ки дар Қуръон омадааст, "Куллу нафсин зоиқат-ул-мавт...", яъне, "Ҳар ҷондор лоиқи чашидани (чашандаи) марг аст" ва ин чизест, ки тамоми махлуқон охир бояд чашанд. Ин ҳам ризқ аст, ин ҳам тақдир аст.

*Аввал Қобиз гуфт салому пас дуруд,*
*Мерасонад бар ту он Ҳаққ-ул-Вуҷуд.*
*Пас, муаззаф аз ахбор ҳомилам,*
*Бар ирсоли суханҳош шомилам.*
*Гар дидӣ симои ман наздат қариб,*
*Пас, бидон, ки аҷалат қоим, ай рақиб.*
*Дар сафин(а)и роҳилон киштибон манам,*
*Ман туро имрӯз бо худ мебарам!*

Пас, баъд аз рафтани он малоикаҳои ризқ, навбат ба

мулоқоти Малак-ул-мавт расид. Омад, салому дуруд ва паёми Ҳақро (субҳонаҳу ва таъоло) ба шахс расонид ва гуфт, ки гар шахс Азроилро бубинад, пас бояд бидонад, ки вақт омадааст, ки аз ҷаҳон риҳлат намояд. Ва қабз намудани ҷонҳо ва бурдани он бо худ аз вазифаи он фаришта аст.

Шахс инро дарк намуд, пас чунин гуфт:

*Ҷон ширин аст, мурдан - талху бим,*
*Пас, маро чи чиз ояд пеш, ҳарим?*
*Вақти мурдан ҷон канам аз мушкилӣ,*
*Ончи бо худ, пас ту осон мебарӣ…*
*Ман натарсам он бақо рафтан ба он,*
*Меҳаросам аз ҷон додан дар он.*
*Ман надонам ҷони манро чун канӣ,*
*Мекушанд дарду фиғонҳо, ай санӣ.*

Яъне, мард рафтанро аз ин ҷаҳон ба Дор-ул-бақо қабул намуд, валекин ба Азроил гуфт, ки ман на аз рафтан метарсам, балки аз ҷон додан, ки надонам ки ту чи тавр онро аз ман меканӣ. Ман аз дарди ҷон додан метарсам.

Азроил лутф намуду, гуфт:

*Ҷонканиву ҷон додан ду чиз аст,*
*Додан осон, кандани он мушкил аст!*
*Баҳри инсон меҳрубониҳо кунад,*
*Бо ҳазорон ҷаннаташ ҳуш мебарад.*
*Гар чашидӣ маъниро аз ҷоми ӯ,*
*Қиссаи Иброҳиму корду аду.*
*Гар Халилро амр кард, ки банду бур,*
*Сад ҳазор амр кард кордро, ки "Мабур!"*
*Мавти ман корд аст, амрам - кандан аст,*
*То ки ҷонро кандаву биспурдан аст.*
*Лек ба ҳар ҳол Он худойи меҳрубон,*
*Мекунад сад ихтилофҳо байнамон.*

Малак-ул-мавт ба мард гуфт, ки байни ҷон додани инсон

ва ё махлуқе ва ҷон кандан аз тарафи Малак-ул-мавт, ин ду чиз аст. Инсонро, ки Худо дӯст медорад, вақти ҷон додан бо сад роҳҳо ҳушашро мегирад, то ки ҷон доданро ҳис накунад. Пас, ӯ танбеҳ ба қиссаи Иброҳим (а.с.) ва Исмоил (а.с.) намуда, гуфт, ки Худое, ки ба Иброҳим забҳро (куштанро, буриданро, қурбонӣ намуданро) амр намуд, ба корд, бидуни Халилаш (ба ӯ нагуфта) садҳо маротиба амру таъкид намуд, то ки мабурад. Яъне, гуфтанӣ буд, ки сарфи назар аз он, ки Азроилро "бикан" мегӯяд, мавти ромшударо амр мекунад, ки "сахт магир"...

Пас, каме аз тарс фароғӣ ёфт он шахс ва Малак-ул-мавтро пурсид:

*Гар матарсам ҷондиҳиро, аз чи аст,*
*Ин такопӯ, ин ҳаросам, пас чӣ аст?*
*Он малак лутф карду аз сир лаб гушод,*
*То расонад ақли шахсро бар рашод.*
*Мар нахуст аст мурдани шахс, пас матарс,*
*На зи мурдан, бал зи аҷру азб битарс!*
*Ҳиҷ макун фикр аз кори кардаат,*
*Фикр бикун аз мероси мондаат.*
*Ончи кардӣ, кардайӣ, оқиб наяст,*
*Ончи аз кирдор мондаст, он вай аст!*
*Мактуб аст "...ма қаддаму", "...осороҳум"**
*Нақши зебо, нақши зишт "...аҳсойнаҳум"***

Яъне, пурсид, ки агар мурдан як лаҳза бошаду дар он азобе нест, пас чӣ ҳолат аст, ки ботини инсонро тарсу ларза паст намеояд? Азроил ҷавоб дод ва каме аз сирри он бигуфт, ки ҷондор ҳамагӣ як маротиба мемирад ва аз он набояд тарсад. Вале ӯ бояд аз он тарсад, ки чи чиз ӯро баъд аз мурдан интизор аст. Ва он интизориҳо бояд аз он бароянд, ки чи чизро шахс дар ин дунё кардаасту ва кардааш чӣ асар (осоре) аз худ гузоштааст, ки ин ҳама навишта мешавад ва аҷру подошаш аз он мешавад. (*Сураи "Ёсин", Ояти 12, **

(… аҳсойнаҳу (муҳит гирифта мешавад))). Ва маҳз аз ин бояд тарсад, на аз мурдан, ки ҷон додан асту халос…

*Замми ин ту дон, ки холид дар ҷаҳон,*
*Мар намемонад зи ҳиҷ ин ҷисму ҷон.*
*"Аҳлакно…" гуфтааст "… мин қаблаҳум"*
*Пас, чаро ишон "…қалилан таъқилун"?*

Баъдан, Малак-ул-мавт ба шахс бигуфт, ки ягон ҷондоре нест, ки холид (ҷовидон) зинда монад. Ҳама мемиранд ва ин аст тақдир ва қазо ва аз ояти Қуръонӣ "… аҳлакно мин қаблаҳум…", яъне ҳалок гардонидем (миронидем онҳоеро, ки пеш аз инҳо (ишон) буданд), гуфт ва таъкидона пурсид, ки чаро пас онҳо "каме ақл мекунанд" аз он? Яъне, гуфт, ки агар онҳоеро, ки пеш аз шумо буданд Худо миронида бошад, пас, чаро шумо фикр мекунед, ки шуморо намемиронида бошад? Ин нишона аст аз он чи, ки буд, ҳаст ва монад.

*Ту кунун, ки сирри инро фаҳмидӣ,*
*Пас, чаро аз фавту рафтан мерамӣ?*
*Мар расо шуд ақлу биниш аз фавот,*
*Фаҳм кардӣ аз чи оям ман барот?*
*Ин бигуфту амри Ҳақ иҷро намуд,*
*Ҷон биканду ҷон бибурду ҷон супурд!*
*Ай бародар, пас, талошҳо баҳри чист?*
*Ин гурехтанҳову мондан баҳри кист?*
*Ҷон - қарз аст, бар амонат додааст,*
*Пас, чаро гардондани он мушкил аст?*
*Мурдан мерос аст, то мо мурдаанд,*
*Мар ҳазорон ин ҷаҳон тарк кардаанд.*
*Вақт, ки омад, пас мо ҳам меравем,*
*Бо худ он осори мерос мебарем.*
*Пас, биёянд нав ҳазорон аз ақиб,*
*Ин тақдир аст, қазо аст, ай рақиб!*

**Ҳикояи марди Ҷоҳиле, ки дар ҷамоъат "Аллоҳу акбар!" гӯён дод мезад, валекин аз андозаи аслии бузургии Худо, каме тасаввурот надошт ва ё тобише аз тафсири Ояти "... ва минан носи ман юҷодилу биллаҳи биғайри илмин ва ло ҳудан ва ло китобин мунир" ва ташбеҳи ин ашхос бо савти ҳамир, ки дар Ояти "... инна анкарол асвоти ласавтун ҳамир" омадааст.**

*Қавли маъруф мақсади ин қисса аст,*
*На ба зӯр, ки аз нишони ҷоҳил аст.*
*Илм доштан, фикр намудан, пас, сухан,*
*Мебояд дошту гуфтан аз куҳан.*
*Илми кофӣ, фикри солим, кӯтаҳӣ,*
*Мекунад ҳар як суханро гавҳарӣ.*
*Илм надорӣ, фикри хомат, "шаф, шаф"-ат,*
*Муқтадиро сӯйи сад ҷар мебарад.*
*Бераҳу сархӯру суйи ҳар бало,*
*Он, ки бурд мардуму кардаш ибтило.*
*Гар китобу он ҳудову дошта илм,*
*Мебаровард эҳтиёҷро ӯ зи ҳилм.*
*Пас, биёед дар мисоли ин яке,*
*Гуфта бошем аз суханҳо андаке.*
*Оиди мард нест қисса, ин хатост,*
*Дидани маънӣ зи ҷоҳилӣ равост.*
*Дар ҷамоъат вақти маҷлис ҳар даме,*
*Мебаровард савти ҳомир ҷоҳиле.*
*Ҳар гаҳе гар пешвояш луқма дод,*

*Он мард ин дам меомад ба дод.*
*Бо забону он гулӯву савту рад,*
*Мехарошид гӯшу ҳолро сад ба сад.*
*Дар миёну, дар сару, дар охираш,*
*Меҷаҳиду дод мезад, менишаст.*
*Он, ки дорад нуқс дар илм, ноқис аст,*
*Ноқисӣ дар фаҳму рафтор боқӣ аст.*
*Ӯ, ки буд кутаҳ дар илм, нест фаҳим,*
*Мар чунинро магфират кун, ай Раҳим!*
*Гар зи "анкар" илм медошт он шаҳир,*
*Розӣ мешуд бозии нақши "ҳамир"?*
*Қосиди рафтор мешуд он даме,*
*Дар лафзаш пасту дар қавл кутаҳе.*
*Одоб аст: сад донист як бигуфт,*
*На ки донад он якеву сад бигуфт!*
*Дар сухан кутаҳ маҳорат будааст,*
*Тарки фачҳо бас таҳорат будааст.*
*Гуфтани "шаф..." гар зи мақсад олу буд,*
*Пас ҳама "шаф..." гуфтанат баҳри чи буд?*
*Вақт масраф, гӯш масраф, ноҳилол*
*В-он сухан аз ҷоҳилон гардад малол.*

Маҳорати сухан гуфтан аз мақсади мост. Қисса оиди ҷоҳилӣ (нодонӣ), ки дар асоси надоштани илми кофӣ бармехезад. Мутаассифона, ҳастанд ашхосе, ки сарфи ин ҳама, аз суханҳои олӣ ҳуруф мезананд, валекин, аз маънии аслии ин ё он гуфтаашон, ё каме илм доранд ва ё тамоман - надоранд. Ин гуна ашхос дигаронро "ба ҷарӣ" тела мекунанд ва худашон ҳам ба ин дом мефароянд.

Инсон бояд нисбати мавъизааш илми хоса, амиқ ва кофӣ дошта бошад, то ки ба мақсад гап занад, ҳосил аз гуфтаҳо бардорад. Дуввумин чизе, баъд аз доштани илм - ин албатта фикр намудан аст, яъне "сад маротиба фикр намуда" баъд гуфтан аст. Нашояд чизеро гӯяд, ки малоли шахс гардад ва

ӯро ибтило ба ҳар балое кунад. Саввумин, ин вақти гуфтан кӯтаҳ, мақсаднок, фаҳмо ва дастрас бошад, то ки на ҳама дорои ақли баробар аст, мисли муаллиме, ки бояд бо "забони бача" сухан гӯяд, то ки дигаре фаҳмад, дарс гирад. Ва вақти бaромадҳо дар анҷуман, мавъизагӯй ба чашмони шунавандагон нигарад ва аз ҳоли онҳо бохабар бошад, то сухан гарону малолатомез нагардад. Ва дигаре, оиди одоби сухан гуфтан - ин воизист, ки савту мароми суханро муайян месозад.

Дар мисоли ин ҳама, қиссаи марде, ки илм надошту ҳар гаҳе дар анҷуман вақти сухан гуфтани мавъизагӯй, аз ҷояш мехесту баланд "Аллоҳу акбар" гӯён менишаст ва бо ин ҳама ҳуши шунавандагонро мебурд, ба дарк намудани он суханҳо халал мерасонд.

Дар одоби сухан гуфтан, аз Сураи "Луқмон" басо нишонаҳо ва гуфтаҳои олимақоми Худо оварда шудааст. Махсусан, аз Ояти 19, ки онҷо таъкид бар шахсест, ки вақти сухан гуфтан дод мезанад, баланду гӯшхарош ҳарф мекунад, ба "овози хар" баробар кардааст, ки ин аз "анкарал асват", яъне аз савтҳои инкоршаванда, номақбул ҳисобида мешавад. Ва Худои мутаъол гӯяндаро амр мекунад, ки вақти гуфтан байни омма, қосидӣ (миёнарӯйӣ) кунад, яъне бо ҳама баробар бошад, ба ҳама баробар гап занад ва баробар рафтор кунад. Пас, "... вағзуз мин савтик" мегӯяд, яъне вақти сухан гуфтан овозатро паст кун, мегӯяд. "Паст" на дар мазмуни пичирос задан, то ки на ҳама аз он бохабар шаванд, балки ба мазмуни миёна овоз баровардан аст, на баланду гӯшхарош.

*Ҳар даме дод зад, ки "Аллоҳ акбар!" аст,*
*Лек бар асли ҳол таъаммул нектар аст.*
*Гар медошт он яке илм дар вуҷуд,*
*Мекард бар ивази як сад суҷуд.*
*Аввал ҳамл аст, пас, зойиш, ай бино,*
*На ки гуфтор, пас афкор, ай амо.*

*Акси кораш бо шамол ояд ақиб,*
*Он, ки мезид бар доман гашта дид!*
*Гар туфе кардӣ мухолиф самти бод,*
*Гашта орад бар даҳонат чангу хок.*
*Бо самташ як бошу кун амал,*
*То ба мисли занбӯр орӣ асал.*
*Гар ба ташбеҳ самт вазни илм гирифт,*
*Дарнамонад дар ҳаводис кулл шигифт.*
*Ҷадли як чиз гайри илм инкорӣ аст,**
*Дида дар роҳ, бар раҳаш хоркорӣ аст.*
*Ворисони ҷаҳлро ҳабл аз масад,***
*Дар Қиёмат ҳамчу туҳфа мерасад.*
*Гар зи амри аввалин "Иқраъ!", ки шуд,*
*Пас, маънӣ "…бил қалам"-ҳо аз чӣ буд?****
*Ӯ қасам хурд аз "Нун"-у аз "Қалам",*
*Ин ҳама, пас, аз чӣ устурд, ай салам?*****
*Ай гофил, шод бош гар фаҳмидӣ,*
*Ин илм аст, ки ту аз он мерамӣ!*
*Пас, бирав ту суйи мактаб, тез бош,*
*Илм андӯз, пас амал кун, шод бош!*
*Гар надонӣ ту чизеро, ҷадл макун,*
*Худдор бош дар мубоҳис, ҳазл макун.*
*Сокит будан ҷойи ҷадлат нектар аст,*
*Хап будан, гӯш намудан беҳтар аст!*
*Сад агар донӣ, ба ҳар ҳол, гӯш кун,*
*Шояд он як нав зи сад ояд бурун.*
*Шояд дар он сад, ки донӣ беҳтаре,*
*Буд он як аз дурахшон ахтаре?!*

Яъне, он чизе, ки фикр карда ё нокарда шахс мегӯяд, ҳатман натиҷаҳо меорад. Беҳтараш он аст, ки пеш аз гуфтан фикр намояд, санҷад ва пас гӯяд. Барои ин бошад, доштани илми кофӣ зарур аст, вагарна сухани носанҷида ва бидуни

донистанӣ (илм) зада, метавонад гашта бар "рӯйи" он шахс чангу хокро биёрад.

Пас, дониста гап задан, яъне, илм нисбати чизе доштан ва дар асоси он илм гап задан, дуруст аст. *Аз тафсири Ояте аз Сураи "Луқмон" бармеояд, ки ҳастанд ашхосе, ки бидуни илм оиди Худо ва коре гап мезананд ва ин нодуруст аст ва инсон бояд ба василаи ҳидоят (роҳнамойӣ) ва китоб (навиштаҷот), яъне дар асоси ин ду чиз бояд амал кунад, ки асоси илм аст.

**Абӯҷаҳл (тарҷума: Падари ҷаҳл, нодонӣ, нодон) ва ҳамсараш, ки аз нодонӣ, ки бухл, ҳасад, рашку адоватро ба миён меорад, дар роҳи Паёмбарамон (с.а.в.) хорҳо мекоштанд ва ононро, ба ваъдаи Худо, Рӯзи Қиёмат бар гарданашон ресмоне (арғамчине) аз лифи хурмо (масад) баста мешавад ва шармандавор ба дӯзах дароварда мешаванд.

***Аввалин сухане, ки ба Муҳаммад (с.а.в.) Худо фармуда (гуфта) буд, ин "Иқраъ!" аст, яъне амр ба хондан (Бихон!) кардааст. Валекин барои хондан, шахс бояд соҳиби илм бошад ва илм, чи тавре ки дар ояти пасоянда зикр шудааст "Аллазӣ аллама бил қалам", яъне, "Он Худое, ки омӯзонид инсонро ба василаи "қалам"" аст. Аз ин бармеояд, ки "қалам" нишона ва сабаби илм аст, таъкид ба илм андӯхтан аст.

****Ё ки худ, дар Сураи "Нун" омадааст, ки Худо бо Нун қасам хурда истода мегӯяд, "Вал қалами ва мо ястурун", яъне, қасамро пас бо "Қалам" идома медиҳад ва бо он чизе, ки қалам сохтааст (навиштааст, месутурад). Бояд зикр намуд, ки он аксари ҳаводисе, ки Худо бо онҳо дар Қуръон қасам ёд мекунад, хело аҳамияти бузург ва нодир дорад барои Худову бандагонаш. Ва агар Худо бо "Қалам" қасам хӯрда бошад, шахсе метавонад тасаввур кунад, ки илм андӯхтан чи қадар аҳамияти бузурге доштааст?

Яъне, асоси ҳама кор - илм аст. Инсон бояд илм андӯзад, ки аввал амри Худо аст дар он, баъд, ин раҳойӣ аст барои инсон аз торикиҳо ба сӯйи ояндаи дурахшон. Пас, одоб дар

он аст, ки аввал дониста, пас бояд гуфтан. Донӣ ҳам, ҳаракат куну бисёртар гӯш андоз, то ки аз надонистаҳо бидонӣ. Саввум, дар ҷидол (суҳбат намудан) тез мабош, ҳазл макун, ҳушёр бош.

*Андар ин як анҷуман аз бандагон,*
*Менишасту гӯш медод бар имом.*
*Лек хаёлаш шуд пароканда зи он,*
*Ки баровард он суханро бо гумон.*
*Не, не, ки шуд ҳаром бар муъминон,*
*Додани изо ба назди ҳамагон.*
*Интизор гашт, то ки имом дар бипушт,*
*Пас, ба сӯяш майл намуд он хорпушт.*
*Мисли мӯрон савти нашунд дошта буд,*
*Мисли морон чашми гӯё карда буд.*
*Бо сипосу бо дуруду лаҳни нарм,*
*Дод савол, ки ҷоҳилро овард ба шарм.*
*Хуб шуд, ки назди онҳо шахси се,*
*Ёр нашуд онҳоро дар баҳс андаке.*
*Ингуна ҷадл, хуб шуд, ки як ба як,*
*Он ду, бе се, мезананд дар он варақ!*
*Пас, бигуй ту бо сазоворон сухан,*
*На малол ор бар ҳазорон дар чаман.*

Байни он шунавандагони мавъиза, шахсони бо илму маърифат ҳам буданд ва сарфи назар аз он, ки аз имом ё шахси дигар беҳтару бештар медонистанд, хап нишаста, гӯш меандохтанд, халал намерасониданд.

Лекин, додзаниҳои халаловари он шахс ҳуши ҳамаро гирифт. Он яке аз мардони неки баилм интизор гашт, то мавъиза ба охир расид ва вақти рафтан, берун баромад тезу бе овоз (мисли хорпушт) назди он ҷоҳил омад. Бо овози паст ва амали тез (мисли мӯрон) ва чашмони гӯёи морона, ки шаффофу поканд, ба ҷоҳил нигаристу суханро ифтитоҳ намуд.

Одоби он марди нек дар он буд, ки ӯ назди ҳама ҷоҳилро шарманда накард. Баромад ва наздаш омад ва танҳо бо ӯ гап зад. Ва дар сухан гуфтан, амиқ буду савти миёна дошт ва ба ҷанг моилӣ намекард.

Пас, ӯ чунин саволро ба ҷоҳил дод:

*Ай бародар, аз кибор гап мезанӣ,*
*Ҳуши ҳама бар гумонҳо мебарӣ.*
*Дод занӣ "акбар" Худоро назди мо,*
*Пас, биёр аз он нишона баҳри мо!*
*Он сару кор бо кӣ дорем, чиз кунем?*
*Чист "акбар"? Аз чӣ мо тамйиз кунем?*
*Чиз гӯем, ки барорад эҳтиёҷ?*
*Чӣ кунем, ки баҳри мо орад хироҷ?*
*Аз бузургиш, ки шаҳодат медиҳӣ,*
*Гӯй марову кун халос аз бераҳӣ!*

Албатта, ин суханон барои шахсе, ки дод мезаду халал мерасонд, аҷоиб намуд. Бо тамоми ихтиёраш тайёр буд, ки ин суолро ҷавоб диҳад, фикр намуд, ки илми кифоя дорад ва лоиқи ин ҷавоб аст. Пас, ӯ чунин гуфт:

*Ай ситезаҷӯ, ҷавобам ҳозир аст,*
*Ақлу ёдам хидмати ҳар соил аст.*
*Нозирӣ дар хунам ҳасту ман бар он,*
*Мисли шамсе бар замин нур мефишон.*
*Ту дарак дорӣ зи акбар хислате,*
*Ки надорад ҳиҷ ягон аз маслаке?*
*Мундариҷ гаштаст ин исм дар варақ,*
*То зи асмо сад ҳазор гиранд сабақ!*

Аз шунавидани оне, ки "Акбар" аз исмҳои зебойи Худованд аст, шунаванда каме эътироз намуд ва ба суоли он шахс чунин ҷавоб дод:

*Ончи донам дар хати ҳуснойи ӯ,*
*Нест "акбар", ҳаст ду асмо, ай аду.*

*Ӯст кабиру донову муттаъол,**
*Ӯст бузургвору ба кораш бас фаъол.***
*Дар рукуву дар суҷуду дар дуъо,*
*Мекунад лаб бо "акбар" сад нидо.*
*Гар зи "акбар" холис аст сабти сифот,*
*Пас, чи мазмун мекунад "Аъроф" барот?*
*Аз саду ҳаштод зи он Сура бубин,****
*Чун бигардад дарс зи асмо, ай мубин.*
*Пас, бигӯй, ки вақти рафтан бар суҷуд,*
*Ту тасаввур аз чӣ дорӣ дар вуҷуд?*

Бале, дар "Асмоъ-ал-ҳусно" наваду нуҳ исми муборакиХудованд мавҷуд аст, ва дар он "Акбар" нест, балки ду номҳое ҳастанд, ки решаи ин калимаро (акбарро) ва мазмуни онро муайян месозанд ва он ҳам бошад: Мутакаббир ва Кабир.

Мутакаббир - ба маънии ҳақиқатан бузургу дорои бузургӣ ва нишонаи бузургият омадааст. Худойи бузургвор ва "Кибриё" ҳам аз ин реша аст. Кабир бошад - дараҷаи мутлақро ба бузургият мебахшад, яъне бисёр бузургу бисёр баландмартаба аст Худо.

Калимаи "акбар" бошад - дар салоту дуо бештар истифода мешавад, "Аллоҳу акбар" гуён мусаллӣ ба рукуву суҷуд меравад, даст ба хатму дуъо мекунад. Ин ҳам тарзи иқрор намудани бузургияти Худо аст. Валекин, аҳамият дода бошед, дар ин ибора калимаи "акбар" бо яке аз номҳои аслии Худо, яъне "Аллоҳ" (маъбуд), омадааст. Яъне хислати Аллоҳро муайян мекунад - "Худо бузург аст"-ро иқрор мекунад. Дар алоҳидагӣ бошад, калимаи "акбар" намеояд, валекин "Мутакаббир" ва ё "Кабир" меоянд.

Ба ҳар ҳол, шунаванда он шахсро даъват намуд, ки гарчи дар Сураи "Аъроф" Ояти 180 Худо инсонро хабар медиҳад, ки Худо дорои номҳои зебо аст ва ӯро, пас, бо он номҳо бояд бихонд, талаб намуд, роз гуфт, пас метавонад шахсе "Ё Акбар…!" гӯяд? Пас, изофа намуд, ки шахс вақти "Аллоҳу

акбар" гуфтанаш вақти салоту дуо, Худоро чи тавр тасаввур мекунад? Чиро эҳсос мекунад?

*Сураи "Раъд", Ояти 9.

**Сураи "Ҳашр", Ояти 23, **Фаъол - Сураи "Буруҷ", Ояти 16.

Ҷавобдиҳанда чунин аз тасаввуроти худ баён намуд:

*Ростӣ, вақти гуфтани "акбар" зи ман,*
*Ҳиҷ эҳсос бар дилам н-ояд, фитан.*
*Ончи бобом карда буд, онро кунам,*
*Шояд он, ки ман зи гуфта аҷр барам?!*
*Тақлиди ман аз ҳазорон кардагон,*
*Фарқ надорад, мисли карда дар замон.*
*Ончи гуфтанд, ман ҳамон иқрор кунам,*
*Ончи карданд, ман ҳамон такрор кунам.*

Шунаванда чунин гуфт:

*Мақсадам ин нест, ки шармсорат кунам,*
*Балки суйи канзи маъноҳо барам.*
*Гар биёфтӣ дар суханҳом издиҳом,*
*Пас, бигӯй аз он чӣ фаҳмӣ, ту баром.*
*Гуфтани "акбар" Худоро ҷоиз аст,*
*Ҳиҷ айбе нест, бал он фоиз аст.*
*Лек, ба ҳар ҳол, истиво нест байнашон,**
*Мар басиру он, ки нодид чашмашон.*
*Он, ки дар ҳарф бинад аз маъно яқин,*
*Шуд баробар олимонро дар қарин.*
*Он, ки нодид маъниро дар ҳарфаке,*
*Монд зи ақлу аз савобаш андаке.*
*Набарад гар аз сухан ҳиҷ ҳикмате,*
*Мисли хирс аст, ки барорад хидмате.*
*Ҳар амал аз ин бароянд, пас, хисор,*
*Аз сари нав оварад вазнро ба бор.*

*Ин бигуфту узри худро пеша кард,*
*Ҳар гумону ҳар аламро реша кард.*
*Ояти 5, Сураи "Моун" чӣ гуфт?*
*Он, чӣ сир аст, ки Худо онҷо нуҳуфт?***
*Бар мусаллӣ вой хондаст, пас варо,*
*Хондан асту пас надонад маъниро.*

Бале, он банда фаҳмид, ки ин додзаниҳои бандаи дигар аз он буд, ки дар урф ва шариат аз обои худ ин амалро дида буд, гарчанде тӯли ин ҳама боре ҳам суол накард, ки ҳама онро аз чиву баҳри кӣ мекунанд.

Пас, бо одоби норанҷониданӣ таъкид намуд, ки ӯ танҳо мехоҳад донад, оё шахси додзан мефаҳмида бошад аз он чизе, ки дод мезанад, то ки аз маънии аслӣ уро бохабар кунад, ба сӯйи илми ниҳойии маъниҳо барад.

*Дар Қуръон омадааст: "Ло яставӣ аъмо валбасир…" (Нестанд баробар кӯр ва бино…)

**Сураи "Моъун", Ояти 5 ("Пас, вой бар он намозгузорон, ки эшон аз намози худ ғафлат меварзанд").

*Пас, бигуфт он муҷтаҳид аз баҳри ҳол,*
*Ончиро нодида гуфт - орад малол.*
*Чашми сират бар навишта вогушо,*
*Сирро маҳз сират бинад, ай хушо!*
*Чашми сар аз дидани сир ноқис аст,*
*Гар бидид ҳаштод, он пир ноқис аст.*
*Мар гузорӣ ту салот баҳри риё,*
*Роҳи каҷ рафтӣ, ба роҳи рост биё!*
*Баҳри худ хондӣ намозро, пас дар он,*
*Нест манзил он Худоро андар он.*
*Гар бихонӣ баҳри Ӯ, пас, дон яқин,*
*Аҳсанат хонад аҳсан холиқин!*
*Шарти имон аст, пас, иқрор шудан,*
*Ончи гӯйӣ кулли онро фаҳмидан.*

*Гар надонистӣ, бигуфтӣ - ҷоҳилӣ,*
*Мисли бе об ташнайӣ дар соҳиле.*
*Гар бидонистӣ, бигуфтӣ - моҳирӣ,*
*Бар ҳазор нишон занад аз ту тире.*
*Ин ки гуфтам, ай бародар, пас, биё,*
*Ақлу рафтор боздорем аз риё!*
*Ин чи суд аст назди ом фарёдкунӣ,*
*Гарчи дар мазмун бурдан кутаҳӣ?*
*Гар надонӣ қомати волои фил,*
*Пас, чаро нардбон наёрӣ, ай бахил?*
*Гар надидӣ ҷуссаи аслии ӯ,*
*Пас, чаро иқрор намойӣ, ай аду?*
*Гар ту донистӣ ҳама ин чизро,*
*Дар мақом ёбӣ савоби Хизрро!*

Бале, дониста сухан гуфтан, рафтори сазовори гуфтаҳо кардан - басо дуруст меояд. Вақте ки шахс чизеро иқрор мекунад, пас, на танҳо бо забон, ки танҳо сабаби нақл аст, балки бо дил иқрор менамояд. Иқрор, ки кард - пас, рафторро аз рӯйи он кунад.

*Муттассиф аз ҳазорон, ки кунун,*
*Ботини пуч меоранд бар бурун!*
*Дар куштор, дар ҷидолу ҷангу бим,*
*Дод织занд аз ҷоҳилӣ номи Раҳим!*
*Ай бародар, ӯ Раҳим аст, пас чаро,*
*Мехонӣ сӯйи бераҳмӣ варо?*
*Дод занӣ, ки "акбар" аст, лек, ай асӣ,*
*Дар ақибаш, пас чаро тор мекашӣ?*
*Мар муқарраро иқрор нест лизом,*
*Ор ба қавлу корҳоят интизом!*
*Гуфтаҳоро, пас, сазовор бош, азиз,*
*Дор ҳамеша дилу дида бо тамиз.*
*Гуфтӣ "Акбар", пас, бикун коре ту баъд,*

*Ки наёрад шарму афғон "акбарат"…*
*"Охируд даъвоно …", бошад, ай амин,*
*"… Анил ҳамдулиллиҳи раббил оламин"*

Худоро, ки "акбар" гӯён иқрор мекунем, пас, нисбати ин муқарраррот рафтор кунем. Ӯ бузург (акбар) аст, мо бошем - кӯчак, хоҳ дар гуфтор, хоҳ дар пиндор ва хоҳ дар рафтор.

## Ҳикояи боғбоне, ки зарпечакро решакан мекард, то ки гулони боғаш осоянд ва ё тобише аз тафсири Ояти "...ий яшаъ юзҳибкум ва яъти бихалқин ҷадид" ва қиёси он бо Ояти "Ва ло тамши фил арзи марахан".

*Дар ливои торихи чандон ҷадид,*
*Мазза пайдо кард ҳикоя, пухт, расид.*
*Гуфтаанд, ки боғбони даст ба гул,*
*Меварзид дар кишти гулон шугл.*
*Мар ҳазорон навъу нусха аз набот,*
*Парварида буд боғаш дар субот.*
*Сад ҳазор рангаш ҷалби махлуқон,*
*Даъвате мекард ба сӯяш з-ину он.*
*Аз ҳазорон бӯйи атраш бо шадид,*
*То ба Шому Мағрибу Ҳиндаш расид.*
*Он, ки дид боғаш мисли Идрисаш,*
*Бог даромад, гум шуд ин изу паяш.*
*Гарчанде илтиҷо мекард ба Ҳақ,*
*Мухриҷи боғаш бикарду дод сабақ.*
*Ин буд, ки мисли як бечорае,*
*То бурун орад, бикард сад чорае.*
*Ин ҳаёт ҳам мисли он боғ аз азал,*
*Шуд шабеҳу гашт амонат дар масал.*
*Нест шубҳа, лаззаташ пур аз шакар,*
*Фитна дорад, мабарад ҳар сӯй, нигар!*
*Ин ҳаёт баҳри камолот шуд падид,*
*На ба баҳри мол касорот, ай рашид.*

*Андарон як санҷиш аст, пурмуҳтаво,*
*З-ояти ду аксарин фаҳманд хато.*
*"Фарҷиъил…" ту он "басарро", карратайн"*
*Оё дидӣ он "футурро" марратайн?*
*Дар мусобиқ, пас, бикӯш пештар шавӣ,*
*Аз кабоир аҷри беҳад мебарӣ.*

Замоне боғбоне мезист. Шуҳрат дар парваридани гулҳои басо ҷолибу ҳаррангу хушбӯй дошт, ки ном ва кораш то манотиқи дурдаст аз манзилаш расида буд. Касе, ки он боғашро медид ва онҷо медаромад, ҳамин қадар мафтун мегашт, ки ҳатто баромадан аз он ҷой намехост.

Мисли он Набие, ки бо даъвати Худо ба ҷаннаташ даромад ва дигар нахост, ки барояд. Бо сад макру фиреб онҷо истоданӣ хост, валекин, Худо ӯро бо чанд макри дигаре баровард. Мисли ин, ашхосе, ки ба боғ даромада буданд, намехостанд, ки бароянд. Аммо, аз хотир набояд баровард, ки боғ - парварда ва маҳсули дастони Боғбони Гулдаст аст ва он, ки агар вақт дода бошад туро то даройӣ, бубинӣ ва лаззат гирӣ, шахс бояд ин фурсатро ҳамчу амонат пазирад ва аз истифодаи он рӯзе ҷавоб диҳад.

Ҳаёти инсон ҳам дар ин дунё мисли он шахсу он боғ аст, гар даромадӣ, пас, рӯзе бояд аз онҷо баройӣ. Ва ин ҳама зебишҳо ва неъматҳо (мурдан ва зистан), чи тавре ки дар Ояти 2, Сураи "Мулк" омадааст, баҳри санҷиш аст, то ки инсон дар накӯкорӣ беҳтару бештар бошад, на танҳо баҳри омадану рафтани холис. Агар шахс дар ин гуфтаҳо ва офаридаҳо ягон шакке ва ё шубҳае дошта бошад, пас "басар"-ро (ақлу ҳушро) бори дуввум (карратайн) бикушояд, фикр намояд, пас, ягон "футур" (сӯрохӣ ва ё бекамолиро дар ин офариниш) оё дида метавонад? Албатта, не. Ин парвардаҳо ба пуррагӣ комиланд, ки ягон шахс дар он камбудие ёфта тавонад (аз Сураи "Мулк").

*Лек, бародар, чашми инсон аз ҳасад,*
*Ду кафон кунад баробар он ба шад.*

*Дар табиъат ончи сахт аст мисли Қоф,*
*Ин ҳасад буррад ҳақиқро мисли лоф.*
*Ин ки ноқодир заъиф аст, зарбазан,*
*Он кунад коре, ки орад сад ҳазан.*
*Нест халосӣ аз ҳасуд ҷуз ор паноҳ,*
*З-он, ки халқ кард ин фалакро бо нигоҳ!*

Яъне, ҳар зебанда ва ҷамил, ҷолибкунанда аст. Ва маҳз ҳамин буд, ки байни меҳмонони он боғи аҷоиб буд оне, ки аз ҳасад ва бахилӣ бо худ тухмии зарпечаки гулкушро оварда буд.

Ҳасад - аз амалҳои ноҷоиз ва гуноҳ аст. Ва аз чунин ашхос, аз Худо паноҳ талабид, чи тавре ки дар Сураи "Фалақ" омадааст: "Қул аъузу… мин шарри мо ҳасад", яъне, "Бигӯй (бипурс аз Худо), ки паноҳ барад аз бадиҳои ҳасадхӯрон". Таъкидот дар ин Сура ва Сураи "Нос" дар он, ки маҳз ҳасад, дар қатори шаби торике, ки офарандаи бадиҳост, аз нафасу дамдиҳии сеҳру ҷодугарон, аз васвасакунандагон, сабаби он шуда буд, ки Паёмбарамон (с) аз ваҳйи Худо бенасиб гаштанд, то он даме, ки ин оятҳоро нахонданд ва аз Худо паноҳӣ наҷустанд, ваҳй наомад.

Дар урфият ҳам омадааст, ки чашми пур аз ҳасаду бахилӣ, метавонад санги сахтро дукафон кунад. Пас, он шахс тухми зарпечаки гулкушро оҳиста байни гулҳои базеб пошид. Зарпечак дере нагузашта сар баровард, бар тани гулҳо часпид ва ба хушк намудани навдаи маҳини гулон шуруъ намуд.

*Бадбахте аз ҳасудон мисли дузд,*
*Тухми бадрас дар кафаш оварда буд.*
*Хам шуду болойи реши он гулон,*
*Пошиду хоккаш намуд, он беимон.*
*Тухми безот, ки надорад нафъ ба ҳад,*
*Аз муфидон ду карат тезтар расад!*

*Коштайи ӯ рӯзи дуюм дод хабар,*
*Сар баровард, печид бар гул он ҳазар.*
*Навдаҳои он гулонро мисли мор,*
*Мекашид сахт мисли арғамчин ба дор.*
*Аз кашишаш обу ҳавво норасид,*
*Гиря мекард ҳар касе, к-онро бидид.*
*Тан хароб шуд, рангу рӯяш зардӣ зад,*
*Дар ҳасудаш ғолиб омад марди бад.*
*Лек фаромӯш кард, ки ғолиб аст Худой,**
*Он, ки орад ҷойи сад бад неку рой.*
*Чашми боғбон гар дар ин кор нодид аст,*
*Соҳиби "ло навму… сина" ҳодид аст.***

Бале, он ҳасудхӯр коре карду рафт. Тухмиаш сар бароварда, гулҳоро хароб карданӣ шуд. Он мард дар фикр буд, ки ғолиб омад, валекин тавре ки дар Сураи "Муҷодила" омадааст (Ояти 21), ҳукми Худованд дар он аст, ки Ӯ (ва паёмбараш) ҳамеша ғолиб меоянд (болойи ҳама бадиҳо) ва Ӯст, ки "на пинак (синат) ва на хобе (навм) мегирад ӯро, яъне чашми Худованд ҳамеша кушода аст ва у бинанда аст (аз Оят-ал-курсӣ).

*Марди беақл фикр намуд, ки лавну тан,*
*Ранги холист, бӯйи холист аз бадан.*
*Тира буд хотири беақл дар ниҳон,*
*То ки боақл бинад дар он сад нишон.*
*Он, ки диду ақлаш бар ҷой саъй намуд,*
*Сад ҳазор фарсанг ба як дам тай намуд.*
*Боғбон, ки ҳамсифоти зебпараст,*
*Бар чуқур маънии ин нишон бираст.*
*Номи Раҳмон хонду сӯяш зад каланд,*
*В-аз зарпечак ба дастон реша канд.*
*Вақти кандан аз "мараҳан" хонд дуъо,*

*Реша кандан ҳар бадиро шуд раво!*
*Баъди кандан тухми навро аз гулон,*
*Пошиду рафт сӯйи хона он ғулом.*
*Пас, нишасту рӯйи саҷҷода рашид,*
*Бар маънии "… бихалқин…" ӯ расид.*

Беақл дар рангу бӯй ва ҳоказо танҳо рангу бӯйро мебинад, ҳол он ки боақл - нишонаҳоро. Боғбон ҳам аз ин огаҳ шуд, тез хесту бар решаи зарпечак каланд зад, решаҳоро бо дастонаш меканду меафшонду месӯзонд.

Мисли инсони бадкор, ки ҳатто ба некиҳои Худованд бо бадӣ ҷавоб мегардонад, он зарпечак ба гулҳо осеб расонид, валекин чи тавре ки дар Сураи "Луқмон" омадааст "… ва ло тамши фил арзи мараҳан" (ва болойи замин хиромона роҳ марав), яъне бо савлату бо фикри оне, ки гӯё ин бадии туро ҷавобе нест, роҳ магард, ки Худо даррав ин хатоиро ислоҳ менамояд, чи тавре ки дар Ояти дигар омадааст: "Ий яшоъ юзҳибкум ва яъти бихалқин ҷадид", яъне "Агар Худо ҳоҳад, мебарад Шуморо (аз байн) ва меорад (ба ҷойи Шумо) аз махлуқоти нав", яъне таъкид бар он, ки аз худ марав, ай инсон ва фикр накун, ки аз амалҳоят касе аз ту ҷавоб намепурсад, балки мепурсад. Бурдани ту дар ҳолати ҳавобаландият (мараҳан) ба Худо ҳич душворие намеорад, пас, фикр намо аз ин ва аз ҷаҳолату бадӣ дур бош.

*Ай бародар, мисли зарпечак матоб,*
*Мон ҷаҳолат, сӯйи илм рав бо шитоб.*
*Он ашҷор, ки надоранд меваҳо,*
*Ҳезуманду мар каландро - дастаҳо …*
*Он, ки бор оранд, ҳамеша сархаманд,*
*Аз "буриданҳову сӯхтан" мераҳанд.*
*Ту марав марҳан ба хоку арзааш.*
*То наёранд ҷойи ту аз навтараш!*
*Гул бошу аз "… тасуррун нозирин"*
*То газаб н-ояд зи Аҳсан холиқин.*

## Ҳикояи шахси қарздор, ки бар амонат хиёнат кард ва фикр намуд, ки шоҳиде байни ӯву қарздиҳанда набуд ва ё тобише аз Оёти "... ва кафо биллаҳи шоҳидо" ки бар вазни Ояти "... мо фарратна фил китоби мин шайъин..." аст.

*Аз наҳору аз маъошаш бехабар,*
*Мезист шахс бо гумону сад хатар.*
*Ғофили анъому вазру масъулӣ,*
*Мекашид аз ғоршикамҳо сад улӣ.*
*Тан сиҳат дошт, вазну ҳамқофу бараш,*
*Лек надидаст маъниҳоро босираш.*
*Гар ба абсораш кашанд аз ғашв ниҳон,*
*Мекашад бо дард азобе дар ҷаҳон.*
*Пардае бардор зи чашму самъу дил,*
*Ту намон моро, Худоё, дар хиҷил!*
*Он, ки нодид, ношунид, қулф дар дил аст,*
*Кару кӯр аст, дар сифоташ бахил аст.*
*Ин ҳама бардор, бубинем мо раҳе,*
*То биёбем аз хиҷолат вораҳе.*

Як замона шахсе мезист, ки тан сиҳат дошту қадду қомати расо. Валекин он шахс каме гарданғафс буду аз кор кардану маъош ёфтан мегурехт. Ин сабаби он шуд, ки дар хона чизе хӯрданӣ намонд, гарчанде аз Қуръон мехонд ва аз маънии "Ва ҷаъалнан наҳора маъоша" (яъне, аз он чи ки гардонидааст Худо рӯзро вақти кору маъош) (Сураи "Набо") ҳиҷ баҳра набурда буд. Ин гуна ашхос аз анъом (неъматҳои фаровон), вазр (истифода шудани онҳо) ва аз

масъулӣ (яъне, аз ҷавобгарӣ аз истифода шудани ин ҳама неъмат), албатта, бехабаранд. Ва ин ҳам бедарак набуд: шахси лоғар ҳатто аз дуокунӣ ҳам худдорӣ менамояд ва ин боиси он мешавад, ки он ақлу он фаҳмишу он дили бинандааш, ҳама кӯру бекораанд, ки муҳр бар онҳо гузоштааст Худо (Сураи "Бақара").

*Чи шабу чи рӯзу чиз он аст бало,*
*Карда буд худро бар онаш ибтило?*
*Тан сиҳат дорӣ, хотирҳот ҷамъ аст,*
*Ки туро дар он тавилҳо по бубаст?*
*Шукри неъмат кун, вагарна холӣ рафт,*
*Каф холӣ, киса холӣ, тан ба тафт.*

Шаб мешуду рӯз мешуд, лекин аз он мардро ҳиҷ дараке аз кору маъош намеомад. Гарчанде солим буду ҳуш барҷой, коҳилӣ мекард, носипосӣ аз ин неъмати бузургтарин, ки тансиҳатӣ аст, менамуд.

*Рӯзе аз рӯзҳо ҷидоли утлаташ,*
*Хест миёни ӯву он зебо ҳамсараш.*
*Зан бигуфто: "Шарм надорӣ, ай палид,*
*Ки надорӣ қуфли неъматҳо калид?"*
*То кай аст ин зиндагонӣ бе шуъур?*
*Чашм гушову ин бубин ту, ай ғурур!*
*Гар натонӣ адл намойӣ, ай балаҳ,*
*Пас, ҳаром гашт ҳукму ҳаққи"…воҳидаҳ".*
*Ин бубин, ки зиндаям ман, пас, валад*
*Аз ятим шуд, шавҳарам мурд, ай сагат.*
*Ман "талоқ" ногуфта ҳукмаш воҷиб аст,*
*Он, ки нофаҳмид, ба ақлаш ҳоҷиб аст.*
*Аз ақиби гуфтаҳо, пас меравам,*
*Ин фигону он писарро мебарам…*

Албатта, ин бепулиҳо, ки натиҷаи аз кору маъош

гурехтан ӯ буд, ҷидолро байни ҳамсарон овард. Зан бигуфт, ки "Агар нотавон, ки аз сар будӣ, пас, чаро маро ба занӣ гирифтӣ? Чаро фарзанд рӯёнидӣ? Охир, адл карда наметавониста бошӣ, пас, ҳукми "фаваҳидаҳ" бароят кор намеояд". Бале, чи тавре ки дар Сураи "Нисо" омадааст, агар мард адлро (нигоҳубини баробар, ҳаққу ҳуқуқи баробар ва ҳоказо) ба зани дуввуму сеюму чоруминаш ва байни онҳо натавонад риоя кунад, пас, барояш он яке кифоя аст (фаваҳидаҳ). Зан бошад таъкид намуд, ки ақалан баройи ягона занаш, мард бояд ки адл намояд, вагарна барояш он як зан ҳам ҳаром аст. Ин бигуфту бо фиғон фарзандашро гирифт ва аз хона рафт. Вақти рафтан изофа намуд, ки фарзандаш зиндаятим шуд, занаш зиндабева гашт…

*Монд худаш зору зи аҳвол рад шуда,*
*Тан хароб шуд, лек набурд ӯ фойида.*
*Ҷойи он, ки кор барояд, пул кунад,*
*Фикр намуд, ки то барояш қарз гирад.*
*Ҳой бародар, фаҳм додаст, фаҳм намо!*
*Раҳм надорад шахси дигар, ақл намо!*
*Фикр макун, ки марди дигар холисан,*
*Медиҳад аз пулу чизаш сад ҳасан.*
*Хоҳ ба неку хоҳ ба бад, лек рӯзе шавад,*
*Аз наъимаш ӯ забонҳо мекашад.*

Бале, қарз гирифтан осон аст, валекин аз хотир набояд баровард, ки ин ҳамаро (аз ин неъматҳо) рӯзе, чи тавре ки дар Сураи "Такосур", Ояти 8 омадааст, бояд ҷавоб дод.

*Лек, ба ҳар ҳол, кай донад марди бад,*
*Ки наёрад молу мулкаш ҷуз ба рад?*
*Ақл медошт, шукр мекард он чи дошт,*
*На ки бар кор ақлаш омад баъди чошт.*
*Он, ки ақлаш баъди фаҷраш ногирифт,*
*Мемонад баъди чошт ҳам дар шигифт!*

*Сайқале деҳ, ай Худоям, ақли кул,*
*То ки дар роҳат бимонем мо шуғул.*
*Кутаҳ аст ин ақли мо ва мин зуъаф,*
*Махлуқему медавем мо ҳар тараф.*
*Гар наёрӣ "каҳдонро" баҳрамон,*
*"Ин қариб аст ё баъид аст?" дар гумон.*
*Хулласи гап, ин бародар баҳри худ,*
*Қарзи молӣ аз дигар бигрифта буд.*
*Лек ба шарти ин муомил ҳардушон,*
*Сабт накарданд ин амал бо шоҳидон.*
*Он яке гуфт шарм дорам, ай ахӣ,*
*Гар ту қарзро назди дигарҳо диҳӣ.*
*Ҳам надонанд аҳволам аз чӣ шуд,*
*Лек бихоянд устухонам дар вуҷуд.*
*Аз ину он аз баҳона сад калим,*
*Мезаду мехост, ки бошад аз салим.*
*Гар ҳамехост руст намудан з-аҳли ом,*
*Он ки донад рӯшан аст бар Ҳақ тамом.*
*Мар даҳонат хуф тавонад нон хурад,*
*Лек зи он Ҳаққат хабарҳо мебарад.*
*Ҷой ба дилҳо маскан орад он яке,*
*К-аз "карду нокард" дорад хабаре.*
*Гарчи ин кор байни ду шуд хуфу ҳал,*
*Котибон аъмол нависанд то Зуҳал.*
*Пас, амалро кофӣ аст Он, ки набишт,*
*Шоҳидии ҳар амал бар худ гирифт.*
*То, ки як барг аз кафиду то гумиш,*
*Чил ҳазор китоб намуданд сарнавишт.*
*Пас, ту ай ғофил, чаро фикр мекунӣ,*
*К-ин амал ҷовид монад дар хуфӣ?*
*Бо доман руст намудан шамси Ҳақ,*
*Охир сӯзонад ҳама дар доманат!*

*Кай тавонӣ ин бузургро руст намуд,*
*З-он ки бошад з-ин офтобҳо бузург?*
*Коре кун, ки шарм нагирад пас туро,*
*Он, ки орад паст зи аспат ин вабо.*

Коре карда, хуфиёна (руст аз чашмони дигарон), бо сад баҳона, ки гӯё аз ғайбати дигарон метарсида бошад, ин мард аз шахси дигар пул қарз гирифт. Лекин ин ҳамаро, чи тавре ки дар Қуръон омадааст, Шоҳиде аст, ки аз Ӯ чизеро руст кардан номумкин аст ва кифоя аст, ки Ӯ донад ("... ва кафо биллоҳи шаҳидо")...

Рӯзҳо мегузаштанд, шахси қарздор қарзи гирифтаашро хӯрда тамом кард, вақти баргардонидани он омад. Қарздиҳанда хонаи он шахс омад, то ки қарзро ситонад.

*Буд шуд он рӯзи қарз ҳам дар васил,*
*Омад он шахс бо ирода бар ҳасил.*
*Лек ба вақти гуфтанаш "Қарзам чӣ шуд?"*
*Дар ҷавобаш гуфт "Чӣ гӯйӣ, ай ҳасуд?"*
*Ту ба ман ин қадр маломат мекунӣ,*
*Аз чизе нодод далолат мекунӣ?*
*Кай зи ту қарзе гирифтам, то кунун*
*Бо даҳони пур барӣ аз он сухун?*
*Ин қадар, ки умре дидам дар замин,*
*Аз касе қарздор наям ман, ай амин!*
*Хонаи ман ту ба туҳмат омадӣ,*
*Он, ки муҳлат нест муҳлат медиҳӣ!*
*Рав аз инҷо, ки маро шарм оварӣ,*
*Бар дигар қарздор бикун ту доварӣ!*
*Ай бародар, каме биист, гӯшам бидеҳ,*
*Ту маро дар ин буҳтонҳо манеҳ!*
*Омадӣ назди дарам бо эҳтиёҷ,*
*То бидодам чанд пуле ман дар хироҷ.*
*Гуфта будӣ шармат ояд гар касе,*

*Шоҳид ояд андар ин кор андаке.*
*Лек ба ҳар ҳол, дидааст онро ҳамид,*
*Ман бидодам, ту гирифтӣ, Ӯ шаҳид!*
*Аз мани туҳматзада шарме накунӣ,*
*Назди Шоҳид пас чаро "ман-ман" кунӣ?*
*Рузи уқбо гар даҳонат муҳр зананд,*
*Аз забони дасту пойҳот мекашанд.*
*Натвонӣ ту гурехтан рӯзи ом,*
*Тез кашанд аз гардани ту ин лаҷом.*
*"…Фил китоби…" "…мо фарратно", ки буд,*
*Сабти он дар сарнавиштат карда шуд.*
*Ту тақозо кун бо ончи дод Худо,*
*Ай биродар, то ки монад Ӯ ризо.*
*Охири кор аз ҳисоби кул, ки ҳаст,*
*Мар нашояд бингарӣ бар он ту маст.*
*Ҳушёр бош, онҷи додаст маҳсуб аст,*
*Масъулӣ бар "қолу қилат" воҷиб аст.*
*Ҳамчунон зӣ, ки табақ аз вазну тан,*
*Шуд баробар байни аъмолу сухан!*
*Ҳиҷ бадӣ нест, гарчи аъмол зер кунад,*
*Беҳ зи он, ки ин суханҳот қир кунад.*
*"Ийту даъво…" гар шунидӣ, гуфт Набӣ,*
*Шуд воҷиб, тез бишав, шояд расӣ?!*

Шахс набояд аз хотир бароварад, ки барои дарёфти ризогии Ҳақ, субҳонаҳу ва таъоло, бикӯшад ва аз ончи ваъда дод, ё бигуфт, ҳамеша дар ёди он бошад, масъулиятро ҳис намояд. Дар ривоят ҳам омадааст, ки Паёмбарамон фармудаанд "Ийту даъвата, изо дуйитум", яъне "Ҳар гоҳ ки даъватро шунидеду (мақбул кардед), пас, иҷобат кунед (яъне бар ваъда истеду онро иҷро намоед)". Шахс бояд он миқдор сухан гӯяд, ки бо миқдори амалаш баробар бошад. Нашояд, ки дар тавозуни аъмол сухани гуфта аз амали

ичрошуда зиёд бошад…

*Он дигар, ки аз сифоти он сахӣ,*
*"Ваъдаву ичрои он" аст, ай ахӣ.*
*"Ло тухлиф" дар сифоту аз "миъод"*
*Дӯст дорад ғайри онро, ай рашод!*
*Чоъилем мо дар замин, пас, кӯш бар он,*
*Аз нишонаш ибрат орем мо бар ом.*
*Ман ваъад, локин фаяхлиф ваъдаҳу,*
*Ҳув мунофиқ физ замон ва баъдаҳу.*
*Мин мунофиқ, қол Расули, оятун,*
*Ас-салоса фи маъонӣ ғоятун.*
*Он якест, ки баъди ваъда кард хилоф,*
*Он дигар, ки мар суханҳош буд зи лоф.*
*Аз нишони ин мунофиқ охир аст,*
*Мар хиёнат бар амонат кардааст!*

Худованд сифоти басо чолибу қавиро дорост ва ваъда намудану бар он устувор будан ва ичрои онро кардан - аз сифотҳои Ӯст. Дар Қуръону вақти дуъои баъди азон, мо ҳамеша инро (Иннака ло тухлифул миъод)-ро мешунавем, яъне, "Дар ҳақиқат, ҳар ойина ту (Худо) ба чизе, ки ваъда кардайӣ, хилоф намекунӣ!"-ро шунидаем. Ӯ, ки худ ваъдахилофиро дӯст намедорад, пас онро дар бандагонаш, ки "чоил" шудаанд дар замин (яъне, офарида шудаанд, фиристода шудаанд ба замин ҳамчун чойнишин (халифа) (аз Сураи "Бақара")), ки бояд сифоту мақоми Ӯро дар замин пешбарӣ намоянд, онро талаб мекунад ва интизор аст.

Паёмбари мо ҳам, чи тавре ки дар ривоят омадааст, мунофикро бо се нишонаи асосӣ фарқ додаанд: яке вақти сухан гуфтан ва баъди он, дурӯғ мегӯяд. Дигар, вақти ваъда додан ва баъди он, бар ваъдааш хилоф мекунад (яъне, ичро намекунад) ва сеюмин - оне, ки бар амонати шахси дигар хиёнат мекунад.

*Бар ҳикоят гашта оям, пас, бидон,*
*Охири кораш тамом шуд бо фиғон.*
*Аз баҳри додааш рафт он сахӣ,*
*Лек, ба худ дарс кард аз ин аблаҳӣ!*
*Аз ниҳойи ҳикмати ин нақли пир,*
*Як чизе дигар бараояд аз мунир.*
*Ин ҳаёту ҷону амвол мисли қарз,*
*Вақт дорад, шарт дорад, буму марз!*
*Пас, бидон, ки вақт ояд, бозгирад,*
*З-ин ҳаёту ҷону амволат ситад!*
*Бандааш заъфу малулу ноқис аст,*
*Лек, Худояш қодиру ҳам холиқ аст.*
*Қудрате дорӣ, фиребӣ бандаро,*
*Лек, фаромӯш ту макун ояндаро!*
*Гар гурезӣ з-ину он ту дар замин,*
*Пас, ба дом афтӣ билохир, ай амин!*
*Ин фиребу ин дурӯғу ин малол,*
*Ҳаст ҳарому нест дар он аз ҳалол.*

## Ҳикояи Маҷнун, ки шаби дароз зери борон дар остонаи дари Лайлӣ менишаст ва аз бераҳмии Лайлӣ фиғон мебардошт ва ё тобише аз тафсири Ояти "...Валлоҳу ярҳаму лиман яшоъу ва юъаззибу ман яшоъ... ".

*Ай аҷаб, гар бешае ту меравӣ,*
*Ҷони худро назди гургон мебарӣ.*
*Ҳич аҷаб нест, беша зебову валек,*
*Андарунаш махлуқот аз шарру нек.*
*"Қул аъузу…" ту ба Раббат, пас, бигӯй,*
*На ки шуд, пас, айбро дар худ биҷӯй.*
*Амри мутлақ аз паноҳҷӯйӣ зи шар,*
*Аз Худо то умматаш омад хабар.*
*Ончи халқ шуд дар сифоти ботинаш,*
*Алҳама кардаст зи неку аз шараш.*
*Ҷони инсон мисли китфони базеб,*
*Барнишастанд аз малоик шарру нек.*
*Гар яке гӯяд: "Биист, ки ин ҳаром!"*
*Мефиребад дигаре бо сад маром.*
*Хидмат аз хидмат фарқҳо мекунад,*
*Гар яке рост, дигаре каҷ мебарад.*
*Ин ҳидоят масъули Он ҳодие,*
*Ки зи баҳрҳо дод хабар бар моҳие.*
*Гар зи "наҷдайн" ақл бурдӣ, пас, чаро,*
*Роҳи каҷро интихоб кардӣ, фато?*
*Роҳи каҷ рафтан агар осон бувад,*
*Пас, чаро некаш ба чашм оқаб расад?*

Инсон, ки дорои эҳсososту нафс аст ва дар саъю кӯшишҳо мухталиф (Сураи "Лайл, Ояти 4), ҳамеша кунҷкобу боирода аст. Дилаш мехоҳад, ақлаш маслиҳат медиҳад, пояш мебарад. Гар инсон бешаи пур аз сирру муъҷизаву некиро бихоҳад, пас, ӯ бояд донад, ки дар он беша на танҳо хӯришҳои болаззат ва ё манзараи базебу ҳавои тоза, балки гургу палангу дигару дигаре ҳаст, ки метавонад ба инсон зарар расонад, ки ба қавли Худои бузург, "офаридашуда" бар нафсаш ҳам аз фуҷур (гунаҳкорӣ) ва ҳам аз тақво (парҳезгорӣ аз гунаҳ содир намудан) алҳама шудааст, яъне, ҷой дода шудааст. (Сураи "Шамс", Оятҳои 6 ва 7).

Аз ин лиҳоз ва ба ҳар тартиб, тавре ки дар Сураи "Фалақ", Ояти 2 омадааст, инсон бояд аз Худо паноҳӣ аз шарри (бадии) он чизе, ки офарида шудааст, талабад. Ҳатто фариштаҳо ҳам, ки болои китфони инсон нишастаанд, яке ба роҳи росту нек даъват мекунад, дигаре - ба роҳи каҷу бад. Ва гарчанде ки Худо масъулияти ҳидоят намуданро (роҳ нишон доданро, аз неку бад хабар доданро, аз натоиҷи роҳи рост ё каҷ рафтанро хабар доданро) бар зиммаи худ гирифтааст (Сураи "Лайл", Ояти 12) ва ба инсон он дуроҳаро (наҷдайн) нишон ҳам медиҳад (Сураи "Балад", Ояти 10), интихоб намудани яке аз ин ду роҳро ба зиммаи худи инсон вогузоштааст.

Инсон бошад, роҳи ростро як тараф гузошта, роҳи дигареро, мутаассифона, интихоб менамояд ва ба чашмаш он роҳи ҳақиқатан яқину дуруст, мисли ақаба (ағба, гардана) мерасад, яъне, гузаргоҳи басо душвор (Сураи "Балад", Оятҳои 11 то 16). Ҳол он ки, агар ин роҳро интихоб мекард, Худо ин гузарро барояш осон мекард.

*Пас, таҳаммул кун, бародар, лек кунун,*
*Гашта орам қиссаро з-ишқи ҷунун.*
*На ба ҳарфу на ба зоҳир кун нигоҳ,*
*Гар бихоҳӣ, маъниро бин, ор паноҳ.*
*Гар ба садҳо назму насраш з-исми вай,*
*Бешумур хонданд суруду базми най.*

*Лек даҳҳо з-аҳли маънӣ бурдаанд,*
*З-исми "Лайлӣ" дарку ақле кардаанд.*
*Мухтасар ман з-он бигӯям, ай ҳалим,*
*Ин ҳама мастури қадр шуд аз Алим.*
*Гар бигӯяд "Лайлат-ул-қадр", пас биҷӯй,*
*"Лайлӣ"-ро дарёбу бо Ӯ роз гӯй.*
*Вақти шаб мазмуни шаб нокарданист,*
*Гар ба худ "шаб"-ро наёфтӣ, пас биист!*
*Он "шабе"-ро ёбад он, ки Маҷнун аст,*
*Охири ҷаҳди ҷунунон марҳам аст.*
*То надонад қадри Лайлӣ, аз куҷо*
*Раҳм ояд маъшуқашро, ай фато?*
*Ин "Лайлӣ" вақти "лайл"-аш дар кушод,*
*Сӯйи даргоҳ аз бисот роҳе ниҳод.*
*Бар чашму бар дили Маҷнуни худ*
*Ашк резонад, барорад аз ӯ дуд.*
*Роҳи раҳм аст ашку дуду ин нидо,*
*Ҳалқа бар гӯш зан ба амри Муртазо!*
*Дар замонаш таъкид бар он кардааст,*
*Аз "қиём-ул-лайл" хабарҳо додааст.*
*Ин "Шаби Лайлист", ки баҳри Лайлӣ аст,*
*Ин шаби қадр аст, ки дилҳо моил аст.*
*Мар нашояд он Симургро дар фалак,*
*Кобиву монӣ зи Лайлӣ бедарак.*
*Ғайри теъдод аз малоик мепаранд,*
*Байни он ду ошиқон хидмат баранд.*
*"Мин кулли амр…" розро аз Ҷунун,*
*Сӯйи Лайлӣ мебаранд онро бурун.*
*Рози Маҷнун масъуд асту рофеъ аст,*
*Ин суханҳо назди Лайлӣ шофеъ аст.*

Бале, дар маънии исму таркиби "лайлӣ" тафаҳҳум намоед, то ки аз кӣ будани "Лайлӣ", чӣ будани "ошиқӣ", кӣ

будани "Маҷнун" ва чаро "азоб ва ё роҳат" додани Лайлӣ Маҷнунро дарак пайдо кунем.

*Ҳиҷ "азобе" з-ишқи инсон ҳай шавад,*
*Гар яке бар дигаре ошиқ шавад.*
*Гар ба розаш нест ҷавоб аз маъшуқаш,*
*Чашми Маҷнун шоҳид аст аз ошиқаш.*
*Гар наояд сӯйи Маҷнун, пас равад*
*Сӯйи хона, назди Лайлӣ медавад.*
*Гар Лайлӣ дасти худро пеш набурд,*
*Пас Маҷнун мекашад дастон ба худ.*
*Аз масалҳо ингуна саҳну ҷавоб,*
*Метавон овард ҳазору як нуқот.*
*Аз муҳимаш он бувад, к-ин "ошиқӣ"*
*"Маҷнун"-и моро кунад сад "бераҳӣ".*

Бале, ишқи заминӣ, ошиқӣ байни инсонҳо, он ишқи ҳақиқие нест, ки дар ҳикояҳои ошиқони ашаддӣ, байни Лайлӣ ва Маҷнун суруда бошанд. "Лайлӣ"-и заминиро метавон, гарчанде ҷавоб ҳам нагардонад, ё наояд, сӯйи хонааш равӣ, ба ӯ расида тавонӣ. Валекин "Лайлӣ"-и ҳақиқиро, ки аз чашм дур аст, кай метавонӣ бинӣ? Кай метавонӣ аз дастонаш бигирӣ? Нодида ошиқ шудану ва тамоми умр дар интизори он "Лайлӣ" зистан магар азоб нест? Ва ё роҳат аст, ки мо имрӯз наметавонем аз эҳсосоти он дарк намоему чизе гӯем?

*Инак, омад навбати он мискине,*
*Ки ҳамеҷуст назди бобаш таскине.*
*Менишаст ӯ дар қариби хонааш,*
*Мисли Қитмир хандақи остонааш.*
*Чашм намеканд аз дару гӯшҳош дарун,*
*Карда буду интизор шуд бар сухун.*
*Фикр мекард, шояд овоз ҳар гаҳе,*
*Аз дарун ояд ба хайру мақдаме?!*

*Лоақал, мар мешунид хомӯш қидом,*
*Хуш мешуд ҳолаташ аз ин мақом.*
*Ин ҷунбиш дар хамӯшӣ таскин аст,*
*Дарки эҳё малҳами ҳар мискин аст.*
*Ҳарчӣ мегуфт, дод тасаллӣ ақлу ҳуш,*
*Лек мисоли ҷонканиву марги муш.*
*Ончи бозист гурбаро - мушро бад аст,*
*Охир ояд бар даҳонаш чангу даст.*
*Гар якеро ҷонканӣ авҷ аст алон,*
*Баҳраест бар зиндагонии фулон.*
*Ар яке норафт зи дунё вақти худ,*
*Кай дигар ояд ба дунё худ ба худ?*
*Мисли ин аст ин суолу он ҷавоб,*
*Гар нашуд матлаб, куҷо шуд он хитоб?*
*Ҳарчӣ мекард, лек ҷавобаш шуд сукут,*
*Сӯйи тораш мекашид он анкабут.*
*Лек, намедонист, ки ин ҳам аст ҷавоб,*
*Ки ҳамеояд зи маъшуқ аз ҳиҷоб.*
*То ки ояд як маротиб "Ман ризо"*
*Се карат марде барорад он садо.*
*Ҳиҷ нашуд, ки дар никоҳи одамӣ,*
*Он яке як гуфту ту як бишнавӣ.*

Оре, Маҷнун дари Лайлиро борҳо мекӯфт, садоҳо мекард, лек Лайлӣ аз дар берун намеомад. Мисли саги бовафои Асҳоби Каҳф (ғор), мисли он Қитмир, остонаи Лайлиро пош дод, хуфта гирифт, валекин сӯйи дару хонааш чашмҳо медӯхту гӯшҳоро рост мекард ва умед дошт, ки шояд Лайлӣ садое барорад ва ё овози ҷунбишеро шунавад, то ки дилаш таскин гирад, то бифаҳмад, ки Лайлӣ онҷост, зинда ва саломат. Лекин ҳиҷ садо намебаромад аз дарун.

Хаёли озурда ба ҳар сӯйе мебурд, мисли пашшае гашт, ки дар тори анкабут дармонд. Валекин сукут ҳам ҷавоби хоса аст. Ин ҳам рафтор аст. Сухане нест, ки ношунида

монад. Сухане, ки баромад, ҳатман ба гӯш мерасад…

*Замми ин уқбат Худояш аз само,*
*Мисли чӯпон ӯ чаронд абр дар ҳаво.*
*Аз сиёҳӣ ҷанг андар ҷанги худ,*
*Гулдуросзан сахт борон шуд фуруд.*
*Ончунон сахт буд, ки вақти рехтанаш,*
*Мегежид пӯсти охир аз танаш.*
*Донаи борон чунон зад дар бараш,*
*Чормагзе, ки шикастанд дар сараш.*
*Аз азоби дард нидо кард бар само,*
*Ин қадар манро азоб додӣ, Худо?*
*Ҷойи раҳму ҷойи шафқат бар мане,*
*То чӣ ҳад андоми манро мешканӣ…*

Гиряву зораи Маҷнун шунида шуд ва нидо нузул гашт. Тартиби ҷавоби фалак инчунин буд:

*Лам таро ин маҳбубамро ман чунин,*
*Мекунам магруқу ҷигарҳош хунин?*
*То ки дар додам нишонҳо ӯ бинад,*
*Ақл барад, фикре намояд, ҳал кунад.*
*Гар намебуд оташу обу ҳаво,*
*Лаззати ширин дар ошаш аз куҷо?*
*Гар наҷӯшид дар дегаш лӯбиё,*
*Аз куҷо мешуд муфидаш ин гиёҳ?*
*Гар намесӯхт ин дарахту бешае,*
*Аз куҷо сабзад зи нав ин решае?*
*Гар намезад донаи борон ба хок,*
*Аз куҷо сабзад дарахти себу нок?*
*Ман тавонам бешумур амсол кунам,*
*Бар ину он гарқаи ахёл кунам.*
*Лек ба ҳар ҳол, гуфтаниям, дар азоб*
*Ман нуҳуфтам раҳму шафқат беҳисоб.*

*Ин Худоят қодир аст раҳмат кунад,*
*В-ар бихоҳад, ӯ азобат медиҳад.*
*Лек назар кун Ояро, ки "раҳм"-Ӯ*
*Пеш омад аз "азоб"-аш, ай абу!*
*Ту ки дар "раҳмам" "азобе" дидайӣ,*
*Ғофили маъниву бар ақл хуфтайӣ.*
*"...Ярҳаму ли ман йашаъро" маънӣ аст,*
*Он, ки нафаҳмид, азобаш қоим аст.*
*Нест тасодуф, ҳар калима дар китоб,*
*Садҳазор бор фикр намуду кард хитоб.*
*Ҳар куҷо ки "ъуср" шуд, юсре кунад,*
*Аз азобаш сӯйи неъмат мебарад.*
*Гар ба роҳи ошиқӣ нест он азоб,*
*Аз куҷо бинӣ ту роҳат, ай рашод?*

Бале, шахсе, ки фикр мекунад, роҳи ошиқӣ ва умуман ҳаёти инсонӣ осудагист, басо хато мекунад. Дар Ояти 2, Сураи "Мулк", ин силсиларо, яъне ҳаёту мамотро ваончи байни он аст, Худо маҳз дар санҷиш медонад, на аз осудагӣ.

Шахсе, ки дар роҳи ишқ азобе накашидааст, аз куҷо фароғат ва роҳаташро мебинад? Аз куҷо бӯй ва маззаи ин роҳатро фаҳмида метавонад?

Шахсе, ки мариз нашуд, аз куҷо саломатиро ғанимат мешуморад?

Шахсе, ки пир нашуд, аз куҷо ҷавониро қадр карда метавонад?

Шахсе, ки намурд, аз куҷо қадри зиндагиро медонад? Пас, он, ки азоб накашидааст, аз куҷо раҳмат ва мағфирати Худоро қадр карда метавонад?

## Ҳикояи соиле, ки назди дари ғанӣ омад, то луқмае ва амне аз зулми атроф дарёбад ва ё тобише аз тафсири Ояти "... ва ин хифтум ъайлатан фасавфа юғникумуллоҳу мин фазлиҳи... "

(тарҷума: "Ва агар аз тангдастӣ (ва ё тангдаст шудан ва ё аз фақиру ночор шудан) метарсед, пас, тавонгар (ғанӣ, молик) хоҳад сохт шуморо Худо аз фазли худ" (каромот ва ё аз неъматҳо) дар ҳамбастагӣ бо маънии Ояти "... Ва ло тақтулу авлодукум мин хашяти имлоқ..." (тарҷума: "Ва накушед авлоди худро аз бими (тарси) имлоқ (ки гӯё ризқу рӯзии авлодро наметавонед муҳайё кунед) (Қуръон)).

*Акси кӯдак, дар лаби баҳр мурдае,*
*Дилшикан асту кунад сад порае.*
*Он, ки дил дорад, зи аксаш шуд тамом,*
*Он, ки нодор аст дилашро сад хитом.*
*Ин муҷаррад тифлаке бо орзуяш,*
*Гашт ҷудову рафт ба сӯйи хонааш.*
*Гар наёфт ӯ хонаашро дар замин,*
*Марҳабо хонад ба қасраш он Амин!*
*Гар насибашро нadоданд нокасон,*
*Он Худояш мекунад баракси он.*
*Ар наёбанд баҳри кӯдак кунҷаке,*
*Ғам чӣ аст, ки ақли нодор андаке.*
*Тан гиранд аз мо, валекин ҷони мо,*
*Мешавад масруру гардад бар само.*
*Луқмае кашанд, валекин пур даҳон*
*Мекунад Раззоқ, диҳад аз ину он.*

*Он, ки дар фикр аст, ки гӯё ризқ диҳад,*
*Беақл аст, бефаҳм аст, бехирад!*
*Акси ҳолро бин, ки рӯзе соиле,*
*Сӯйи байти як ғанӣ шуд моиле.*
*Эҳтиёҷ меронд ба сӯйи сад дараш,*
*Мисли шере, ки бидаввонд ваҳшаташ.*
*Нафси ҷондор аз пайи ҳар луқмае,*
*Метавонад дид дар хас мояе.*
*Мисли шер, ки дар зуҳури он ҷамил,*
*Ҷойи оҳу лаҳм бинад он бахил.*
*Чӣ кунад бо ин ҳама зебу гуҳар?!*
*Гар шикам холист - андом дар хатар.*
*Гуфтаанд, ки бо шер ҷанге кунад,*
*Дар саъйи ризқи ҷон пӯст меканад.*
*Вой бар аҳволи шере, ки накард,*
*Фаҳм аз ҳикмат ва омад бар набард.*
*Ар Худоят гуфтааст деҳ аз нифоқ,*
*Меҳрубонӣ кардааст бар ту, шиқоқ.*
*"Ма заламно…" баҳри Ӯ нест, баҳри ту,*
*Кай ба маънӣ мерасӣ ту, ай аду?*
*Мисли тире, ки нишон аз ду барад,*
*Бар савобу дигаре - ҷон мехарад.*
*Аз ҳикмат чизи дигар шуд аён,*
*Нест чиз, ки бе изнаш шуд равон.*
*Ту дар соил - соилеро дидайӣ,*
*Лек зи ҳукми Ҳақ ақл нобурдайӣ.*
*Он, Худо аст, баҳри санҷиш аз карат,*
*Соилеро мефиристад бар дарат.*
*Гар туро додаст давлат, пас суол*
*Мекунад аз он, ки орад бар малол.*
*Ар туро додаст, пас ту ҳам бидеҳ,*
*Аз изофа монда нонро сӯе манеҳ.*

*Нони монда хушку сахтӣ мекунад,*
*Гар газидӣ, пас дандон мешканад!*
*Соиле омад, дарро ҳалқа зад,*
*Соҳибаш омад буруну алқа кард.*
*Дод салому аз ҳолаш кард хабар,*
*То, ки сӯйи он ғанӣ набрад хатар.*
*Гуфт: Ғаниё, давлатат поянда бод!*
*Наравад ин давлатат ҳиҷ гоҳ ба бод.*
*Дер зиву шод зиву бахту тахт,*
*Мар зи дасти душманон н-ояд ба лахт.*
*Ин шикам аз ман, ки дидӣ, рӯзе чанд,*
*Холӣ асту рӯдаҳоро карда банд.*
*Ман гиреҳи онро чун Мустафо,*
*Ар нахонам "Қул…", наёбам з-он раҳо.*
*Амни ҷонам бо ризқат шуд яке,*
*Гар тавонӣ, деҳ нонам андаке.*
*Оъилам ман, хавф мабар аз оъилӣ,*
*Ки ғанӣ гардонад аз фазл он Ғанӣ!*
*Гар яке додӣ, туро даҳ интизор,*
*Дар дилат ҳаргиз наафтад ҳиҷ ғубор.*

Инсон ҳамеша дар фикр он аст, ки гӯё баҳри ӯ ризқи нокифоя додаанд. Ӯ ҳамеша дар ғами фардо аст, ки метавонад бе ризқу рӯзӣ монад ва саъй бар он мекунад, ки аз он чӣ, ки дода шудааст, барои фардо захира кунад.

Ин матоъ аст, ки чунин таъсире бар афкораш мекунад, ҳол он ки он чӣ дар асл мебояд захира кард - некӣ аст, ки подоши беандоза ва фавоиди беохир дар рӯзи охир меоварад.

Ризқ буд, ҳаст ва мемонад, то он даме ки Раззоқ (Худои ризқбахшанда) онро қатъ нагардонад ва он гаҳе ки қатъ гашт, инсон бояд дарк кунад, ки чизи дигаре барояш намондааст ва аҷал расидааст ва ӯ бояд равад.

Худо, ки ризқдиҳанда аст, киро хоҳад ва чи хеле ки хоҳад,

ризқ медиҳад ва он ҳам аз фазли ӯст. Пас, инсон, ки қудрати ризқофаринӣ надорад, бояд танҳо ба Раззоқ таваккал намояд ва натарсад, ки то он даме ки вай зиндааст, бе ризқу рӯзӣ мемонда бошад.

Баъдан, инсон набояд тарсад, ки агар аз ризқи худ нифоқе (бидиҳад) ба дигарон кунад, ӯ оъил (бечора, камбағал) мегардад: Худое, ки ба ӯ инро додааст, метавонад пас дубора аз фазли худ ӯро ғанӣ гардонад ва барои Худо кардани ин кор саҳлу осон аст. Ва ин аст мазмуни Ояти "... ва ин хифтум ъайлатан фасавфа юғникумуллоҳу мин фазлиҳи... ".

Баъди шунавидани ин ҳама гуфтори соил (пурсанда, гадо), он ғанӣ чунин ҷавоб дод:

*Ай бародар, ту каме инҷо биист,*
*Дур марав, ки охир инҷо гуфтанист.*
*Хона оям баҳри шӯрои занам,*
*То ки оям бо ҷавобат дар барам.*
*Ақли ман як асту дувваш беҳтар аст,*
*Ҳамсадоӣ дар қарор қавитар аст.*
*Гар барояд як садо аз як саре,*
*Пухтааш кам монаду хом - бештаре.*
*Ин бигуфту сӯйи хона рафт зуд,*
*Ким-чи мегуфт зери лаб ӯ худ ба худ.*

Яъне, он ғанӣ гуфт, ки ин кори муҳим аст ва ҳатман оиди он бо занаш бояд машварат орояд, то ки қарори муфид аз он бардорад ва манфаъат ба тарафайн бошад.

*Ногузашта дер зи вақте аз ваъид,*
*Назди дар омад, валекин лаб газид.*
*Аз тавалло в-аз абоси ду рухаш,*
*Бӯй зи шарму ашк мекард чак-чакаш.*
*Ранги рӯяш зарду сурх мегашт батоб,*
*Не ҷавобу не сухан мекард шитоб.*

*Чашми таскин вақти ҳоли ногувор,*
*Мечаҳад аз косаи худ оҳувор.*
*Ҳолаташ худ "ман" мегуфт дар ҷавоб,*
*Зоҳиру ботин-ш гаштаст печутоб.*
*Ай писар, зоҳир нишони ботин аст,*
*Ончи дар ботин, ба зоҳир сокин аст.*
*Гар нагӯяд ҳарф ба зоҳираш нигар,*
*Ки тавонад зоҳираш дод ин хабар.*
*З-ин сабаб гӯянд, ки зоҳир "зоҳир" аст,*
*Ки зи ботин дар нишондод моҳир аст.*
*Бар забон нангар, ки охир ӯ хароб*
*Мекунад, ҳам мебарад сӯйи сароб!*
*Беҳтараш бар хулқу рафтор кун назар,*
*То ба нек пайваста аз бад кун ҳазар.*
*Гар ба чашмаш оварӣ як дам нигоҳ,*
*Зуд фаҳмӣ ёварӣ ё ёри чоҳ?*
*Амри ақлаш дастонаш мекунад,*
*Сӯйи дилхоҳ пойҳояш мебарад.*
*Ин бифаҳмид соили мо аз дамаш,*
*Пас, ба ҳоли ӯ биёмад хандааш.*

Бале, машварат бо ҳамсараш суде надод. Ӯ ба берун омад, валекин намедонист чӣ ҷавобе ба он соил диҳад. Ранги рӯяш, рафтору кирдораш ҳамаи ин аз нишонаҳои хуби ботин аст, ки бе забон метавонад дар симои шахс ва аз номи ӯ сухан гӯяд. Зоҳирро барои ҳамин ҳам "зоҳир" мехонанд, ки он чиро, ки дар ботин нуҳуфта шудааст, яқинан зоҳир мекунад.

Аз ин ҳолат соил бохабар гашт ва ханда кард ва гуфт:

*Гап мазан, шуд, фаҳмидам ман аз маҳол,*
*То чӣ омад аз дарунат акси ҳол.*
*Чун алав ояд бар рӯят ранги хун,*
*Ин қадар бо ботинат ту ҷанг макун.*

*Ай бародар, ботинат гӯяд манам,*
*К-ин биоям зоҳиратро даргирам.*
*Лек мабош ту зоҳири он ботине,*
*Ки нишастаст хонаат он хоине.*
*Байни ду ботин зоҳир ночиз аст,*
*З-ақли ду ботин зоҳир оҷиз аст.*
*Гар найӣ ботин, бирав, ботин бигӯй,*
*То маро ояд сухан бо хубрӯй.*
*Лек, агар ту ботинӣ, пас, ту чаро*
*Машварат кунӣ ба зоҳир ҳар саъо?*

Бале, гар ту ботин бошӣ, пас чаро бо зоҳират машварат мекунӣ? Акси ҳол бояд бошад, ки зоҳир аз ботин тавсия гирад, бо амри ботин кор барад, на акси он. Ақлу идрок бояд муайян созанд, ки зоҳирро чӣ эҳтиёҷ аст, чӣ зеб аст, чиро бояд ин аҷзо кунанд, куҷо раванд, чӣ ба кӣ гуянд, чӣ тавр гӯянд ва ҳоказо…

Баъд аз он, ки соил гуфт, рав, агар ту "ботин" набошӣ, пас, бигӯй, ки "ботинат" наздам ояд, то ман аз ӯ пурсам, ғаниро ғазаб омад ва муошират чунин идома ёфт:

*Ту чӣ мегӯйӣ ба наздам, ай ануд,*
*Беҳтараш он нест, ки монӣ дар сукут?*
*Ботини ман - ботини ман аст, бидон,*
*Ман намонам то расад даст аз касон!*

Соил чунин ҷавоб дод:

*"Рост гуфтӣ!", гуфт соил, пас, чаро*
*Аз нофаҳмӣ кунӣ ту сад даға?*
*Ман нагуфтам ҳамсаратро бо нидо,*
*Бар мулоқот баркашӣ ту назди мо.*
*Бо занат ман чӣ кунам?! Корам ба туст,*
*Ин мехостам зи аввалҳо нахуст.*

*Гуфтаниям дар раҳи ҳар неку бад,*
*Мекашанд аз ин забуни зоҳират.*
*Гар ту гӯйӣ "Ман нагуфтам!" пас забон*
*Шоҳидат гардад, ки "Гуфтӣ, ай фулон!"*
*Гар ту гӯйӣ "Ман накардам!", пас зи даст*
*Сад забон ояд, ки гӯянд, "Пас кӣ раст?!"*
*Гар ту гӯйӣ "Ман нарафтам!" аз ду пот,*
*Ин забон ояд нишон бо сад луғот.*
*Пас, бародар, дар амри ҳар амал,*
*Бо ақлат ту ҳамесоз ин ҷумал.*
*Машварат бо ботинат кун ҳар даме,*
*То ки ояд дарки сират ояте.*
*Ботинат аст ақли ту, дар ҳар умур,*
*Машваратро бо инон маҳфуз шумур!*
*То ки ҳар кас аз кардаш худ ҷавоб,*
*Медиҳад он рӯзу мегирад савоб.*
*Нашавад он рӯз аз гуфтат хитам,*
*Мекашад дуввум зи аҷзат ин ситам.*

Яъне, соил ғаниро даъват намуд, ки дар ҳар кор ва хусусан дар амри маъруф ва кори нек, шахс бояд бо худаш, яъне бо ақли худ машварат кунад. Ин аст, ки ҳар шахс аз кардааш худаш ҷавобгар аст ва аҷзу подошашро худаш мегирад, на шахси дуввум ва на шахси севвум…

Инсон дар кори нек кардан бояд саросема бошад, кӯшиши зиёде кунад ва бо худ (ақлаш) ва Худояш машварат намояд.

*Чист ин ботини покат, ай шаҳид?*
*Ар Худоят анқариб аст аз варид!*
*Кори некро гар ҳудову ҳифз вай аст,*
*Кӣ тавонад роҳи шуроро бубаст?*
*Нек ҳам тавлид ёбад мисли инс,*
*Пас, бикӯшу гир зойид ту зи ҷинс.*

*Мисли фарзанд як нек даҳ мешавад,*
*Гар ба решаш оби сафо мерасад.*
*Аз ғализ об даст бикаш, ки рӯзе ин,*
*Хушк кунад ҳосил дарахтро ин лаъин.*
*Некӣ ҳам фарзанди нек аст, пас, ғубор*
*Ту зи он афшону дасти бад бидор!*
*Силлаи сар кун, сухан аз некӣ зан,*
*То фароғат ёбад аз ӯ ҷисму тан.*
*Ҷозиби нек некӣ аст, пас, бад макун,*
*То нагардад некиҳоят сарнагун.*
*Як бадӣ, афсӯс, ҷойи даҳ гирад,*
*Ин ҳама некиро бо худ мебарад.*
*Даҳ некӣ гар куниву як бадаш,*
*Мемонӣ бо бадӣ дар хотираш.*
*Даҳ бадӣ, пас, ту куниву як зи нек,*
*Акси ҳол гардад бароят ҳар алейк.*
*Хоки некӣ, пас, сабук аст, ай ғулом,*
*Гар бирад бо як бадияш даҳ зи он.*

Бале, некӣ ҳам мисли фарзанд маҳсули шахс аст ва онро ҳам бояд парварид, то ки некӣ некиро орад. Афсӯс, ки шахс агар даҳҳо некӣ кунад ва танҳо як бадӣ, дар хотир ва дидаи дигарон танҳо он бадӣ боқӣ мемонаду халос. Аз ин ҷиҳат, гар кардани некӣ осон аст, валекин ба як бадӣ ҳамаи он аз байн меравад.

*Аз миннат, аз азову "ман-манӣ",*
*Мешавад ботил некит, ай ғанӣ.*
*Гар биояд вобилаш, пас, ин ғубор*
*Шуста ояд аз сафилаш зери бор.*
*Ингуна "некӣ" на холид асту бас,*
*Он яқин аҳмақ, ки бар он дил бубаст.*
*Гар шавад анҷом ба сарфи ин риё,*
*Номнавис нашуд зи аҳли асхиё.*

*Пас, ту некӣ "холисан лиллоҳ" бикун,*
*Гар бикардӣ, он ба дарёш тела кун.*
*Ин аҷиб аст, лек некӣ дар сифат,*
*Гашта ояд бар худат дар охират.*
*Муҷибтар аз ину он, ин амал,*
*Дар ҳаёт баргашта ояд фил ҷумал.*
*Бар имлоқаш гумонбар, пас, мабош*
*Дар некӣ сайқали худро тарош.*
*Аз биму тарс роҳи некиро магир,*
*Акбар аст он дар мақом гарчи сағир.*
*Масъуди болову рофиъ дар мақом,*
*Ин некист, ин некист, ай ғулом!*
*Пас, макуш некиро аз имлоқи он,*
*Мон, ки ояд, мон, ки бинад ин ҷаҳон!*
*Мисли фарзанд некиро кун касир,*
*Баргушо бар дидаву роҳаш басир!*

Ба ҳар ҳол, соил ба ғанӣ тавсия дод, ки дар бобати кардани некӣ набояд бо шахси дигар маслиҳат кунад, ки дар мақом дасти чаппи инсон аз садақа додани дасти рост бояд бехабар монад, балки бо ақли худ ва Худояш машварат намояд ва дар некӣ кардан шитобад, ки некӣ кардан шоистаи фикри зиёду гумон нест, балки таъҷилиятро мехоҳад.

Сифоти беҳтарини некӣ он аст, ки некӣ баргарданда аст ва ба худи шахс ин некии кардааш хоҳ дар охират бошад ва хоҳ дар ин дунё, ҳатман баргашта меояд.

Барои ҳамин ҳам, дар имлоқ (яъне, тарс), ки баъд аз некӣ намудан гӯё неъматаш тамом мешавад, ё пур намешавад, инсон набояд гумон дошта бошад, пас, кунад он некиро, ки мисли фарзандҳои нек раҳматоварандаи волидайн мегардад.

## Ҳикояи зане, ки соҳиби фарзандҳои зиёде буд ва моҷарои вай бо устоди мадраса оид ба сифати таълим ва тарбияи фарзандҳояш ва ё тобише аз тафсири Ояти "Фавайлул лил мусаллинал лазина ҳум ъан салотиҳим саҳун" (Оятҳои 4 ва 5, Сураи "Моъун", Қуръон).

*Ай, аҷаб вақт даррасид, к-аз хулқи худ,*
*Мегазад инсон ангушти вуҷуд.*
*Кор кунад худ, лек, орад ӯ ба лаб,*
*На зи худ, бал ӯ зи дигарҳо талаб.*
*Маззаи ошро, ки аз шавла наёфт,*
*На зи даст, бал ӯ зи сабзиҳо бикофт.*
*Худ намеравад ба кӯҳ, лек толиб аст,*
*Ки чаро кӯҳ сӯйи ӯ норогиб аст?!*
*Гарчи бошад сад дароз, лек ин шутур*
*Гарданашро сӯйи об кардаст нушур.*
*Ар баланд аст қоматаш, лек ӯ у зи кибр,*
*Покдил асту комил асту ӯст - Хизр.*
*Лек ба ин паст қоматаш инсон ба кӯҳ,*
*Сад даъво мекунад аз кибр ба ӯ.*
*В-ин ҷаҳолат гар намедошт ботинаш,*
*Пас, намегзид ангушти ҳайраташ.*
*Дар васили он зи ҳукми як қадар,*
*Аз ҳикоёт нақле орам бо назар.*
*Ин башорат нест, валекин ҳикматаш*
*Вазн диҳад мизони фаҳмро ҳимматаш.*

*Шуд, ки як зан мисли ибрат аз нишон*
*Бар раҳи кач пош ниҳод аз роғибон.*
*Ҳич наояд тарси ман з-имлоқи ӯ,*
*Медиҳад ин ҳамаро вай, на ки ту!*
*Гар сухан ҳафт паҳлу дорад, пас, бубин,*
*Кун қиёсу кашфи маънӣ аз яқин.*
*Мар нашояд тахтаро дид аз даре,*
*Ин гузар аст, ки барорад з-он саре.*
*Ин мамнуст, бо ҳимоят аз бурун,*
*Ло илоҷ аст барфу борон бар дарун.*
*Ин канор аст, марзи давлат бо лиқо,*
*Пас, макун бар асли маънӣ фарқҳо …*
*Неъматеро медиҳад, ҳар гаҳ талаб*
*Гар қарор додиву орӣ ту ба лаб.*

Ҷаҳолати инсонӣ, ки бинову асосаш бар кибр аст, инсонро ба сад раҳи кач мебарад. Баъзан, аз фикру хаёли дуруст, ки хоси соҳибони ақлу хирад аст, дур монда, мисли ҷоҳилон (нодонон) айбро на дар худ, балки дар дигарон меҷӯяд. Кош мешуд, ки пеш аз ҳамлаву сухан, айбҷӯиву ғайбат, инсон аз худ огаҳ мегардид…

Қиссаи ин аст: дар қарияе зане мезист, ки соҳиби фарзандони зиёде буд. Ҳар гоҳ аз ӯ мепурсиданд, ки чорае надорӣ, маводе надорӣ, вақт бар сарфи тарбияи онон ҳам надорӣ, пас чаро ин қадар фарзанд таваллуд кардайӣ, ӯ ҷавоб медод, ки: "Ин ҳамааш, доди Худост! Ман аз имлоқи ин наметарсам. Худо дод, Худо худаш калон мекунад".

Ин дуруст аст, ки ҳама чиз доди Худост, валекин ин ҳамаро то худи инсон орзу накунад, нахоҳад, ҳаракат накунад, Худо намедиҳад. Яъне, фарзанди зиёде доштани он зан, аввалан, аз хости худи он зан буд, ки мехост фарзанди зиёд дошта бошад. То ният набуд, иҷроиши он ҳам намешуд.

Дуввум, масъалаи таваккал - албатта, Худо, ки дод,

худаш насибашро, ризқу рӯзиашро ҳам медиҳад, валекин дар мукаммал намудани ин силсила инсон ҳам бояд иштирок намояд, ҳаракат кунад, то Худо аз баракоташ насиби онҳо кунад. Мақсаду вазифа танҳо таваллуд кардан нест, балки парвардани кӯдак, тарбияи дурусти ӯ, соҳиби илм гардонидани ӯ ва ҳоказо аз масъулияти волидайн аст, ҳамаи ин дар зиммаи инсон аст.

Мақсад ин нест, ки аз додаи Худо, ки дар асл аз хоҳиши мо вобаста буд, сар кашем, балки дар он аст, ки аз чизи додаи Худо сипосгузор бошем, онро дуруст истифода барем, сарфи беҳуда дар он накунем ва дар ҳолати содир шудани хатоӣ ва ё ноқисӣ, айбро на дар дигарон, балки дар худ бинем, онро қабул ва ислоҳ намоем.

*Ҳашт фарзанд аз даҳе туллоб буданд,*
*Дар хати хулқу сиришт ноёб буданд.*
*Сар бигиру бар сари дигар бизан,*
*Гар набошад хулқу атвораш ҳасан.*
*Кулли маъҳад з-ингуна бад ворисон,*
*Мекашиданд сад оҳу сад фиғон.*
*З-ин сабаб рӯзе мударрис дар ҳалаш,*
*Боз фиристод хат-паём бо таклифаш.*
*Дар паёмаш дод салому кард нуқул,*
*Ҳолати бад шуд кашфу гашт нузул.*
*Огаҳӣ медод мударрис, гар нашуд*
*Охири кор бад гардад дар убуд.*
*Лек ба ҷойи хондану ояд ба паст,*
*Сад пора кардаву афшонд зи даст.*
*Ай улул-абсор, Худо ҳам мисли ин,*
*Мекунад огаҳ, фиристад мурсалин.*
*То наояд айб аз қавм дар хато,*
*Ҳиҷ наояд пайғоме з-он Худо.*
*Пас, надаррон мактубашро, ай фато,*
*Хон онро, фаҳм кун, рафтор - сазо.*

*Гар намебуд меҳрубону ҷон-ҳафиз,*
*Ал-видо мегуфт бо ҷонаш азиз.*
*Ҷон харидорӣ кунад аз баҳри ту,*
*Кош ту фаҳмӣ раҳматаширо, ай аду.*

Зан даҳ фарзанд дошт, ки ҳашт нафари онҳо дар мадраса таҳсил мекарданд. Лекин хулқу атворашон, сухану рафторашон ҳамчунин бад буд, ки тамоми мадраса - талабагону мударрисон аз дасти онҳо ба дод омада буданд.

Барои пешгирӣ намудани ин ҳолат мударрис қарор дод, ки ҳатман волидони онҳоро ба мадраса даъват намояд ва ҳолро гӯяд. Хате фиристод ва дар он аҳволро иброз дошт ва таъкид намуд, ки агар чорае наёбанд, оқибати кор хуб нахоҳад шуд. Валекин модар ё аз серкорӣ, ё аз ҷаҳолат ва ё пурра дарк накардани охири кор номаро нахонд, пора-пора карда, ба кунҷи хона партофт.

*Авлиёро мусхарон хидмат баранд,*
*Пардайи хуф назди абсор медаранд.*
*Чашми сар не, чашми ақлу вопасин,*
*Машварат доранду корҳо андарин.*
*Мухтасар аз шоҳидон аҷсоми даҳр,*
*Куллиянду қатраҳои обу наҳр.*
*Ҳар яке з-аҳволу мавқеъ як ба як,*
*Медиҳанд ҳушдору ақлро сад дарак.*
*Он зане, ки дарронд хатро аз ғазаб,*
*Кай донад ақли муршид дар заҳаб?!*
*Чашми инсон кай тавонад он бидид,*
*Ки тавонад дид ақли он ҳабиб?!*
*Дидани чашм ченаки гар санг бувад,*
*Дидани ақл дуру сад фарсанг бувад.*
*Чашм тавонад дидани атрофи хеш,*
*Маъниро абсор занад сӯзан ба неш.*

*Ин аён шуд муршиди некномро,*
*Пас, бисӯзонд он хаёли хомро.*
*Гар наояд кӯҳи ноҷунбон ба ту,*
*Тез хезу назди вай рав, ай абу.*
*Ар аён аст, ки наорад кор барор,*
*Бозгушову ақли навро андар ор!*
*Ин шуду аз ин нишонҳо он ҳалим,*
*Рафт ба наздшон бо паёмҳову салим.*

Инак, мударрисро, ки ақлу хирад беш буд, аён шуд, ки зан метавонад паёмро нахонад ва ё хонад ва аз ғазаб онро дарронад, ки дар асл, ҳамин тавр ҳам шуда буд. Ба ҳар ҳол, ҳушу ақлу идрок ва ҳоказо, ки ин ҳама мусхаранд инсони дурустро, воҷибан мударрисро аз ин ҳол бохабар сохтанд. Пас, мударрис қарор дод ва назди онҳо рафт.

*Дод салому гуфт, ки "Ай, зан, ман паём*
*Нозилат кардам ба пешат бо салом.*
*Лек ҷавобе ногирифта бо хатар,*
*Амри дил шуд наздат оям бо назар.*
*Ман муъаззаф бо ту гӯям дарди дил,*
*То гушояд сарбандҳо з-ин чигил.*
*На зи худ тарсам, валекин баҳри ту*
*Мехӯрам хуни ҷигарро, ай аду.*
*Ки нашояд рӯзи дигар аз хизон,*
*Шунавӣ "Алам…" ба таъкид, ай фулон?!*

Бале, он нома, ки оид ба рафтору кирдори бади фарзандҳо буд, на барои мударрис, балки барои раҳоӣ ёфтан аз ин мушкилот буд, ки ӯ мехост бо волидони онҳо машварат созад. Муаллим метарсид, ки агар ҳозир пеши онро нагирад, пас дер мешавад ва хазоини (ҷинҳо, саҳобагон, хидматгузорон) Ҷаҳаннам (дӯзах) рӯзе аз онон, ки тобеъи фармони Худо нашуданд ва амри ӯро рад карданд

ва аз некӣ ва рушд даст кашиданд, суол мекунанд: "Алам яътикум назир?", яъне, (ай бехабарон) Оё назди шумо ягон тарсонанда (хабардиҳанда аз қатори паёмбарон) нафиристода шуда буд? (то ки шумо аз охири кору аҳволатон бохабар мешудеду аз ин корҳои бад даст мекашидед ва сазовори Ҷаҳаннам намешудед). Сураи "Мулк", Ояти 7.

*Ҷойи рустӣ нест, ки ин чашми кӯр,*
*Нобинои атрофу аз худ нест дур.*
*Зираро дар чашми дигар диданист,*
*Фонаро аз чашми худ нокандaнист.*
*Мафтуни айбу муаммо аз дигар*
*Лек зи нуқси хеш, ҳайҳот, даргузар.*
*Ончи дар худ аст, набинад ҳич гоҳ,*
*Мустаъид аст, то кунад пӯст пур зи коҳ.*
*Ӯ надонад, он чи кобад дар дигар,*
*Ин ҳама дар худ будаст, дар худ нигар.*

Валекин шахси нодон ҳич гоҳ айбро дар худ намебинад. Акси ҳол, аз тангии хирад ба ҷойи он, ки гӯш диҳаду таҳаммул ва чораҷӯйӣ кунад, баръакс тайёр аст, ки коҳро зери пӯсти дигарон ҷой диҳад.

*Аз шуниди ин суханҳо бемағз зан*
*Гашт ҷангӣ, кард таҳдид бо ҳазан.*
*Шуд рӯяш аз ғубори қаҳри тунд,*
*Асваду чира бар акси ақли кунд.*
*Ҷойи он, ки сабр орад он ҳадид,*
*Дар тану рӯяш ғализӣ медамид.*
*"Дар қадар"- гуфт "ман муаззаф насл диҳам"*
*Ҳамқадам, ҳамдам ин васл бо раҳам.*
*Касби ман ҷонбахшӣ асту хулқи ӯ,*
*Дар мақоми касби ту аст, ай аду!*

Мударрис, ки аҳли илм буду маърифат, ба суханони ин зан, ки "вазифаи ман насл додан аст, аз они ту бошад - илму тарбия аст" мегуфт, чунин ҷавоб дод:

*Рост гӯйӣ, ту мукаллаф, ин зи туст,*
*Касби ту аст зойиши тан аз нахуст.*
*Лек боғбон то наёрад санг бурун,*
*Ҷой надҳад навниҳолро андарун.*
*Баъди он ҳам поруро бо хок яке*
*Мекунад, то нарм гардад андаке.*
*Гар нашуд эҳё шароит баҳри вай,*
*Аз куҷо сабзад шакартан баҳри най?!*
*Ар нашуд ҷӯйбор равон таҳти қадам,*
*Аз куҷо орад фавокиҳ, ай адам?!*
*Гар табар нахӯрд каҷҷии танаш,*
*Аз куҷо рост шуд ин каҷ қоматаш?!*
*Ҳар замон гар ту нашӯйӣ пӯсти ӯ,*
*Мехӯрад ин кирму ин мӯр, ай аду!*

Мударрис ин масалро миён овард, ки парваридани дарахти мевадиҳанда ҳам кори аҷиб аст, ки танҳо дар шинондани дарахт нест, балки аз тайёр намудани ҷой (хок, таркиб, уфуқ ва ҳоказо) ва баъдан дар нигоҳубини вай аст, то ки сабзад, авҷ гирад ва ҳосили ширин ва зиёд диҳад. Пас, ин масалро мударрис чунин хулоса намуд.

*Ман тавонам даҳ дигар аз ин масал,*
*Бар ту орам дар идоми ин васал.*
*Лек ҳисобам ҳикмати ин кофӣ аст,*
*З-ин ҳама "оварданиҳо" рофӣ аст.*
*Ин мударрис, ин китобу воқеъот,*
*Ин калид аст, ин асбоб аст барот.*
*Пас, аҷибтар з-ин ҳама, ай хонума,*
*Ту ҳам асбоб дар радифи мо ҳама.*

*Кулли асбоб дар кор омилиянд,*
*Он, ки таъсир бар қадарҳо мекунанд.*

Яъне, мударрис таъкид намуд, ки ин ҳама, хоҳ муаллим бошад, хоҳ китоби ҳидояткунанда ва хоҳ волидайн (ки сабаби пайдошавӣ ва нузули фарзанданд), ҳама асбобанд, ки якҷоя омили таъсирбахшро, муҳити парваришро ва тарбияи хуб ва созандаи хулқро ба вуҷуд, меоваранд. На ин ки "кори ман зойидан; кори мударрис - илм додан; кори дигар - тарбия намудан" бигӯем ва баҳона пеш оварем, балки ин ҳама асбобу омилҳои неканд, ки дастҷамъона ва ҳамдамона ин муҳитро муҳайё созанд.

*"Ли таъоруф…" ин ҳама офардаҳо,*
*Саъю кӯшиш харҷ баранд ин бандаҳо.*
*Ин на ин аст, ҳар яке баҳри худаш,*
*"Омаду рафт" мекунад бо сояаш.*
*Инсонро баҳри инсон офарид,*
*Тоқро кард ҷуфту афзуд, ай рашид.*
*Гар намебуд тоқро ҷуфти худаш,*
*Аз куҷо пайдо шавад ин ҳамааш?*
*Кори як нест, саъйи ҷуфт аст, ай мурид,*
*К-ин ҳама аз ҷуфт, на аз тоқ офарид!*
*Пас, бояд фаҳмиву саъйе кунӣ,*
*Дасти некхоҳро бигирӣ, ай ғанӣ.*
*Гар нагардем аҳлу дар кӯшиш яке,*
*Мегазанд моро дигарҳо чун саге.*

Бале, дар кӯшишу ғайрат баҳри такмили хулқу илми фарзанд ва ё кори хайр, инсон бояд бо инсон таъоруф (рафту омад ба хотири рушди тарафайн ва мубодила) намояд. Дар Қуръон ҳам омадааст, ки Худо ҳамаро аз як марду зан офарид ва ба қабилаҳову шуъбаҳо (яъне, нажоду миллат, гурӯҳҳои забонӣ ва ҳоказо) тақсим намуд, то ки онҳо бо

якдигар таъоруф намоянд. Яъне, бахри рушди оянда бо якдигар рафтуомад кунанд, равобити ҳамаҷонибаро мустаҳкам намоянд ва ҳоказо.

Таъкиди қуръонӣ ва мударрис аз он буд, ки ҳама баҳри анҷоми як кор ҳамдасту ҳамдил бошанд, то ки нафъ ҳамаро расад. Ва ҳатто дар иҷро намудани вазифаи хеш инсон набояд аз хотир фаромӯш кунад, ки як худаш манбаъи офариниш ҳам шуда наметавонад ва дар он ҳатман дигаре аз ҷуфташ иштирок намояд. Албатта, дар кори хайр бояд ҳама иштирок варзанд, зеро мақсади ҳама некхоҳон як аст.

*Боз бидон, ай зан, дар некӣ ҳасад,*
*Волидайнро нафъи аввал мерасад.*
*Гар писар ояд дар рафтор ҳалим,*
*Мар туро ояд раҳмат бо салим.*
*Гар бигардад дар раҳи рост каҷ писар,*
*Дар шабеҳ донанд мардум мисли хар.*
*Лаънате хонанд на бар ӯ, бал ба ту,*
*Бар падар хонанд лаънат, ай аду.*
*"Нактубу ма қаддаму… осораҳум…"*
*"Сумма, инна алайна ҳисобаҳум"*

Яъне, мударрис ӯро ёдрас намуд, ки тарбияи хубу дониши аъло гирифтайи фарзанд аввал барои худи волидайн нафъ мебахшад, на ба мударрис.

Гап сари он, ки дар мисоли Ояте аз Сураи "Ёсин", Худо он чиро, ки инсон кардааст (қаддаму) ва асари онро (осораҳум) баъди рафтанаш, ҳамаро менависад (дар китоби аъмол) ва агар фарзанд баъди рафтани волидайн бо рафтори бадаш хотири дигаронро тира намояд ва дигарон дуои бад кунанд, ин ҳама ҳам дар Номаи Аъмоли фарзанд (қаддаму) ва ҳам дар номаҳои аъмоли волидайнаш (ҳамчун мероси бад монда ва асари он) навишта мешавад ва нисбати он ҳам фарзанд ва ҳам волидайнаш ба ҷавоб кашида мешаванд ("ҳисобаҳум", аз Сураи "Ғошия").

*Чизи дигар, пас бидонад ин писар,*
*К-илму рафтораш кунад ӯро асар.*
*Он, ки донист роҳи қаҷу роҳи рост,*
*Интихоби роҳи росташ, пас равост.*
*Он, ки фарқро аз ҷаҳолат, пас надид,*
*Дар раҳи рост ҷойи рост рафтан, хазид.*
*Ингуна ӯ кутаҳиро тавл, ки дид,*
*Бо хазидан ӯ пагоҳ мақсад расид.*
*Дар ҳалол ёфтан маъошро ин писар,*
*Даст кашад, созад машокил, бехабар.*
*3-ончӣ нест, сохтан машокил - ҷоҳилист,*
*Интихоби ҷоҳилӣ худ аблаҳист.*
*Гар надорад хулқи зебо замми ин,*
*Кош баҳраш мекафид дучанд замин!*

Дигаре ин аст, ки ҳар як фарзанд бояд донад, ки илм андӯхтану хушрафторӣ намудан ва ҳоказо ба худи фарзанд лозим аст, то ки роҳи худро дар ин зиндагӣ ёфта тавонад. Албатта, он, ки ин роҳро интихоб намуд, аз фарқиятҳо бохабар мешавад ва роҳи ростро барояш интихоб мекунад. Аммо нодон (ҷоҳил), мутаассифона, аз беилмиву бадрафторӣ роҳи росту осонро монда, барояш роҳи каҷҷу дарозро (тавил) интихоб мекунад.

*Ин бигуфту кард ваҷфе он амин,*
*То бубинад зан чӣ бардошт аз замин?*
*Гар сухан тухм аст, маънӣ пардапӯш,*
*Мешукуфад баҳри занбӯр сими нӯш.*
*Маъние бо маъние гар як нашуд,*
*Ҳосили нопухтае орад вуҷуд.*
*Ғӯраи он норасида, чист илоҷ?*
*Гар ба доман сабзу талхӣ шуд хироҷ.*

*Дар ривоят аз Паёмбар шуд хабар,*
*Сухане гӯй ту ба Инсон, на ба Хар!*
*Ту ба он шахс гап бизан, ки гӯш диҳад,*
*На ба хар, ки ёди ҷавро мекунад!*

Яъне, мударрис хост бидонад, ки аз он чизе, ки ӯ ба зан нисбати фарзандонаш гуфт, аз он панде, ки ӯ дод, оё зан ягон хулосае бароварда бошад ё на? Албатта, сухан гуфтан ҳатмист, аз он ҳам ҳатмитараш - таъсири он аст: чӣ мазмуне бардошт ва чиро интизор шудан мумкин аст аз он шахс.

Баъдан, вобаста аз шароит шахс бояд донад, ки бо кӣ сухан гуфта истодааст. Дар яке аз ҳадисони Паёмбар омадааст, ки шахс бояд ба он шахс муроҷиат кунад ва сухан гӯяд, ки тайёр аст ба ӯ гӯш диҳад, панд гирад, на ба оне, ки ёду ҳушаш тамоман дар куҷои дигар аст.

*Зан ҷавоб дод: фаҳмидам, ки масъулам,*
*Дар қазову тақдираш ман маъмулам.*
*Ин ҳама хуб аст, валекин интизор,*
*То ту орӣ аз вазоиф чанд нигор.*
*Худ бигуфтӣ, мо ҳама ҳамбастаем,*
*Як гули зеборо баргу дастаем.*
*Гар яке барг аст, дигар хори тан,*
*Гар яке ранг аст, дигар бӯйи тан.*
*Бе ину он, ин гул нагирад аз ҷамол,*
*Мугчааш резад, наояд бар камол.*

Зан, аҳамият, мақом ва ҷойи худро дар тарбияи фарзандаш дарк намуд, валекин барои пурра гаштани фаҳмишаш, аз мударрис пурсид, ки мо фаҳмидем, ки чӣ бояд кунем, валекин, мехоҳем донем, ки ту чиро бояд кунӣ?

*Ай, аҷаб, нохонда маънӣ аз калим,*
*Мекунад қоил якеро андар илм.*
*Гар китоб мехонд, шояд ин ҳусун,*
*Мегирифт боло ба шайхон бо фузун.*

*Пас аҳсан мар касеро, ки кунад*
*Сад гӯшу як калима мезанад!*
*Ин беҳтар аз ҳазор лофе, ки бохт,*
*Чун зарар бинад, ичборан битохт!*
*Шуд муаллим қоили фаҳмиши зан,*
*Хонд саловот, пас, бигуфташ сад ҳасан.*

Беҳтарин аз аъмол вақти муоширaт бо дигарон - гӯш андохтан аст. Мегӯянд, ки бисёртар гӯш кунед, тезтар фикр кунед, камтар гап занед. Ин на танҳо эҳтироми дигарон аст, балки, аввал, сайқал додани сабру тоқат аст. Касе шитофт, дар аксари ҳолатҳо ба хатоҳо роҳ медиҳад.

Дуввум он чи ки вақти гӯш додан шояд вақт фароҳамтар барои фикр намудани ҷавоб пайдо мешавад ва ҷавоби саҳеҳ дар он бошад?! Оё бисёр гӯш додану камтару саҳеҳтар ҷавоб додан беҳтар аз фикр нокарда, саросемавор сухани беҳуда гуфтану дар чашми дигарон аҳмақ намудан нест магар?

*Рост гуфтӣ, дар тариқи илму фан,*
*Ҳам мударрисон ба хидмат холисан.*
*Дӯши мо ҳам бор зи масъул хам кунад,*
*Бас ҷигарҳо хуну чашмон нам кунад.*
*Ҳосили мост ин дарахти мевадор,*
*На ки хушкаш, ки кашад моро ба дор.*

Албатта, мударрисон ҳам дар тарбия ва додани илму фан муаззафанд ва хело сермасъул. Ҳар як мударрис аз санҷидани кори хонагӣ ва ё санҷишҳо, шабҳои дароз болойи кор аст ва аз пешрафт ва ё пасрафти шогирдон шод ва ё ғамгин мешавад.

Толибе, ки соҳиби ақлу хирад гашт, мисли дарахтест, ки бори зиёде ҳосил меоварад, ки мударрис ҳам аз он бенасиб намемонад. Валекин шогирди беилму бетарбия мисли дарахти хушк аст, ки ба ғайр аз чӯби дор дигар аз он баҳрае нест.

*Умри инсон аз фаслҳо таркиб аст,*
*На пиёда, бал бар омил рокиб аст.*
*Фасли аввал гар зи батну модараш,*
*Фасли дигар чодари илм дар бараш.*
*Тули ин фасл аз авомил хидмате,*
*Метавонад бурд зи ашхос ҳар яке.*
*Пас, бикӯшед хидмате кард холисе,*
*То барад нафъе зи хидмат ҳар яке.*
*Баҳри худ не, баҳри дигар ҷонталош,*
*Ҷон супоред, ҷон бубахшед аз барош!*
*Ар ба нафъи хеш аъмол содир аст,*
*Ин риёкорӣ, на баҳри Қодир аст.*
*Пас, Ҳаҷҷу ин закоту ин салот,*
*Соимӣ баҳри Худо аст, на барот.*
*Кун ту коре, пас, бидон маънии он,*
*Шав муборакбор байни маҳсулон.*

Инсон набояд фикр кунад, ки дар паймудани роҳи ҳаёт вай яккаву танҳо аст, балки барои камолоту рушдаш Худо аз мухталифон, аз кулли омилҳо барояш асбоб кардааст.

Ҳаёти инсон, чи қадаре ки тулонӣ набошад ҳам, аз фосилаҳои муайян таркиб гаштааст ва дар ҳар як фосилаи муайян, баҳри инсон ашхосу асбоби мухталифа хидмат мекунанд. Масалан, гар асбоби вуҷудаш Худову батну таваллуду парвариданаш аз модар бошад, пас дар фосилаи дигар, инсон рокиби (яъне, дар зиммаи) мударрисону муаллимон мегаштааст, ки ҳама баҳри ӯ хидмату заҳматҳо мекашидаанд.

Бино бар ин ҳар як инсон бояд холисона (аз таҳти дилу бо нияти пок) баҳри дигарон хидмат кунад. Шахс набояд фаромӯш кунад, ки он чиро, ки ӯ ба худ ва дигарон мекунад, имрӯз, пагоҳ, ё фардо баргашта ба худаш меояд: некӣ намояд - бармегардад, бадӣ кунад ҳам - бармегардад.

Гар инсон ҳама корро танҳо барои нафъи худ кунад - ин

аввалан, худситоишӣ аст, худбинӣ аст ва аз қатори риёкорист (худнамоишӣ).

Пас, инсон аввал хидмати дигаронро кунад ва баъдан, ҳатто дар ҳамин кор ҳам, вай бояд донад, ки ин ё он корро баҳри кӣ ва баҳри чӣ карда истодааст.

*Гар бихонӣ ояте баҳри дигар,*
*Пас, чаро ту нигаронӣ аз хабар?*
*Гар набурдӣ маъние ту аз рукуъ,*
*Пас, чаро ту нигаронӣ аз вуқуъ?*
*Гар надонӣ мазмуни ин саҷдаро,*
*Пас, чаро ту нигаронӣ муждаро?*
*Гар накардӣ аз саловот як рафоъ,*
*Пас, чаро уммед бастӣ аз шафоъ?*
*Гар надонӣ аз малоик ҳиҷ калом,*
*Пас, чаро додӣ бар атроф ту салом?*
*Ин "гар"-у "пас"-ҳо надоранд охире,*
*Гар надонад шахс зи аъмол маъние.*
*Ин аст мазмуни "вайл…" дар Ояте,*
*Ки ҳамегуфтам зи тафсир ҳикмате.*
*Бахшише пурсам зи муқрӣ чун дароз,*
*Кардаам ман ҳикматашро мисли роз.*
*Ин ҳама баҳри ӯ буд, то маъниро*
*Фаҳмаду ҳушёр кунад "бомаъниро".*

## Ҳикояи ҷавоне, ки лаби оби дарё нишаста, нонпораҳоро мепартофт ва мегуфт, ки "Ҳар чи кунӣ, бо худ кунӣ" ва муҷодалаи вай бо аҳли салот оиди сифати самадии Худо ва ё тобише аз тафсири Ояти "... ва ман тазакка, фаиннама ятазакка линафсиҳи..." (Ояти 18, Сураи "Фотир").

*Мо ҳамехонем бар аслаш ояте,*
*Лек нафас орем ба саддаш "шояде".*
*Ҳадди маънӣ гар чуқур аст, аз шино,*
*Хавф орем, то нагӯтем, ай фато…*
*Ҳафт паҳлу дорад аз он ҳар якаш,*
*Нарасад гар даст орӣ бар тагаш.*
*Пушти моҳӣ ту расида "қаър" магӯ,*
*Боз нагардӣ латти каҳраш, ай абу?*
*Гар ту ёфтӣ сирри моҳӣ, пас бидон,*
*Қаър поёнтар ва моҳӣ андар он.*
*Қаър, ки ёфтӣ, ҳеҷ магӯй, ки "қаър" ин аст,*
*Он, ки надид зери "қаъраш" - худбин аст.*
*Пас бидон, ки зери "қаъраш қаърҳост",*
*Гар надонӣ, пас хамӯшият равост!*

Бале, ҳар як гуфта сад паҳлу дорад ва ногуфта - сад асрор. Он чиро, ки мо медонем, ин ҳамагӣ болои яхпора аст. Мо мепиндорем, ки чизеро медонем, валекин чизеро комилан донистан номумкин аст. Он чизеро, ки мо "комил" фикр мекунем, дар асл, комилиҳои дигаре дорад, ки ҳадди онро

мо танҳо бо садди "шояд" тасаввур карда метавонем.

*Бар висоли ганҷи маънӣ ар равӣ,*
*З-ин масал аз маънӣ маънӣ мебарӣ.*
*Нур ало нур, нури дигар аз ақиб,*
*Пайрави нури дигар аст, ай рақиб.*
*З-ин бигӯяд он Худоят "… то ба нур"*
*Кун ту моро "… мин зулумот"-ҳо нушур.*
*Ҳеҷ магӯ, ки комил аст илмат бар он,*
*То нагардӣ дармонда андар он.*
*Ҳар зӯрро зӯре аст андар қазо,*
*Он, ки зӯр омад, ба зӯр гардад адо.*
*Инчунин аст маънии "мо меравем",*
*Аз ақиб ояндагонро мебарем.*
*Вориси тақдири пешояндагон,*
*Худ шавем мо аз ақибгоҳҳо равон.*
*Пас, ки омад аз ақиби мо, равад,*
*То ки ҷойро бар дигарҳо боздиҳад.*
*Гардиши давр инчунин аст, то нарафт,*
*Дигаре н-ояд бо атраш ҷойи тафт.*
*Дар лаби наҳр баччае бо пора нон,*
*Менишасту менгарист бар акси ҷон.*
*Акси худро дида дар об пораро,*
*Мепартофт канда аз он чораро.*
*Ҳар гаҳе медид пора бар об расид,*
*Худ ба худ мегуфт чиҳое он рашид.*
*Ин замон мерафт имом аз назди ҷӯй,*
*В-ин шуниду дил ҷаҳид дар ҷустуҷӯй.*
*Гашт ба фарсанг баччаро ӯ анқариб,*
*То бифаҳмад, ки чӣ мегуфт он рақиб?!*
*Дар аҷал омад аз лафзи банӣ,*
*"Бо худ кунӣ, ҳар чиро, ки мекунӣ!"*

Ҷавонмарде лаби наҳр нишаста, нони бо худ доштаро пора-пора мекарду бо суханони "Ҳар чиро, ки кунӣ, бо худ мекунӣ" гӯён ба об мепартофт. Имоми маҳалла наздикаш омад, аз ҳолат бохабар шуд ва чунин гуфт:

*Ай банӣ Одам, ин худ чист амал,*
*Маънии биброр, ки дорад сад ҳамал.*
*Нон баройи хӯрданӣ, на сӯйи об,*
*Ботил аст партофтани он бар сароб.*
*Мар уволе боз нагирад з-ин сабаб,*
*Худ нагирӣ баҳрае аз ин саваб.*
*Пеша гир пас кореро, ки баҳри худ,*
*То биёрад баҳраву суд, ай ануд.*
*Ончиро кун баҳри худ не, баҳри Ӯ,*
*Дӯсти худ шав, на ки душман, ай аду.*

Яъне, аз ин кори ҷавонмард имом ба ҳайрат омад, маъние надид ва тавсия дод, ки ӯ кореро кунад то ӯро нафъу суд диҳад ва даъват намуд, ки баҳри Худо корҳоро анҷом диҳад. Ҷавонмард чунин ҷавоб дод:

*Рост гуфтӣ, ай мударрис, охират,*
*Беҳтар аст моро зи улойи тамат.*
*Лек бихоҳам бар суолат назди ом,*
*То диҳам ман ин ҷавобро бо тамом.*
*Як гӯш беҳтар, валекин ҳафти он*
*Ҳафт ақлро корандоз он замон.*
*Аз ризогӣ баргирифт дасти варо,*
*Маслаке овард ба масҷид ҳар дуро.*

Бале, охират - беҳтар аст аз уло (Сураи "Зуҳо", Ояти 4), яъне охирати инсон баҳтар аст барояш аз ин дунё, ки тамат (тамомшаванда) аст ва охири кор беҳтар аст аз ифтитоҳаш.

Ҷавонмард розӣ шуд, ки ҷавоб диҳад, вале шарте гузошт, ки ҳамаро (омро) аз ин манфиъат бахшад ва Имомро даъват

кард, ки ӯро ба масҷид барад, то онҷо посух диҳад. Имом ҳам розӣ шуд ва ҳарду ба масҷид рафтанд.

*Шуд Имом вориди омма бо салом,*
*Кард муарриф баччаро бо издиҳом.*
*Аз ҳаводис нақли ҳол кард он ануд,*
*Пас, ба минбар баччаро дархост намуд.*
*Бо паёму бо саловот бар Расул,*
*Ифтитоҳ кард оятеро дар нузул.*
*Хонда Оят аз дуви Ихлос, рашид,*
*Бар "самад" ҳушҳоро ӯ бозмекашид.*
*Бениёз аст, - гуфт, надорад эҳтиёҷ,*
*Баҳри кисту баҳри чисту чист илоҷ?!*
*Рукни динро саъю кӯшиш харҷи мост,*
*Фикри он, ки "бониёз" аст, пас равост?*
*Бешумур махлуқ рӯзу шаб варо,*
*Мебаранд сархам бо ин саҷдаҳо.*
*Баҳри кист пас саҷдаҳо, ар нест ниёз,*
*Баҳри ман аст, баҳри ту аст, ё Фаёз?*

Оре, Худо Самад аст (Сураи "Ихлос", Ояти 2), яъне бениёз аст ва эҳтиёҷ бар касе ва ё чизе надорад, пас ҷавонмард ба аҳли масҷид, ба одамон, суол дод, ки барҷой овардани аркони Ислом пас барои кист ва ё барои чист? Охир, на танҳо инсон, балки тамоми мавҷудоти офарида шуда, ки шумур надорад, ҳама шабу рӯз дар тасбеҳу дар саҷдаи Офаридгор ҳастанд, то ки мо, одамон, фикр мабодо набарем, ки мо танҳо Худоро ёд мекунему халос. Пас, ин кори мо чӣ мазмун дорад ва кӣ ба кӣ ниёзе дорад: Худо бар инсон ва ё инсон ба Худо?

*Ваҳми он Рӯз мегирад кулро фаро,*
*Мекунад сарро ҷибори саҷдаҳо.*
*Гар намебуд ваъдае аз оқибат,*
*Пас, куҷо мекард инсон фикри тарт?*

*Гар намехост додани ҷон дар азоб,*
*Аз куҷо мегуфт "Курсӣ"-ро савоб?*
*Аз куҷо мекард сад даъво бар он,*
*"К-ай, Худоё, ту маро танҳо намон!"?*
*Гар наметарсид аз уқбойи қабр,*
*Аз куҷо мехонд калима марди габр?*
*Ин масалҳо зойиданду пас чаро*
*Мекунам такрор зи "Моъун" ваъдаҳо?*
*Пас, бигӯед, ай мусаллин, баҳри кӣ*
*Ин закоту ин салоту ин закӣ?*
*Баҳри вай аст, баҳри мо аст, баҳри кист?*
*Бениёзро бониёз гуфтан зи чист?*

Бале, ҳар коре, ки инсон ба охир мерасонад, ҳадаф, мақсад, иҷроиш ва савоб дорад ва маънӣ. Дар Сураи "Моъун" омадааст, ки, мазмунан, "козиб", яъне дурӯғ шумурандаи Рузи Қиёмат, онон, ки меронанд ятимеро бо баҳонат, намедиҳанд бечoраро таъоме, риёкорӣ (худнамоишӣ) мекунанд вақти иҷроиши ягон кор ва аз додани моъун (асбоби хонаводадорӣ) даст мекашанд.

Албатта, шахсе, ки ба Рӯзи Қиёмат бовар надорад, баробари он аст, ки ба Худо бовар надорад. Пас, Худо онҷо хулосае мебарорад, ки "Вой бар аҳволи чунин намозгузорон, ки аз намози гузоштаи худ хабаре надоранд (маъние набардоштанд)", яъне, таъкид бар он мекунад, ки ин намозу ин закоту ва ин дигар аз аркони дину шариъат, маҳз барои беҳтар шудани аҳволи инсон аст, барои "закӣ", яъне руҳан пок шудани инсон аст ва ин ҳама танҳо барои худи инсон ва барои беҳтар намудани равобити байни одамон аст, на барои Худо, ки эҳтиёҷ бар ину он надорад.

Инсон бо ин ҳама иҷроишҳо, агар маънирo дуруст дарк карда бошад, барои беҳтару бештар густариш додани равобити байниҳамдигар, барои бештар намудани ҳолу аҳволи худ бояд иҷро намояд, яъне барои нафъи худ ва нафъи ҷомеъа.

Валекин, аксарин ин амрҳоро, фикр мекунанд, ки барои Худо лозиму шарт аст, кунанд ва ё дар ёди тарси қабру Ҷаҳаннам ба иҷро мерасонанд.

Пас, ҷавонмард чунин давом дод:

*Ояте ҳаст ҳаждаҳум, дар "Фотир" аст,*
*Дар савоби гуфтаҳо Ҳақ гуфтааст:*
*"Ҳар, ки пок шуд, пас, ҷуз ин нест баҳри худ,*
*Баҳри нафъаш пок шавад" ӯ дар вуҷуд!*

Мазмунан ва дар тафсири ин Оят чунин омадааст, ки Паёмбар бимдиҳанда (ҳушёркунанда, хабардиҳанда, нигаҳдорандаи) он ашхосе аст, ки ғоибона аз Худояшон метарсанд ва намоз (салот) барпо мекунанд. Ва ин ҳам бошад, дар давоми ин Оят омада, барои он ки ин ду амали овардашуда инсонро пок мегардонад ва ин покӣ танҳо барои нафъи худи инсон аст.

Ҷавонмард чунин мавъизаи худро оиди "Ҳар чи кунӣ, барои худ мекунӣ!" чунин итмом намуд:

*Хоҳ ба хайру хоҳ ба шарр анҷоми кор,*
*Гашта орад маҳсули сад ганҷ бор.*
*Заррае ар мисли мисқол хайру шар,*
*Маҳсулашро наздат оранд дар назар.*
*Пас, бидон, ки дар натиҷа феълу хӯй,*
*Мекунанд туро дар он Рӯз ҷустуҷӯй.*
*Пас, ба худ кунӣ чиро, ки мекунӣ,*
*На Худоро, ки зи Ӯ фикр мебарӣ.*

## Мундариҷа


Пешгуфтор.......................................................................3

Ҳикояи маъюбе, ки бо чашми нигарон ва уммед аз раҳмати Худо мезист ва ё тобише аз Ояти "... ахазнаҳум бағтатан ва ҳум мублисун" (Сураи "Анъом", Ояти 44)...............................7

Ҳикоя оиди оне, ки на ҳама вақт дӯст дӯстӣ ва душман душманӣ мекунад ва ё тобише аз тафсири Ояти "Раббано, ма атғайтаҳу..." (Сураи "Қоф", Ояти 27)....................................12

Ҳикояи зане, ки бар зани "кунсӯхта" "Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд!" гуфт ва тобише аз тафсири Ояти "Фаасбаҳта кас сорим" (Сураи "Нун" (ва ё "Қалам"), Ояти 20)......................16

Ҳикояи пире, ки мегуфт: "Баъзан кулӯх аз санг беҳтар аст!" ва ё тобише аз тафсири Ояти "... фаҳия кал ҳиҷароти ав ашадду қосваҳ..." (Сураи "Бақара", Ояти 74)....................................22

Ҳикояи шахсе, ки ҳезум баҳри оилааш дуздид, валекин падараш аз ин бохабар шуда, Ӯро огаҳ карда гуфт "Аз оташе битарс, ки..." (Сураи "Бақара", Ояти 24) ва ё тобише аз тафсири Ояти "... қу анфусакум норан вақудуҳан нос ..." (Сураи "Таҳрим", Ояти 6)...........................................................28

Ҳикояи пирмарде, ки бо дарахти садсола оид ба таҷрибаи ҳаёти он дарахт сӯҳбат ороста буд ..........................................33

Ҳикояи Шайхи як деҳа, ки шири табиатан сапедро назди мардум сиёҳ эълон намуд ва аз он рӯз ҳамаро маҷбур кард, ки ширро дигар сапед нахонанд. Ва ё маънии Ояти "... ва яҳсабуна аннаҳум ъала шайъ..."....................................................46

Ҳикояи фарзанде, ки аз накӯномии падараш фоида мегирифт.......................................................................52

Ҳикояи саги думбурида...............................................62

Ҳикояи имом ва нобиное, ки оиди "Кӣ кӯртар аст?" баҳс мекарданд.......................................................................69

Ҳикояи шахсе, ки аз сабаби газидани як занбӯр тамоми дигар занбӯронро куштанӣ буд...............................................75

Ҳикояи шахсе, ки "дар" мегуфт, вале ҳамсуҳбаташ - "девор".........................................................................79

Ҳикояи море, ки паррандаро маслиҳати тухму авлод мекард, ки гӯё ин аз меҳрубонии мор буд......................................82
Ҳикояи шахсе, ки ба бузи меросиаш аз нодорӣ доимо "Бузакам, намур, ки баҳор меояд!" мегуфт............................85
Ҳикояи он ҳакиме, ки ғарибиро аз Худо металабиду худ аз махлуқин дурӣ меҷуст.................................................88
Ҳикояи ду обиде, ки яке шаброи қадр мекард, дигаре бобояшро, ва ё фаҳмиши он дигаре аз тафсири Сураи "Қадр"................93
Ҳикояи талош байни ҳанафӣ ва шофеъӣ оид ба масоили фитри рӯза......................................................................97
Ҳикояи пире аҷал расида, ки забонаш аз тасдиқоти қарори дилаш даст мекашид ва бо андом меҷангид ва ё тафсири Ояти 65-уми, Сураи "Ёсин"......................................................107
Ҳикояи ду ҳамсоя, ки яке дигареро дар айбҷӯйиву ғайбат кардан кумак мекарданд ва ё тафсири Ояти 1-уми Сураи "Ҳумаза"..........................................................................115
Ҳикояи мӯрчае, ки ба марди оқилу мискин "Ба Худо кумак намо, то ки ба ту кумак расонад" мегуфт ва ё тобише аз тафсири Ояти "Азкурунӣ, фазкурукум..."..........................................119
Ҳикояи шахсе, ки бо Малак-ул-мавт саҳаргоҳ талоши умр кард ва ҷавоби муқарраб аз Ояти "... зоиқат-ул-мавт..." ва тобиши дигаре аз тафсири Ояти "... ва аҳлакно мин қаблаҳум..." дар қурун..........................................................................127
Ҳикояи марди оқиле, ки дар ҷамоъат "Аллоҳу акбар!" гуён дод мезад, валекин аз андозаи аслии бузургии Худо, каме тасаввурот надошт ва ё тобише аз тафсири Ояти "... ва минан носи ман юҷодилу биллаҳи биғайри илмин ва ло ҳудан ва ло китобин мунир" ва ташбеҳи ин ашхос бо савти ҳамир, ки дар Ояти "... инна анкарол асвоти ласавтун ҳамир" омадааст..........................................................................135
Ҳикояи боғбоне, ки зарпечакро решакан мекард, то ки гулони боғаш осоянд ва ё тобише аз тафсири Ояти "...ий яшаъ юзҳибкум ва яъти бихалқин ҷадид" ва қиёси он бо Ояти "Ва ло тамши фил арзи мараҳан"..........................................................................147
Ҳикояи шахси қарздор, ки бар амонат хиёнат кард ва фикр

намуд, ки шоҳиде байни ӯву қарздиҳанда набуд ва ё тобише аз Оёти "... ва кафо биллаҳи шоҳидо" ки бар вазни Ояти "... мо фарратна фил китоби мин шайъин..." аст.............................152

Ҳикояи Маҷнун, ки шаби дароз зери борон дар остонаи дари Лайлӣ менишаст ва аз бераҳмии Лайлӣ фиғон мебардошт ва ё тобише аз тафсири Ояти "...Валлоҳу ярҳаму лиман яшоъу ва юъаззибу ман яшоъ... ".................................................160

Ҳикояи соиле, ки назди дари ғанӣ омад, то луқмае ва амне аз зулми атроф дарёбад ва ё тобише аз тафсири Ояти "... ва ин хифтум ъайлатан фасавфа юғникумуллоҳу мин фазлиҳи... " ...168

Ҳикояи зане, ки соҳиби фарзандҳои зиёде буд ва моҷарои вай бо устоди мадраса оид ба сифати таълим ва тарбияи фарзандҳояш ва ё тобише аз тафсири Ояти "Фавайлул лил мусаллинал лазина ҳум ъан салотиҳим саҳун" (Оятҳои 4 ва 5, Сураи "Моъун", Қуръон)................................................177

Ҳикояи ҷавоне, ки лаби оби дарё нишаста, нонпораҳоро мепартофт ва мегуфт, ки "Ҳар чи кунӣ, бо худ кунӣ" ва муҷодалаи вай бо аҳли салот оиди сифати самадии Худо ва ё тобише аз тафсири Ояти "... ва ман тазакка, фаиннама ятазакка линафсиҳи..." (Ояти 18, Сураи "Фотир")..........................192